ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 339.138 (338.24 (5753)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ХОЛИҚЗОДА АҲЛИДДИН ЮЛДОШ

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисос
**Ихтисоси:** 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.и., профессор Қурбонов А.А.**

**ДУШАНБЕ - 2025**

**Мундарича**

**Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ**........................................ 3
**Муқаддима**........................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

1.1. Моҳияти назариявии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир........................................................................ 17
1.2. Принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир.................................................................. 37
1.3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир.............................................................................. 51

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ИДОРАКУНИИ РУШДИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Арзёбии асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................................. 70
2.2. Таҳлили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................... 82
2.3. Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................... 95

**БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

3.1. Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.......................................................................... 108
3.2. Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.......................................................... 122
3.3. Дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ............................ 135

**Хулосаҳо** ........................................................................ 148
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.................... 151
**Рӯйхати адабиёт**................................................................. 154
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**........................................ 172

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМОҶТ - Ахбори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

АОНПҶТ - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА - Иёлоти муттаҳидаи Амрико

ИА - Иттиҳоди Аврупо

ИИАО -Иттиҳоди иқтисодии Авру Осиё

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХЧ - Ҷумҳурии халқии Чин

ХНТҲИ - Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ;

СБМ - Созмони Байналмилалии Меҳнат

БК - Британияи Кабир

АҒ - Аврупои Ғарбӣ

Бенилюкс - Иттиҳоди иқтисодии Белгия, Нидерланд, Люксембург

СМР 2030 - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ рушди минбаъдаи низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавқеи хосаро дорад. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати дорои захираҳои барзиёди меҳнатӣ бо тамоюли афзояндаи сатҳи таваллуд мушкилоти таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ҷой дорад, масъалаи муҳим дар баланд бардоштани некуаҳволии мардум ба шумор меравад. Дар робита ба ин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба сомон расонида шудааст, ки бар беҳдошти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши ҳалкунандаро бозидаанд. Чӣ тавре, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд “дар панҷ соли охир барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ зиёда аз 19 млрд. сомонӣ равона карда шуд .” [13]

Дар баробари ин новобаста аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳиссаи асосии хароҷотҳои буҷети мамлакат ба бахши иҷтимоӣ рост меояд, низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳанӯз ба беҳбудӣ ниёз дорад. Ҳамзамон қобили қайд аст, ки новобаста аз тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар самти баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир равандҳои бавуқуъоянда дар хоҷагии ҷаҳонӣ, бухронҳои иқтисодиву сиёсии ҷаҳон ба таври назарас ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ таъсир расонид, ки он то андозае ба сатҳи болоравии даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа гузошт.

Дар баробари ин новобаста аз дастовардҳои назаррас имрӯз даромади баъзе табақаҳои иҷтимоии осебпазир аз сатҳи ҳадди ақали сабади истеъмолӣ нокифоя аст. Чунин мушкилот зарурати аз нав дида баромадани низоми ҳифзи иҷтимоиро дар мамлакат дар асоси таҷрибаи пешрафта ва принсипҳои замонавии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ тақозо менамояд.

Дар баробари ин беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосири рақамикунонии иқтисодиёт ба сифати идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва коркарди механизмҳои фаъоли он алоқаманд аст. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ба андешаи мо имкон медиҳад, ки самаранокии минбаъдаи фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ баланд бардошта шуда, фарогирии кӯмакҳои иҷтимоӣ зиёд карда шаванд, ҳамчунин ҳамкории байни гуруҳҳои осебпазири иҷтимоӣ, аҳолӣ, муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ хуб ба роҳ монда шаванд.

Аз ин нуқтаи назар беҳдошти низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити болоравии таъсири омилҳои беруна ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолибияти махсуси илмиро касб менамояд. Ҳамзамон мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии ин низом дар асоси воқеияти нав, дар сатҳҳо ва шаклҳои гуногун пешкаш намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, на танҳо вазъи некӯаҳволии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро боло мебардорад, балки ба дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодиёт низ таъсири назаррас хоҳад гузошт.

Низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, самаранокии тадбирҳои тарҳрезишуда дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими муайянкунандаи имкониятҳои молиявии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баромад хоҳад намуд. Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули низоми комилан муътадили тақсимоти даромадҳо, таъмини адолатнокии иҷтимоӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки хароҷотҳои иҷтимоӣ паст карда шуда, мутобиқшавии пурраи табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба шароитҳои нави муносибатҳои хоҷагидорӣ дар шароити бозор ва ҷаҳонишавӣ хубтар ба роҳ монда шавад. Ҳамаи ин муҳимияти мавзӯи илмӣ-таҳқиқотиро аниқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми иқтисодиёт таҳқиқи масъалаҳои таъминоти иҷтимоии аҳолӣ ва идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии авзоъи иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон ҷолибияти муайяни илмиро касб кардааст ва ин масъаларо дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам муҳимтар гардонидааст. Ба таҳқиқоти масъалаҳои назариявии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муаллифони тоҷик, рус ва хориҷӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Бунёди асоси назариявию методологии таҳлили идоракунии ҳифзи иҷтимои табақаҳои осебпазирро ақидаҳои Тейлор Ф.У., Анри Файол ва шогирдони ӯ ташкил кардаанд. Асосҳои назариявии идоракунии иҷтимоӣ бо таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои идоракунӣ дар коллективҳои истеҳсолӣ дар асарҳои Акофф Р., Вебер М. Бернард Ч., Друкер П., Майо Э., Опнер С., и Саймон Г., ва ғ инъикос ёфтаанд.

Дар рушди назарияи идоракунии иҷтимоӣ дар умум ва анбаҳои алоҳидаи идоракунии равандҳои итимоӣ ва сиёсати итимоӣ олимони зерин саҳми назаррас гузоштанд: Дюркгейм Э., Мертон Р., Парсонс Т., Полани Ч., Хабермас Ч., Рамон Ч. роҷеъ ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Вебер М. дар консепсияи иҷтимоии идоракунии худ бюрократизмро ҳамчун шакли оқилонаи тартиботи чамъиятӣ баррасӣ менамояд.

Таҳқиқоти баъзе масъалаҳои назариявии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир, дар солҳои охир дар таҳқиқотҳои илмии олимон ва иқтисодчиёни хориҷӣ: Айдинян Р. М., Айдинян Р. М., Батигин К.С., Вагабов Дж. Ф.,Глушенко В.В., Глушенко И.И., Жуков В.И., Ковалев А.П., Никифорова Н.И., Новикова К.Н., Разумов А.А., Антосенков Е.Г., Бусигин Е.А., Зубкова А.Ф., Волгин Н.А., Корнухин Д.Н., Катулский Е.Д., Кокин Ю.П., Масяева И.Н., Никиркоров Л.В., Плакся В.И., Ракитский Б.В., Рякоти Б.Д., Роик В.Д., Ржанитсына Л., Шайхулов, М.А. Шипунова Т. В., ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ ташаккулёбӣ ва рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ олимони ватанӣ: Қаюмов Н.К., Умаров Х.У., Мирсаидов А.Б., Комилов С.Ҷ., Кошонова М. Усмонова Т.Ҷ., Ҷонмамадов Ш.Б., Абдураҳмонова М.Х., Қодирзода Д.Б, Қурбонов А.А., Раҷабов Р.К., Рахимов Р.К., Султонзода Ҷ.У., Хоҷаева М.И., Хушвахтзода Х.К., Шокирова Р. С. ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Дар баробари ин, дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои идоракунии механизми ташкилӣ-иқтисодии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити мусоир ба мавҷудияти таҳқиқотҳои нокифоя хос буда, мавҷуд набудани методологияи ягонаи таҳлили он алоқаманд аст. Аксари таҳқиқотҳои гузаронидашуда асосан масъалаҳои таҳқиқоти назариявии ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегиранд, ки дар онҳо ҷанбаҳои муҳими идоракунии он таҷассум наёфтаанд. Илова бар ин, самаранокии нокифояи низомҳои ҷойдоштаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазир аз тарафи аксари олимон эътироф шудааст, ки он зарурати гузаронидани таҳқиқотҳои навро дар ин самт собит мегардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №783», Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғ. ва инчунин нақшаи илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи милли Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методии ташаккул ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди роҳҳои мукаммалгадонии он ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот ҳалли масъалаҳои зеринро тақозо менамояд:

– муайянсозӣ ва муқарраркунии асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир;

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор, ошкорсозии принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва тамсилаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар хориҷи кишвар;

– арзёбии заминаҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳолат ва тамоюли инкишофи низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкорсозии роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат;

– асосноккунии тавсияҳои илмию амалӣ оид ба коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Мавзуи таҳқиқотро** асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои иқтисодии дар ин раванд бавуҷудоянда ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он аст, ки мукаммалгардонии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат самаранокии сиёсати иҷтимоиро баланд, дараҷаи фарогирии гурӯҳҳои осебпазирро ба таъминоти иҷтимоӣ зиёд, вобастагии табақаҳои осебпазирро ба кумакпулиҳои давлатӣ кам ва таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоиро ба дараҷаи рушди иқтисодӣ баланд мегардонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди низомҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия маводҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода карда шудаанд. Мавқеи махсусро стратегияҳои давлатии рушди мамлакат, ки ба беҳдошти иҷтимоӣ равона карда шудаанд ва ҳамчунин маводҳои як қатор конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳо ва равишҳои дониши илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқот бо истифода аз усулҳои маҷмӯии умумии илмӣ ва усулҳои махсус, аз қабили усулҳои таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии мантиқӣ, гурӯҳбандӣ, равишҳои системавӣ асос ёфтааст.

Методологияи таҳқиқот ба равишҳои маҷмӯӣ ва системавии ҳангоми омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди низомҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум, инчунин, дар ҷудосозии он ба зерсохторҳои алоҳида, аз қабили таъминоти иҷтимоии пиронсолон, кӯдакон ва ниёзмандон асос мегирад.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи илмӣ ва методологии таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни равишҳои системавӣ ва институтсионалии марбут ба проблемаи илмии зикршударо дарбар мегирад. Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ таҳқиқотӣ маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мушоҳидаҳои муаллиф, адабиётҳои махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда, инчунин, маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Пойгоҳи иттилоотию** таҷрибавии таҳқиқотро маълумотҳои воқеие ташкил доданд, ки дар сарчашмаҳои зерин дарҷ гардидаанд: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №783, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.

**Навгонии илмии** натиҷаи таҳқиқот дар диссертасия. Дар таҳқиқоти диссертасионӣ натиҷаҳои нав оид ба коркарди равишҳои консептуалӣ, оид ба тавсеаи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-идоракунии баланд бардоштани фаъолияти самаранокии муассисаҳои иҷтимоӣ ба даст оварда шудааст, ки имкон медиҳад, низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоиро дар мамлакат беҳтар гардонад.

Баъзе натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

– асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир муқаррар карда шуда, шарҳи мафҳуми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун раванди махсуси таъсиррасонии мақсадноки мақомати салоҳиятдори давлат дар равандҳои банақшагирӣ, ташкил, роҳандозӣ ва назорати фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиии дар ин раванд ба вуҷудоянда шарҳ дода шудааст. Вазифаи асосии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, сатҳҳо, самтҳо, принсипҳо ва воситаҳо ва механизми

ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир ошкор карда шудаанд.

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракуниии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор ба роҳ монда шуда, гурӯҳбандии мамлакатҳо вобаста ба татбиқи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ, хавфҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар хориҷи мамлакат ба роҳ монда шудааст. Тамсилаҳои муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар ва имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд.

– арзёбии заминаҳои идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда, масъалаҳои монеашавандаи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар мамлакат ошкор ва воситаҳои идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ, сатҳи соҳавӣ ва сатҳи маҳаллӣ муайян карда шудаанд. Собит карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун сохтори нисбатан мураккаб баррасӣ гардида, зарурати воқеии ба амал баровардани ислоҳоти алоҳида дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бо кор таъмин намудан, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ асоснок карда шудааст;

– ҳолат ва тамоюли инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир мавриди арзёбӣ қарор гирифта, субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ, институтҳои сохтории он, инфрасохтори институти кумаки иҷтимоӣ дақиқ карда шудаанд. Камбудиҳои ташаккул ва идоракунии барномаҳои иҷтимоӣ ошкор, самтҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ дақиқ, мушкилоти бахши идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ муайян карда шудаанд. Ихтилофҳо дар низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар, ошкор карда шудаанд, ки дар натиаи гузариш аз тамсилаи нақшавии идоракунии иҷтимоӣ ба тамсилаи бозории идоракунии иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд, зарурати мутобиқсозии онҳо ба моделҳои пешрафтаи ғарбӣ ва

инноватсионии рушди иҷтимоӣ асоснок карда шуданд. Барои мукаммал гардонидани механизми ташкилӣ-идоракунии низоми ҳифзи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пешниҳод карда шудаанд, ки татбиқи онҳо дар амалия имкон медиҳад, иштироки фаъоли гурӯҳҳои осебпазир дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар таъмин карда шаванд.

– механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳияи шудааст, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар раванди идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пайдарҳамии амалисозии чораҳои идоракунӣ оид ба муқаррасозии гурӯҳҳои осебпазир, вобастакунии онҳо ба сохтори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, раванди таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва натиҷаҳои интизории аз он ба амалоянда нишон додааст. Илман Собит карда шуд, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда дар амалия имконият медиҳад, равандҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам мукаммалтар карда шуда, муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазир саривақт ба роҳ монда шавад, барномаҳои зарурии беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ таҳия карда шаванд, ки ба ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, бунёди имкониятҳои баробар барои тамоми табақаҳои аҳолӣ, мусоидат намудан барои гузариш ба ҳолати некӯаҳволӣ аз ҳолати эҳтиёҷмандӣ равона карда шудаанд;

– самтҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодии он бо дар назардошти ислоҳоти куллӣ дар низоми банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, мукаммал гардонидани низоми удоракунии институтҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, рушди ҳамкориҳои байниидоравии институтҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ, рушди ташаббусҳои хусусӣ ва хайриявӣ, беҳтар намудани таъминоти иттилоотии низоми ҳифзи иҷтимоии муқаррар карда

шуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба баланд бардоштари таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба рушди иқтисодӣ пешниҳод карда шудаанд.

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба таҳияи механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қабули тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат ҷиҳати соддагардонии низоми қарздиҳӣ ба табақаҳои камбизоат ва ниёзманд, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии табақаҳои гуногуни ҷомеа ба дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ ва бахши хусусӣ, беҳтаргардонии низоми тақсимоти оптималии захираҳои иқтисодӣ ба аҳолӣ ва шахсони эҳтиёҷманд асоснок карда шудааст. Таъсири маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳҳои микро, мезо ва макро бо дар назардошти марҳилаҳои давраи ҳаётӣ (синни кӯдакӣ ва ноболиғӣ, синни соли корӣ, солхӯрдашавӣ) пешбинӣ карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодии он дар замони муосир муқаррар карда шудаанд.

– тамсилаҳои муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муайян карда шуда, имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст.

– арзёбии заминаҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва механизми ташкилӣ-удоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааast.

– вазъи муосир ва тамоюли инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, институтҳо ва инфрасохтори ҳифзи ичтимоии аҳолӣ дақиқ карда шудаанд.

– механизми ташкилӣ-идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия шуда, вазифаҳои асосии барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар самти ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир ошкор карда шудаанд;

– самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодии он муқаррар карда шудаанд;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертатсиониро имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада аз тарафи мақомоти давлатӣ дар таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми расонидани кумаки иҷтимоӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои шуғл, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияҳои маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти бахши муаасисаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, имконияти истифодабарии натиҷаҳои бадастомада дар шакли маводҳои лексиявӣ вуҷуд дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро пеш аз ҳама истифодаи дурусти консепсияҳои илмии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, такя намудан ба сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии маълумот оид ба объект ва мавзуи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва вазъи муосири он тасдиқ мекунанд. Ҳамаи ин ба унвонҷӯ имконият дод, ки таҳлили бисёрҷонибаи консепсияҳои ҷойдоштаи илмиро оид ба идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050701 –Менеҷмент) мувофиқат мекунад: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ. Ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ. 10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва маҷмаии иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ). 10.5. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усулҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи тиҷорат. 10.12. Идоракунии давлатӣ дар бахши меҳнат ва шуғлнокӣ. Идоракунии шуғлнокӣ дар ташкилот. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии касбият (карера) ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии кадрҳои идоракунандаи зинаи олӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот чунин аст:

Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори рисола, аз қабили таҳияи мавзуъ, асосноккунии мубрамияти он, муқаррарсозии мақсад ва вазифаҳои кор бо иштироки бевоситаи муаллиф ба роҳ монда шудааст. Муаллиф дар омӯзиши

асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор, дар баҳодиҳии ҳолати кунунии беҳдошти иҷтимоӣ дар мамлакат, муайянсозии самтҳои асосии инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир саҳми худро гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Хулоса ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ, инчунин семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба тасвиб расидаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар раванди таълим ҳангоми таълими курсҳои «Менеҷмент», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат» ва ғайра дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 13 кори илмӣ, иборат аз 6,09 ҷузъи чопӣ дар нашрияҳои гуногун, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр карда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, ки нӯҳ параграфро ташкил медиҳад, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 174 саҳифаи матни чопии компютерӣ иҷро гардида, 16 ҷадвал ва 12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 148 номгӯ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Моҳияти назариявии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, зарурати таҳкими иҷтимоиёт дар Конститутсияи кишвар дарҷ гардидааст. Беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ноил гардидан ба ормонҳои миллӣ – ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ҳамгироии инсон ба ҷомеаи зудтағйирёбандаи муосир мусоидат менамояд. Идоракунии иҷтимоӣ ё менеҷменти иҷтимоӣ ҳамчун механизми татбиқи сиёсати иҷтимоӣ баромад менамояд. Он ҳамчун институти иҷтимоӣ зоҳир мешавад, ки аз низоми оқилона сохташудаи институтҳо ва муносибатҳои табии инкишофёфтаи иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ иборат аст.

Барои нисбатан амиқтар омӯхтан ва таҳлил намудани раванди иҷтимоии мазкур зарур мешуморем, асосҳои назариявии онро аз нигоҳи методологӣ ва консептуалӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ин ба мо имконият медиҳад, ки мафҳуми асосие, ки дар ин раванд истифода карда мешавад аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намоем ва дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодаи дурусти онро ба роҳ монем.

Зеро ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷузъи муҳимтарини сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба фароҳам овардани кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва имкониятҳои воқеӣ ба ҳар як шаҳрванд барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои ӯ роҷеъ ба таъмини сатҳи зиндагии шоиста, ки барои ҳаётбасарбарии муътадил, рушди шахсӣ ва такрористеҳсолкунӣ заруранд, нигаронида шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва авҷгирии нобаробарии иҷтимоӣ байни аҳолии қишрҳои гуногун, на танҳо масъалаҳои баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ мубрам мебошад, балки ташкили низоми идоракунии самараноки он муҳим мегардад. Аз ин лиҳоз, соҳаи

идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки идоракунӣ ба шумор меравад. Аҳаммиятнокӣ ва зарурати таҳлили сифати идоракунии иҷтимоӣ ва дарёфти роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти низоми пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунҳои рушди иҷтимоии бозор ва талаботи ҷомеа, дар баробари омӯзиши амиқи масъалаҳо, шумораи ками таҳқиқоти илмӣ дар ин самт интихоби мавзуи таҳқиқоти илмиро муайян карданд.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавқеи хосаро дар сиёсати иҷтимоии мамлакат касб менамояд. Дилхоҳ мамлакат ба воситаи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва имкониятҳои воқеиро ба ҳар як шахс фароҳам оварда, ҳуқуқҳои ӯро дар самти таъмини сатҳи зиндагии шоиста ҳифз менамояд. Ҳамаи ин нақши муҳимро дар барои ҳаётбасарбарии муътадил, рушди шахсӣ ва такрористеҳсолкунӣ  хоҳад бозид.

Ақидаҳои Тейлор Ф.У. ва пайравонаш заминаи асосии назариявию методологии дар ташаккулёбии илми менеҷменти иҷтимоӣ ва махсусан идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор мераванд. Аз рӯи назарияҳои Тейлор Ф. У. аввалин мактабҳои идоракунӣ ба вуҷуд омаданд.

Принсипҳо ва вазифаҳои идоракунӣ низ тарафи таҳия карда шудаанд. Ӯ дар асари худ «Идоракунии умумӣ ва саноатӣ» тамоми фаъолияти идоракуниро ба панҷ қисмати асосӣ тақсим кардааст: банақшагирӣ, ташкил, ихтиёрдорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати равандҳои идоракунӣ» [47, с. 72].

Акофф Р., Бернард Ч., Друкер П., Мэйо Э., Саймон Г., Опнер С. ва дигаррон ба хусусиятҳои идоракунӣ дар коллективҳои истеҳсолӣ таваҷҷӯҳ намуда консепсияҳои идоракунии иҷтимоиро ташаккул додаанд. Дар баробари ин, назарияҳои идоракунии иҷтимоӣ дар консепсияи «бюрократияи оқилона»-и Вебер М. низ инъикос ёфтаанд.

Дар рушди назарияи идоракунии иҷтимоӣ асарҳои Дюркгейм Э., Мертон Р., Полани Ч., Хабермас Ч. роҷеъ ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоштаанд. “Дар консепсияи иҷтимоии идоракунии Вебер М., ки бо номи «консепсияи бюрократияи оқилона» машҳур аст,

бюрократизм ҳамчун шакли оқилонаи тартиботи ҷамъиятӣ ва ташкили самарабахши ҷамъиятӣ, ҳамчун ифодаи оқилонаи расмӣ, ки интизом, танзим, масъулият, таълими махсусро дар бар мегирад, баррасӣ карда шудааст” [133, с. 36].

Дар консепсияи иҷтимоии идоракунӣ бюрократияи оқилона дар шакле сохта шудааст, ки он аз лиҳози саҳеҳӣ, суръат, устуворӣ, эътимоднокӣ ва низом шакли афзалиятдоштаи тартиботи ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Ташаккули низоми идоракунӣ тибқи ин консепсия тартиботи оқилонанаи ҷобаҷогузории вазифаҳоро вобаста ба иерархияи мансабҳо ва ҳокимият, тақсимоти зинавии ӯҳдадориҳоро ифода менамояд.

Дар байни олимони хориҷӣ оилимони русро низ ҷудо намудан мумкисн аст, ки дар рушди назарияҳои идоракунии иҷтимоӣ нақши назаррас гузоштаанд. Махсусан Богданова А., Волкова Ю.Е., Гастева А.К., Ерманский О., Керженцева П., дар осори илмии худ ба масъалаҳои идоракунии иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудаанд.

Керженцев Р.М. дар осори илмии худ оид ба зарурати ташкили илмии идоракунии ҷамъиятӣ сухан рондааast. Ӯ банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорат, тақсим ва ҷобаҷогузории вазифаю ӯҳдадориҳо дар байни кормандонро ҳамчун масъалаҳои асосии менеҷменти иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст [32, с. 34]. Розмирович Е.Ф. ва пайравонаш консепсияи моделҳои раванди идоракуниро ташаккул додаанд. Дар консепсияи мазкур вазифаҳо, принсипҳо, хусусиятҳои умумии идоракунӣ ва захираҳои он новобаста аз шароити тараққиёти ҷамъият тавсиф карда шудаанд [39, с. 14].

Таҳлили хусусиятҳои идоракунии иҷтимоӣ аз ҷумла идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар осори олимони соҳаи менеҷмент ва иҷтимоиёт ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Барои таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хеле муҳим аст, ки дар он менеҷмент ҳамчун фаъолияти марбут ба назорати тақсимот ва ҳаракати захираҳо баррасӣ карда шавад.

Дар китобҳои «Ҷанбаҳои сотсиологии идоракунӣ» ва «Сотсиологияи муосири ташкилотҳо» -и Розмирович Е.Ф. таваҷҷӯҳи хоса ба институти идоракунии ҷамъиятӣ зоҳир карда шудааст. Ӯ ба дараҷаи назаррас моҳияти ташкили ҷамъият, сохтор ва мушкилоти фаъолияти ташкилотҳо ва захираҳои идоракуниро дар асарҳои худ тавсиф намудааст. Аз тарафи ӯ раванди идоракунӣ ҳамчун дастоварди натиҷаи пешбинишуда баррасӣ карда шуда, таъсири мақсадноки назорат, тартиботи ташкилӣ ва худташкилкунӣ дар ин раванд унсури муҳим арзёбӣ карда шудааст [39, с. 15].

Назарияҳои идоракунии Пригожин А.И. аз лиҳози мазмун ба назарияҳои Кравченко А.И. ва Тюрина И. шабоҳат медиҳад. Дар осори илмии олимони зикргардида масъалаҳои тақсимоти вазифаҳо дар звеноҳои идоракунӣ баррасӣ карда шуда, вазифаҳои менеҷерон нисбат ба зинаҳои поёнӣ ва назоратшаванда дақиқ карда шудаанд.

Дар асоси таҳқиқи асарҳои олимони дар боло зикршуда хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки модели иерархии идоракунӣ, ки низомҳои гуногуни бисёрҷанбаи ҷамъиятиро таҷассум мекунад, бешубҳа низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро низ  дарбар мегирад.

Мафҳуми идоракунӣ дар кори иҷтимоӣ васеътар дар сарҳои илмии Холостова Е.И. мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ӯ мафҳуми мазкурро ҳамчун “низоми идоракунии  чандири фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷомеа арзёбӣ менамояд, ки ба танзими самараноки вазъи иҷтимоии ҳамаи иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъмини рушди онҳо ҳамчун субъекти ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини мавҷудияти шоистаи мутамаддин нигаронида шудааст” [48, с. 17].

Глушенко И.И. дар осори илмӣ худ қоидаи мафҳуми  “идоракунӣ”-ро пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ идоракунӣ тамоми фаъолиятҳои марбут ба назорат ва тақсимоти ҳаракати захираҳоро ифода менамояд. Ӯ  ҷустуҷӯи захираҳо, идоракунии ҳаракати захираҳо, коркарди усулҳои истифодаи сарфаноки захираҳо ва таъмини бехатарии онро ҳамчун вазифаҳои асосии идоракунӣ тавзеҳ менамояд. Асоси таҳияи механизмҳои иҷтимоии фаъолияти

идоракунӣ дар асоси идоракунии барномавӣ - мақсадноки захираҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ алоқаманд мебошад [27, с. 123].

Новикова К.Н. қайд менамояд, ки “вазифаҳо ва принсипҳои идоракунии иҷтимоӣ, дар якҷояги бо амалияи иҷтимоӣ имкон медиҳанд, хусусиятҳои объекти идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазифаҳо ва принсипҳои махсуси он ҳаматарафа муайян карда шаванд» [97, с. 72].

Дар асоси ақидаҳои зикргардида ва баррасии афкори иқтисодии намояндагони мактабҳои идоракунӣ ва соҳаҳои алоҳидаи идоракунии иҷтимоӣ хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун як намуди мушаххаси идоракунии иҷтимоӣ аз риштаҳои зинанизомии ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки дар робита ба объектҳои идоракунӣ вазифаҳои махсус, ҳадафҳо ва хусусиятҳои хоси худро доранд.

Асарҳои чунин таҳқиқотчиён, ба монанди Осадчая Г., Тошенко Ж.Т., Петров Л., Покровская Н., Попов Г., Сергеев В.И., Якимова В.Н., Ярская-Смирнова Э.Р. ва дигарон ба аниқ кардани мафҳумҳо, гурӯҳбандии ақидаҳо дар соҳаи назарияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бахшида шудаанд. Олимони зикргардида низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҳамчун маҷмуи механизмҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва барномаҳое мефаҳманд, ки ба таъмини ҳифзи пурраи ҳуқуқу манфиатҳои инсон нигаронида шуда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо низоми хизматрасонии иҷтимоӣ барои таъмини сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули зиндагии аҳолӣ дар шароити мушаххаси рушди иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар давлатҳои мутараққии саноатӣ ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз даврони қадим муносибати мунтазам ҷорӣ карда мешавад. Оғози расмӣ дар ин замина, аз тасвиби Санади амнияти иҷтимоӣ дар соли 1935 оғоз мешавад, ки дар он суғуртаи нафақа ва бекорӣ, инчунин кумакҳои пулии давлатӣ ба маҳаллаҳо барои расонидани кумаки иҷтимоӣ ба шаҳрвандони ниёзманд ҷорӣ карда шудааст. Зарурати қабули қонуни зикргардида пеш аз

ҳама ба зиёдшавии талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ алоқаманд буд. Бо чунин амал давлатҳои капиталистӣ собит намудани шуданд, ки онҳо нақши иқтисодии ҳифзи иҷтимоиро эътироф менамоянд. Аммо новобаста аз ин дар давлатҳо  тадбирҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногуни иқтисодӣ хело пештар андешида мешуданд.

Махсусан дар Олмон дар соли 1980 аввалин қонун дар бораи суғуртаи ҳатмии кормандон, қабул карда шуда буд. Татбиқи қонуни мазкур дар амал имкон дод, ки на танҳо вазъи некуаҳволии табақаҳои осебпагир хуб карда шавад, балки фондҳои иловагии сармоявӣ ташаккул ёбанд, ки дар ҳолатҳои зурурӣ барои рушди иқтисодиёт истифода карда шавад. Дар баробари ин дар Олмон ва як қатор давлатҳои дигари пешрафтаи Аврупо тадбирҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ андешида мешуданд, ки барои беҳтар намудани шароити такрористеҳсолоти қувваи коргарӣ ва ба тартиб даровардани миқёси шуғли аҳолӣ нақши муҳимро мебозиданд.

Ҳамин тавр, дар асоси хулосабарории мантиқӣ аз равишҳои ҷойдошта барои муайян кардани категорияи “низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”, пешниҳоди шарҳи нисбатан дақиқи категорияи мазкур ҳамчун маҷмуи усулҳо, принсипҳо, механизмҳо ва захираҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ муҳим аст, ки ба пешгирии ҳолатҳои хавфи иҷтимоӣ, сабук кардан ва рафъи оқибатҳои онҳо дар ҳаёти шахси мушаххас, ки ба вазъияти вазнин дучор ё ба вазъияти махсуси ҳаётӣ ворид шудааст, тавассути пешниҳоди чораҳои қонунан муқарраршудаи кафолатноки хизматрасонии иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ, ёрӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Жуков В.И. дар асарҳои худ оид ба масъалаҳои навсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии равандҳои иҷтимоӣ, саҳми назаррас гузоштааст. Махсусан аз тарафи ӯ методологияи омӯзиши масъалаҳои идоракунии равандҳои иҷтимоӣ дар робита бо низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия карда шуда, арзёбии ҷанбаҳои алоҳидаи некӯаҳволии иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба роҳ монда шудааст. Имрӯзҳо методологияи пешниҳоднамудаи ӯ дар

баҳодиҳии самаранокии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ методологияи асосӣ ба шумор меравад.

Идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути низоми бисёрҷабҳа ва бисёрсатҳи таъмини кафолатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро ба роҳ монда ҳифз ва эҳтироми ҳуқуқҳои ҳар як шахсро фаро мегирад. Он хусусиятҳои хоси ҳар як давлатро вобаста ба ҷой доштани мушкилоти иҷтимоӣ ба инобат гирифта, усулҳои инноватсионии амалии сотсиологияи идоракунӣ ва тарроҳии иҷтимоиро барои ҳалли масъалаҳои амалии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода мебарад» [76, с. 25].

Дар асоси таҳқиқи ақидаҳои Жуков В. А. қайд кардан зарур аст, ки идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доираи васеи вазифаҳои идоракуниро дар бар мегирад, ки асоси онҳо арзёбии некӯаҳволии иҷтимоии аҳолӣ, пешгӯии эҳтиёҷоти ҳифзи иҷтимоӣ, муайян намудани мақсадҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои иҷтимоӣ, барномасозии иҷтимоӣ дар ҳаммаи соҳаҳои иқтисодиёт, таъминоти захираҳои моддӣ барои гурӯҳҳои осебпазир, назорати сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобаста ба стандартҳои ҷойдошта, танзими самтҳои афзалиятноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравнд.

Идоракунии иҷтимоӣ фаъолияти мақсадноки мақомоти салоҳиятнок мебошад, ки ба омӯзиши тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ ва таъсиррасонии он ба ҳаёти шахс равона карда шуда, тарҳрезӣ ва амалисозии барномаҳои мувофиқи ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири ҷомеаро дар бар мегирад. Дар ин раванд, нақши муҳимро назорати амалишавии равандҳои иҷтимоӣ касб менамояд. «Зери мафҳуми идорашаванда будани раванд имкони воқеии дахолати оқилона ба ҷараёни он, имконпазирии таъсир расонидан ба ҳаракати он барои самти ба ҷомеа қобили қабул фаҳмида мешавад» [54, с. 73]. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта равандҳои иҷтимоиро тавассути банақшагирӣ ва ташаккулдиҳии низоми нави иҷтимоӣ, таъсиррасонӣ ба равандҳои рушди иҷтимоӣ, ташаккули муҳити иҷтимоии барои инсон мусоид,

таъсиси созмонҳо ва институтҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ва ташаккули низоми эҳтироми ҳамдигар идора намудан мумкин аст.

Дар асоси муттаҳиднамоии ақидаҳо ва назарияҳо оид ба шарҳи мафҳуми «идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ» онро ҳамчун намуди махсуси идоракунии иҷтимоӣ арзёбӣ намудан мумкин аст, ки таъсири мақсаднокро ба равандҳои ташкил ва рушди таъминоти иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолӣ аз тарафи институтҳои ҳифзи иҷтимоӣ ифода менамояд. Дар ин раванд нақши муассисаҳои давлатӣ ва шаҳрӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хайриявӣ, роҳбарони саховатманд ва мутахассисони алоҳидаи бахши иҷтимоӣ муҳим ба шумор меравад.

Павленок П.Д. идоракунии фаъолияти иҷтимоиро чун низоми идоракунии чандир, ташаббускор дар ҷомеа арзёбӣ менамояд, ки ба танзими самараноки вазъи иҷтимоии табақаҳои васеъи иҷтимоӣ равона карда шуда, мақсади ташаккули ҳаёти шоиста, таъмини рушди иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, инкишофи муносибатҳои иҷтимоиро дорост [100, с. 300].

Ташкили хизматрасонии иҷтимоии сифатнок ҳадафи муҳими идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ ба шумор меравад. Роҳандозии чунин хизматрасониҳо имкон медиҳад, ки таъсири мушкилоти иҷтимоӣ ба ҷлмеа ба ҳадди ақал расонидашуда, иқтисодри иҷтимоии ҷомеа фаъол гардонида шавад. Дар баробари ин бартараф намудани монеаҳо дар самти ҳамгироии гурӯҳҳои суст ҳифзшаванда вазифаи муҳими идоракунии иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки бо ҷалби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва истифодаи имконоти мавҷуда рушди бемайлони ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд [71, с. 146].

Ҳамзамон фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самараноки хадамоти иҷтимоӣ ва татбиқи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шакли барномаҳои кумаки иҷтимоӣ, дастгирӣ, барқарорсозӣ, азнавмутобиқгардонӣ, ҳамгироии такрорӣ ва ғайра вазифаҳои мубрами идоракунии иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Зарур мешуморем барои гузаштан ба таҳлили амиқтари идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ объект, предмет ва ҳадафи онро дақиқ намоем. Маъмулан равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар сатҳи байнишахсӣ, байнигурӯҳҳо ва ҷомеа объекти идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Субъектони идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ – муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти алоҳидаи давлатӣ, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Ҳадафи идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Маъмулан ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ чунин номгӯи хизматрасониҳоро дохил намудан мумкин аст: расонидани ёрии иҷтимоӣ, баланд бардоштани салоҳияти иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди гурӯҳҳои осебпазир ва пайвастани онҳо ба ҷомеа, ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқи инсон, пешниҳоди машваратҳои омӯзишӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра [127, с. 153].

«Раванди идоракунии кори иҷтимоӣ сохтори муайяни ташкилиро дар назар дорад, ки маҷмуи мақомоти идоракунӣ ва муносибатҳои устувори байни онҳо, таъмини якпорчагии он, нигоҳ доштани хуссусиятҳои асосии он ҳангоми тағйироти гуногуни дохилӣ ва берунӣ фаҳмида мешавад» [54, с. 567].

Сохтори ташкилии идоракунӣ дар маҷмуъ ва махсусан дар фаъолияти иҷтимоӣ, бояд ҳадди ақали пайвандҳо ва сатҳҳои идоракуниро дар бар гирад, тақсимоти дақиқи вазифаҳо, устуворӣ, давомнокӣ, самаранокӣ ва чандирии идоракуниро таъмин намояд.

Муҳимтарин шарти самарабахшии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – ин такмилдиҳии сохтории фаъолияти унсурҳои гуногуни идоракунии мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ мебошанд.

Идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ дар се сатҳ – сатҳи ҷумҳуриявӣ, сатҳи вилоятӣ, сатҳи маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад. Ҷанбаҳои умумии идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ коркард карда мешавад. Дар ин сатҳ вазифаҳои стратегӣ амалӣ карда мешаванд, ки шакли асосии таъминоти ташкилии вазифаҳои мазкур, ҳуҷҷатҳои маъмурию барномавии ҳукумат мебошад.

Дар сатҳи вилоятҳо вобаста ба ҳолати иҷтимоии аҳолӣ агар аз як тараф барномаҳои дар сатҳи ҷумҳуриявӣ қабулгардида татбиқ карда шаванд, аз тарафи дигар вобаста ба масъалаҳои хоси минтақа барномаҳои иловагии дастгирии иҷтимоӣ коркард ва татбиқ карда мешаванд.

Дар сатҳи маҳаллӣ идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ хусусияти тактикӣ дошта, маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ дар сатҳи маҳалҳо ва ҷамоатҳо, банақшагирӣ ва ташаккули буҷети иҷтимоии маҳаллӣ, ҷустуҷӯи захираҳо барои эҳтиёҷоти сохтори иҷтимоӣ, рушди шарикии бахши хусусӣ ва давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, назорати иҷрои қонунҳо дар сатҳи маҳал ва риояи стандартҳои давлатиро дар бар мегирад [71, с. 146].

Омӯзиш ва таҳлили методологияҳо ва консепсияҳои раванди иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи афзояндаи илмӣ ба ҷараёни навсозии раванди хизматрасонии иҷтимоӣ, идомаи омӯзиши мазмуни моҳият, ҷой ва нақши он дар соҳаи иҷтимоӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани сифат, ташаккули бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва масъалаҳои қисман ғайридавлатигардонии соҳаи иҷтимоиётро ифода мекунад.

Объекти менеҷменти иҷтимоӣ ё идоракунии иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Истилоҳи «таъминоти иҷтимоӣ» бори аввал соли 1935 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Санади амнияти иҷтимоӣ истифода шудааст. Каме дертар истилоҳи мазкурро дигар кишварҳо ба таври васеъ истифода бурданд ва дар ҳуҷҷатгузории Созмони байналмилалии меҳнат низ мавриди корбарӣ қарор гирифт.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «ҳифзи иҷтимоӣ» ба тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Як қатор муаллифон дар зери мафҳуми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолияти давлат ба татбиқи маҷмуи кафолатҳои аз ҷиҳати қонунӣ муқарраргардидаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиеро мефаҳманд, ки ба ҳар як узви ҷамъият сатҳи зиндагии зарурииро барои такрористеҳсолкунии муътадили неъматҳо ва рушди шахсият таъмин менамояд [20].

Як қатор муаллифон ҳифзи иҷтимоиро ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷиҳати пешгирӣ ё барҳам додани оқибатҳои манфӣ барои инсон ва оилаи ӯ медонанд, ки ба ҳолатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок нигаронида шудааст [91, с. 11].

Ба андешаи мо, таърифи нисбатан мукаммалтари ҳифзи иҷтимоӣ аз тарафи Никифорова Н.И. пешниҳод гардидааст, ки мазмуни зеринро дар бар мегирад: «ҳифзи иҷтимоӣ ин низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, тадбирҳо ва кафолатҳои ҳуқуқие мебошад, ки ҳар як узви ҷамъиятро аз таназзули иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ дар натиҷаи ногаҳонӣ ва якбора бад шудани ҳолати ҷисмонӣ, ки дар шароити некӯаҳволии ӯ, таҳдид ба саломатӣ ва ҳаёт, имконнопазирии дарк намудани неруи меҳнатӣ ва шаҳрвандии худ ҳифз мекунад» [96, с. 25].

Аксари муҳаққиқони рус хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун зернизоми ҳифзи иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ медонанд. Мувофики таърифи Ржанитсина Л., «ҳифзи иҷтимоӣ – сиёсати давлат оид ба таъмини ҳуқуқ ва кафолатҳои иҷтимоию иқтисодии инсон, сарфи назар аз миллат, ҷинс, ҷои истиқомат, синну сол ва дигар хусусиятҳои объективӣ фаҳмида мешавад» [126, с. 25].

Ковалев А.П. чунин қайд менамояд, ки «таъминоти иҷтимоӣ - ин низоми муносибатҳои тақсимотие мебошад, ки дар ҷараёни он аз ҳисоби як қисми даромади миллӣ, барои таъминоти моддӣ ва хизмати шаҳрвандон фондҳои ҷамъиятии воситаҳои пулӣ ташкил ва истифода мешаванд».

Тафсири мазкур, ба андешаи мо, нисбатан паҳлуи кӯтоҳи ҳифзи иҷтимоӣ танҳо азнавтақсимкунии даромади миллиро ифода мекунаду халос. Он моҳияти васеи ин мафҳумро ошкор намекунад, зеро хизматрасонии шаҳрвандон на танҳо таъминоти иҷтимоиро дарбар мегирад.

Ба андешаи Батигин К.С. – «Таъминоти ичтимоӣ – ин низоми таъминоти моддӣ ва хизматрасонии шаҳрвандон аз рӯи синну сол, беморӣ, маъюбӣ, бекорӣ, махрум шудан аз саробон, тарбияи фарзанд ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад» [26, с. 7].

Паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи олимони ватанӣ низ ба дараҷаи назаррас мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Академикони мушҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Р.К., Назаров Т.Н., Қаюмов Н.К. қайд менамоянд, ки бояд сиёсати иҷтимоии давлат пеш аз ҳама ба паст кардани дараҷаи тафовут байни аҳолӣ равона карда шуда бошад. Новобаста аз принсипҳои иқтисоди бозори, ки нобаробарии аъзоёни ҷомеаро нисбат ба истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъияти эътироф мекунад, бояд баробарии имкониятҳои ҳифзи иҷтимоии ҳаммаи табақаи аҳолӣ таъмин карда шавад [105, с. 99].

Ба андешаи Қодирзода Д.Б. «Яке аз масъалаҳои калиди беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ба шумор меравад. Ҳалли масъалаи мазкур ба коркарди тадбирҳои фаъол ва ғайрифаъоли танзими бозори меҳнат алоқаманд аст» [80, с. 143].

Кошонова М. дар осори илмии худ бештар ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи ӯ барои беҳдошти таъминоти иҷтимоӣ ва бунёди иқтисодиёти бозории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши давлат беназир аст. Боз ҳам баланд бардоштани нақши давлат дар раванди беҳдошти иҷтимоӣ, баланд бардоштани хусусияти таъиноти иҷтимоӣ доштани буҷети давлатӣ, азнавтақсимкунии оқилонаи фондҳои умумиҷамъиятӣ метавонад масъалаи таъминоти молиявии ҳифзи иҷтимоиро ҳаллу фасл намояд [83, с. 93].

Комилов С.Ҷ. дар масъалаҳои таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ нигоҳи мутавозини дошта қайд менамояд, ки низоми иҷтимоии нав, ки дар иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст, вазъи иқтисодиву иҷтимоии тамоми шаҳрвандонро тағйир додааст ва ҳар касе, ки қобили кор аст бояд худаш талаботи иқтисодиву иҷтимоии худро таъмин намояд. Ҳифзи иҷтимоии ҳамаи аҳолии даромади паст ва истеъмолоти пастдошта имконпазир нест. Нисбатан мувофиқтар аст агар равиши иҷтимоии ин раванд табақаҳои иҷтимоии нисбатан эҳтиёҷмандро фаро гиранд [33, с. 79].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Хоҷаева М.И. «Вазифаҳои мақсадноки таъминоти иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки вай шакли махсуси қонеъ гардондани эҳтиёҷоти манбаъҳои василаи рӯзгор ва зиндагии пиронсолон ва маъюбон ба ҳисоб меравад» [123, с. 120].

Абдураҳмонова М.Х. чунин таърифи таъминоти иҷтимоиро пешниҳод намудааст: «Таъминоти иҷтимоӣ - ин низоми тадбирҳои амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки ба таъмини шаҳрвандон бо суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, имтиёзҳо, нафақа аз рӯи маъюбият, синну сол, суғуртаи тиббӣ, кумакпулиҳо барои бекорӣ, барои беморӣ, бо сабаби маҳрум шудан аз саробон ва дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва буҷетӣ равона карда шудааст» [134, с. 47].

Дар илм ва амалияи муосири иқтисодӣ дар баробари мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ, чунин категорияи иқтисодӣ ба монанди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода мешавад, ки моҳияти он дар намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Аз ин ҷост, ки масъалаи муайян кардани умумият ва тафовути мафҳумҳои мазкур ба миён омад.

Тавре Хоҷаева М.И. қайд мекунад: «Ҳифзи иҷтимоӣ ва амнияти иҷтимоӣ, ки дар ҷомеа аз ҷониби давлат ташкил карда шудааст - ин як соҳаи ба ҳам пайвастани манфиатҳои ҳаётан муҳимми шаҳрвандон, муносибатҳои моликият ва тақсимот, усулҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои ба танзим даровардани онҳо, сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳуқуқи иҷтимоӣ - иқтисодии инсон мебошад» [123, с. 120].

Ба андешаи Султонзода Ҷ.У. ҳифзи иҷтимоӣ муҳимтарин механизми мутобиқшавии низоми сиёсӣ мебошад. Аз интихоби самти консептуалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ устувории стратегӣ ва устувории як низоми муайяни сиёсӣ ба таври ҷиддӣ вобаста аст [146, с. 6].

Вазифаи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ расонидани кумак ба шахсони осебпазир мебошад, ки вазъи молиявии ногувор дошта, имконияти беҳдошти зиндагии худро надоранд. Хусусиятҳои нисбатан

вазифавии ҳифзи иҷтимоӣ дар таснифоти гуногуни вазифаҳои он муфассалтар шарҳ дода шудаанд [96, с. 25].

Дар адабиёти иқтисодӣ бештар се вазифаи асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудо карда шудааст, ки дар расми 1.1. оварда шудааст.




**Расми 1.1. - Вазифаи асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар баробари вазифаҳои зикргардида, Якимчук С.В. чор вазифаи асосии ҳифзи иҷтимоиро муайян мекунад [51, с. 66].

Пешгирикунӣ - ба тадбирҳои пешгирӣ ва ҳифзи саломатӣ, ҳифзи қобилияти меҳнатии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Вазифаи иқтисодӣ, ки ба таъмини моддии шаҳрвандон дар вазъияти душвори зиндагӣ нигаронида шудааст. Вазифаи офиятнокии иҷтимоӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои нигоҳ доштани мақоми ҳуқуқии онҳо ва ҳифзи саломатии ҳамаи шаҳрвандон ифода меёбад. Вазифаи сиёсӣ ба таъмини меъёрҳои иҷтимоию ҳуқуқии ҳифз ва пойдории суботи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Иҷроиши ин вазифаро Конститутсия ва қонунҳои алоҳидаи мамлакат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд.

Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дорои сохтори нисбатан мураккаб мебошад, ки ҳар як унсури он хусусияти ба худ хосро доро буда, дар таъмини амнияти иҷтимоии шаҳрвандон нақши муҳимро мебозад. Ба муассисаҳои

асосии ҳифзи иҷтимоӣ муассисаҳои суғуртаи иҷтимоӣ; таъминоти иҷтимоӣ; ёрии иҷтимоӣ дохил мешаванд. Илова бар ин, муассисаҳои хайриявӣ ва муассисаҳои молиявии махсусгардонидашударо низ ба муассисаҳои иҷтимоӣ дохил намудан мумкин аст.

Низоми ҳифзи иҷтимоӣ маҷмӯи чорабиниҳо ва тадбирҳоро дар самти пешгирии рух додани хатарҳои иҷтимоӣ, ҷуброн кардан ё коҳиш додани оқибатҳои хатарҳои иҷтимоӣ, ташаккул медиҳад, ки он ба таҷдиди муътадили қувваҳои истеҳсолкунанда мусоидат мекунанд.

Ба сифати субъектҳои ҳифзи иҷтимоии давлат, ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ, фондҳои хайриявӣ, корфармоён баромад мекунанд. Объектҳои ҳифзи иҷтимоӣ кормандон, нафақахӯрон, шахсони маъюб, оилаҳои камбизоат, бекорон ва ғайраҳо ба ҳисоб меравaнд [68, с. 429].

Ба маънои васеъ, идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ин таъсири мақсаднок ба шароити зиндагӣ барои мувофиқ кардани онҳо бо ниёзҳои воқеии шахсони алоҳидаро дар назар дорад. Ба маънои махдуд ин таъсир ба муносибатҳои байни одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои беҳтар намудани шароити зиндагонӣ мебошад [115, с. 1158].

Дар сатҳҳои гуногуни ташкили низоми иҷтимоӣ ин тавассути ташаккули қоидаҳои ягонаи рафтори расмӣ ва расонидани таъсири мақсаднок ба унсурҳои низоми иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад.

Самаранокии чунин таъсир аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки яке аз онҳо суръати расонидани иттилооти муҳим ба мухотиби ниҳоӣ мебошад. Охирин омил тавассути технологияҳои коммуникатсионӣ, ки дар ҷомеа хеле маъмуланд, аз ҷумла технологияи рақамӣ амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа, дар идоракунии иҷтимоӣ тағйироти зерин мушоҳида мешавад:

– дар низоми фаъолияти конунгузорӣ зиёд шудани шумораи санадҳои меъёрии тасдиқшуда ва муқаррароти дар онҳо пешбинишуда мушоҳида мешавад, ки ба дигаргунсозии сохторҳо ва механизмҳои ташкилӣ-иктисодии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд;

– шакливазкунии ҳокимияти иҷроия дар маҷмуъ ва сохторҳои идоракунӣ, аз ҷумла, чӣ аз ҷиҳати кадрӣ ва ҳам аз ҷиҳати функсионалӣ ба вуҷуд меояд;

– дар сатҳи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ дарки танқидии вазъияти ба амаломада инкишоф ёфта, оид ба такмили низоми идоракунии давлатӣ таклифҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок тартиб дода мешаванд;

– шакливазкунӣ на танҳо таҳияи қоидаҳои нави рафтори корпоративӣ, интихоби кадрҳо мувофиқи талаботи навро дар назар дорад, балки ҷорӣ намудани технологияҳои дахлдори рақамӣ, таҳия ва нигоҳдории иттилоотро низ дар бар мегирад, ки такмили ҷанбаҳои гуногуни раванди меҳнатро дар соҳаи мазкур таъмин менамояд;

– тартиби институтсионалии ташаккулёфта меъёрҳои рафтори иҷтимоиро, ки ба шароити атроф мувофиқанд, таҷдиди назар мекунад ва бо муҷозот ё таҳримҳои мувофиқ таъмин карда мешавад [115, с. 1160].

Мазмуни равандҳои мазкур аз моҳияти идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун таълимот бармеояд, ки тақсими афзалиятҳоро дар татбиқи манфиатҳои асосии иҷтимоии ҷомеа пешбинӣ мекунад. Ин механизмҳои иҷтимоиро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо механизми ҳифзи иҷтимоӣ низоми амалҳои иқтисодии баҳамалоқамандро ифода менамояд, бо таъсири фишанги ташаккулёфта, раванди идоракунии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазирро таъмин менамояд. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи иҷтимоӣ бошад, восита, ҳалқаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки дар асоси он раванди банақшагирӣ, ташкил, назорат ва идоракунии равандҳои муайяни иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Он хусусияти том дошта, мақомоти танзимкунанда, гурӯҳҳои осебпазир ва воситаҳои ҳифзи иҷтимоии ба онҳо таъсиррасонро фаро мегирад. Механизмҳои мазкур маҷмӯи амалҳоеро дар бар мегирад, ки имкон медиҳанд ба ҳадафи муҳимтарин ба таври оптималӣ ноил шаванд. Он ҳамзамон танзими ҳадафноки равандҳои иҷтимоиро амалӣ намуда, маҷмуи ҷанбаҳои ҳаёти инсониятро, ки воқеан устувории ҷомеаро таъмин мекунанд, ба назар мегирад [31, с. 34].

Мақсадҳои идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ бояд нисбат ба категорияҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ фарқ кунанд.

Мақсади таъиноти ҳифзи иҷтимоӣ барои аҳолии қобили меҳнат аз ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир фарқ намуда, он расонидани кумаки якдафъаина ё муваққатии иҷтимоиро дар назар дорад. Нақши чунин кӯмакҳо дар офиятбахшии аҳолии қобили меҳнат, мутобиқгардонии онҳо ба тағйироти дар иқтисодиёт ба вуқуъояда ва гузариш ба худтаъминии минбаъда назаррас мебошад. Чунин вазифаҳои идоракуниро дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҷудо намудан мумкин аст: бақайдгирӣ ва ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ, мутобиқсозии иҷтимоӣ, ислоҳи рафтори аҳолӣ, таълимдиҳии оммавии аҳолӣ, пешниҳоди машваратҳои ҳуқуқӣ, расонидани кумаки равонӣ, иҷтимоӣ ва ғ.

Ҳифзи иҷтимоии маъюбон самти муҳими идоракунии иҷтимоӣ ба шумор рафта он расонидани кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва ҷубронпулӣ вобаста ба категория ва саҳми шахсӣ, таъминоти иҷтимоӣ вобаста ба саҳми меҳнат ва сатҳи зиндагӣ, инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ вобаста ба вазъи саломатӣ ва маҳрум шудан аз саробонро ифода менамояд.

Давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон ва худи шахсони осебпазир субъектони асосии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор мераванд, ки дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти таъмини ҳаёти шоиста фаъолона иштирок менамоянд. Вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиву инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳар яке аз субъектони зикргардида дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ масъулияти муайянро ба дӯш мегирад.

Дар давлатҳои пешрафта идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ асосан ба инкишофи шаклҳои ҳифзи иҷтимоии дорои хусусияти пешгирикунанда аз таҳдидҳо ба ҳаёт ва зиндагии шахс нигаронида шудааст. Эҳтимолияти сар задани ҳодисаҳои номатлубро дар ҳаёти шахс тариқи ҳалли мушкилиҳои оилавӣ тавассути ҷалби сарпарастон аз оилаҳои таҷрибадор паст намудан мумкин аст. Ҳамзамон шуъбаҳои тавонбахшӣ, марказҳои машваратдиҳии равонӣ, муассисаҳои ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва таъминоти

баробарии гендерӣ машғулбуда дар пешгирии ҳолатҳои номусоид ва бӯҳронҳои иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда доранд» [97, с. 72].

Ҳамин тариқ, вазифаи муҳимтарини пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ андешидани чораҳои пешгирикунанда ба шумор меравад. Дар ин раванд кормандони бахшҳои мухталифи ҳифзи иҷтимоиро зарур аст, мунтазам вазъи некӯаҳволии аҳолиро мавриди омӯзиш қарор дода, тавассути мониторинги некӯаҳволии иҷтимоии хонаводаҳо хатари таҳдиди хавфи бекорӣ, камбизоатӣ ва эҳтиёҷмандии онҳоро пешгӯи кунанд ва пеш аз сар задани таҳдид барномаҳои алоҳидаи зиддибӯҳрониро таҳия намоянд ва онҳоро дар худмашғулиятӣ ва худтаъминкунӣ омода созанд. Дар баробари ин, хатари аз даст додани аъзои қобили меҳнати хонавода, таваллуди бармаҳали кӯдакон, ба нафақа баромадан, маъюб шуданро то андозае пешгӯӣ ва чораандеши намудан мумкиан аст.

Хадамоти сарпарастии пиронсолон дар навбати худ метавонад барномаҳои рушди шабакаи муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолонро таҳия намуда парастории хонагӣ, парасторӣ дар марказҳои махсусгардонидашуда ва мактаб-интернатҳоро ба роҳ монад. Ташаккули чораҳои пешгирикунанда дар байни аҳолии мушкилоти оилавӣ дошта метавонад ҳолатҳои сарзадани талоқ ва афзоиши кӯдакони зиндаятимро пешгирӣ намояд.

Умуман, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ин маҷмуи чораҳо, барномаҳо ва тадбирҳои дорои хусусияти машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилиеро дар худ таҷассум мекунад, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ  аз рӯи он таъмини ҳуқуқњои конститутсионии шаҳрвандонро ба неъматҳои моддӣ ва ташаккули ҳаёти шоиста ба роҳ мемонанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷанбаҳои мухталифи таъмини некӯаҳволии аҳолиро дар сатҳи меъёрҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва фарҳангӣ муқаррар менамояд [34, с. 71].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили консепсияҳо ва назарияҳои баррасишуда иброз доштан мумкин аст, ки низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз

муҳимтарин қисмҳои таркибии рушди шиддатёбандаи устувори ҷомеа буда, ҳамчун қисми таркибии иқтисоди бозории муосир амал мекунад. Ба андешаи мо мафҳуми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун раванди махсуси таъсиррасонии мақсадноки мақомоти салоҳиятдори давлат дар равандҳои банақшагирӣ, ташкил, роҳандозӣ ва назорати фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии дар ин раванд ба вуҷудоянда шарҳ дода шудааст.

Идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсири мақсадноки мақомоти салоҳиятдорро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат ифода менамояд.

Чунин зернизомҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҷудо намудан мумкин аст:

– зернизоми идоракунии давлатӣ;
– зернизоми идоракунии ҷамъиятӣ;
– зернизоми идораи маҳаллӣ.

Хусусияти хоси идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар зернизомҳои зикргардида дар он таҷассум меёбад, ки он дар тамоми зернизомҳо ба ҳам талқам буда, фаъолияти дастаҷамъонаи гурӯҳҳои васеъи ҳифзи иҷтимоиро фаро мегирад.

Хулоса идораи давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамчун шохаи васеи идоракунии давлатӣ баромад менамояд. Он аз зернизомҳои ба ҳам алоқаманд ва тобеи давлат иборат мебошад. Объекти идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар тамоми ин зернизомҳо ягона буда, вобаста ба масъалаи ҷойдошта вазифаҳои гуногунро ҳар яки он иҷро менамоянд. Дастгирӣ ва таъмин намудани сатҳи муътадили зиндагонии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашуда ҳадафи асосии идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар замони саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат ва рушди индустрияи 4.0 дар ҷаҳон, ки автоматикунонии равандҳои истеҳсолиро тавсеа медиҳад, зарурати воридсозии ислоҳоти куллӣ дар низоми идоракунии ҳифзи

иҷтимоии аҳолӣ пеш меояд. Дар ин раванд, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гузариш ба банақшагирии стратегӣ зарур аст, ки он самаранок тақсим намудани масъулият байни субъектҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоиро пешбинӣ менамояд.

Ба андешаи мо, дар шароити ноамнгардидани вазъи ҷаҳонӣ, афзоиши муҳорибаҳо байни қудратҳо аз як тараф ва худкоргардонии раванди истеҳсолот аз тарафи дигар, зарур аст вазифаҳои давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳким бахшида шаванд.

Дар баробари ин, андешидани тадбирҳо зарурӣ дар самти нигоҳ доштанаи анъанаҳои миллӣ оид ба беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ, масъулияти падару модар дар баркамолрасонии фарзанд ва масъулияти фарзанд, дар нигоҳубинӣ волидайн дар даврони пиронсолӣ ва эҳтиёҷмандӣ, фишори иҷтимоиро дар ҷомеа паст мегардонад. Ин имкон медиҳад, табақи қодири аҳолӣ муносибатҳои падаронаро нигоҳ дошта, ҳалли мушкилоти худро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пурра ба ихтиёри давлат нагузоранд ва то андозае худ дар ин самт саҳмгузор бошанд.

Ҳамзамон, ҳангоми коркарди барномаҳо ва стратегияҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ барои хубтар ҳал намудани масъалаҳои ҷойдошта таҳияи равишҳои арзёбии идоракунии иҷтимоиро зарур мегардонад. Ин имкон медиҳад аҳолӣ дар самти моҳияти ҳифзи иҷтимоӣ тасаввуроти аниқ дошта бошад ва дақиқ дарк намояд ки ҳангоми осепбпазири аз чӣ ҳифз карда мешавад.

Махсусан аҳолии осебпазир бояд тассурот дошта бошанд, ки ҳифзи онҳо аз тарафи давлат на танҳо бо мақсади барқарор намудани шароити таъмини ҳаёт, ташаккули шароити якхела байни гурӯҳҳои осебпазир ва имкониятдошта, ба роҳ монда мешавад, балки бо мақсади пешгирикунии чунин ҳолатҳо, ба вуҷуд овардани устувории таъминоти муътадили ҳаёт амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, дар ин раванд бояд манбаъҳо ва усулҳо ташкилу идора кардани ҳифзи иҷтимоӣ бояд барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ равшан бошад.

Мо зарур мешуморем шарҳи анъанавии мафҳуми ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳои якдафъаина, як навъ «ёрии таъҷилӣ» дар шароити номусоиди иқтисодӣ, ё ҳамчун чораҳои марказонидашудаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии қишрҳои алоҳидаи ҷомеа пурра таҷдиди назар карда шавад.

Зеро дар шароти ҷаҳонишавӣ хавфҳои иҷтимоӣ метавонад ба тамоми аҳолӣ таҳдид намояд ва идораҳои ҳифзи иҷтимои захираҳо ва имкониятҳои маҳдуд доранд. Дар баробари ин самараи роҳандозиии чораҳои пешгирикунанда нисбати чораҳои якдаъфина зиёдтар буда, ба фаъолгардонии табақаҳои осебпазир мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, дар хулосаи зербоби баррасишуда таъқид менамоем, ки мушкилоти иҷтимоии аксари табақаҳои осебпазири аҳолӣ танҳо мушкилоти давлат набуда, мушкилоти идораҳои ҳифзи итимоӣ, давлат ва ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, дар беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ тадбирҳои дастаҷамъӣ ва ҳамгирошудаи сохторҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тамоми сатҳҳо зурур аст. Дар баробари ин, ба даст овардани созиши заруриро байни принсипҳои бозории иқтисодиёт ва иҷтимоии ҷомеа шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии кори иҷтимоӣ ба шумор меравад.

### 1.2. Принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир

Низоми муосири ҳифзи иҷтимоӣ зери таъсири маҷмӯи омилҳо ва риояи принсипҳое ташаккул ёфтааст, ки на ба некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат расонидаанд, балки идоракунии самараноки онро таъмин намуда, онро ба яке аз самтҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт табдил додаанд. Дараҷаи рушди беҳдошти иҷтимоӣ имрӯз яке аз омилҳои муҳимми ислоҳоти сифатии хоҷагидорӣ дар самти табдил додани иқтисоди мамлакат ба давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, самти муҳимми мукаммалгардонии идоракунии иҷтимоӣ муқаррарсозии қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии иҷтимоӣ, омилҳои ба он таъсиррасон, принсипҳои ташаккулёбӣ ва усулҳои идоракунӣ мебошанд.

Ташаккулёбӣ ва рушди механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи иҷтимоӣ ба як қатор принсипҳо алоқаманданд, ки хусусияти хоси идоракунии ҳифзи иҷтимоиро муқаррар мекунад [132, с. 287].

Низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро баррасӣ намуда, ба принсипҳои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан лозим аст. Мафҳуми «принсип» аз калимаи лотинии «principium» гирифта шуда, маънояш «оғоз, асос» аст [36, с. 52]. Принсипҳои идоракунии иҷтимоӣ дастурҳои роҳнаморо ифода менамоянд, ки соҳа, хусусиятҳои умумӣ ва самти умумии рушди меъёрҳои идоракуниро дар самти иҷтимоиёт муқаррар месозад. Созишномаҳои Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) принсипҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таҷассум менамоянд.

Тибқи принсипҳои муқараркардаи СБМ он ҳар як давлат барои таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба тамоми аҳолӣ дар ҳолатҳое, ки ба саломатӣ ва некӯаҳволии моддиии онҳо хатарҳои муайян таҳдид кунанд, вазифадор мебошанд. Аз ин рӯи дар дилхоҳ мамлакат низомҳои миллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси конвенсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат бо назардошти хусусияти рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо ташаккул меёбанд.

Принсипҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба як қатор принсипҳо асос ёфтааст, ки онро дар шакли расми манзур намудан мумкин аст (расми 1.2.).

Дар байни принсипҳои дар расм овардашуда принсипҳои суроғавӣ, тафриқавӣ ва маҷмуӣ мавқеи махсус доранд. Суроғавӣ будани тадбирҳо расонидани кумаки иҷтимоиро ба шаҳрвандони мушаххас бо назардошти эҳтиёҷоти шахсии онҳо пешбинӣ мекунад. Татбиқи қоидаи мазкур ҷудо кардани меъёрҳои муайянеро фаро мегирад, ки мувофиқи онҳо кумаки иҷтимоӣ ба ашхоси мушаххаси эҳтиёҷманд расонида мешавад. Пеш аз ҳама, ин эҳтиёҷмандӣ, яъне шахсоне, ки даромади кофӣ, маблағи ҳадди ақали муқарраршудае, ки зиндагиро таъмин мекунад, надоранд, фаҳмида мешавад.




**Расми 1.2. - Принсипҳои ҳифзи ичтимоии аҳолӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муносибати тафриқавӣ дар муайян намудани ҳаҷм ва намудҳои кумакро барои баробар кардани вазъи моддии гурӯҳҳои гуногуни аҳолии аз нигоҳи ичтимоӣ осебпазир ва барқарор намудани мақоми онҳо ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа пешбинӣ менамояд.

Ба таври маҷмуӣ пешниҳод шудани кумаки ичтимоӣ имкони дар як вақт расонидани якчанд намуди кумакро аз тарафи сохторҳои ҳифзи ичтимоӣ дар назар дорад.

Хусусияти системавии таъмини ҳифзи ичтимоӣ – ин ба таври мунтазам аз нав баррасӣ намудани меъёрҳои ичтимоӣ дар баробари боло рафтани шохиси нархҳои истеъмолӣ, инчунин афзоиши ҳадди ақали музди меҳнат ва арзиши зиндагӣ фаҳмида мешавад.

Дар таъминоти ичтимоии аҳолӣ нақши махсусро дастрасии иттилоот ба тамоми қишрҳои аҳолӣ аз тарафи мақомоти танзимкунандаи соҳа ва ё сохторҳои таъминкунадаи аҳолӣ бо воситаҳои ичтимоӣ мебозад. Мақомот ва сохтори зикргардидашуда дастрасии иттилоотро маъмулан тариқи интишори

васеи иттилоот дар васоити ахбори омма оид ба тартиб ва шартҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ, ташкили машваратҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ бо шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нашри маводҳои оморӣ, илмӣ-оммавӣ ва иттилоотӣ оид ба мавзуи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, истифодаи дигар шаклҳои ташвиқот ва таблиғот, ки дастрасии иттилоотро таъмин мекунанд, ба роҳ мемонанд.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хусусияти умумӣ дошта, он имконияти якхелаи дастрасиро барои ҳар як нафар дар ҳолати сар задани вазъияти душвори ҳаёт, сарфи назар аз миллат, ҷинс, нажод, забон, ҷои истиқомат дар назар дорад, таъмин карда мешавад.

Дар ҳифзи иҷтимоӣ накши муҳимро шарикии иҷтимоӣ касб менамояд, ки он фаъолияти дастачамъонаи тамоми табақаҳои аҳолиро дар ҳалли мушкилоти ҳифзи иҷтимоӣ ифода менамояд. Самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ фоидаи софи иҷтимоии ҳар як барномаи иҷтимоииро ифода менамояд, ки маъмулан хароҷоти зиёди иҷтимоиро талаб менамоянд. Иштироки васеи созмонҳои хайриявию ҷамъиятӣ саҳми онҳоро дар инкишофи шаклу намудҳои ёрии иҷтимоӣ, таъмини устувории иҷтимоӣ ифода менамояд.

Шарикии иҷтимоӣ ҳамкории мутақобилаи мақомоти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро тақозо менамояд.

Дар баробари принсипҳои дар боло зикргардидаи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ олимони соҳаи менеҷмент вобаста ба равишҳои гуногун, як қатор принсипҳои иловагиро ҷудо менамояд. Муҳаққиқи рус Кравченко В.И. принсипҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро чунин гурӯҳбандӣ мекунад:

– принсипҳои ташкилӣ – иқтисодӣ – фарогирии умумии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ, татбиқи заминаҳои меъёрӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, гуногунрангсозии шаклҳои беҳдошти иҷтимоӣ;

– идоракунандагӣ – ҳудудгузории вазифаҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳи ҳокимияти ва маҳаллӣ, дар вилоято, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот, хусусияти ҳадафмандӣ, самтнокии фаъол, суроғавӣ, чораҳои пешгирикунанда, фарогирӣ, муносибати тафриқавӣ;

– таъминоти ҳуқуқӣ – асоснокии қонунгузории идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ;

– инсондӯстӣ – эҳтироми шаъну шараф, обрӯ ва мақоми шахс, ибрози меҳрубонӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва ғ.

Саати Т. ва Керне К. дар асари илмии худ “Банақшагирии таҳлилии ташкили низом” чунин принсипҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҷудо менамоянд [41, с. 174]:

1. Принсипи “Нақшнокии асосии давлат дар ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”. Чунин принсип хусусияти модели иҷтимоию давлатҳои давраи гузаришро ифода менамояд, ки дар идоракунии ичтимоии аҳолӣ мавқеи давлатро дар мадди аввал мегузорад. Чунин принсипро дар менеҷмент принсипи “падаршоҳӣ” низ меноманд, ки муносибатҳои давлат ба шахс ва ҷомеаро ифода менамояд. Он як низоми муносибатҳои иҷтимоиест, ки дар он давлат ниёзҳои асосии шаҳрвандонро таъмин мекунад ва шаҳрвандон ба ивази ин ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳанд, ки намунаҳои рафтори худро, чи дар ҷамъият ва чӣ дар шакли хусусӣ баён кунанд.

Чунин модел тасдиқ мекунад, ки манфиатҳои кишвар, мардум, ҷомеа аз манфиатҳои шаҳрвандони алоҳида нисбатан болотаранд. Давлат - ин танҳо воситаи амалӣ гардондани манфиатҳои ҷамъият аст ва бояд дар кори худ маҳз ба манфиатҳои умумӣ такя намояд. Манфиати принсипи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки аксарияти даромади аҳолӣ маҳз ба давлат вобаста мебошад.

2. Принсипи масъулияти шахсӣ. Тибқи принсипи мазкур озодие, ки ба шахс дода мешавад бо масъулият алоқаманд аст. Ташаккули мустақилона ва ба тартиб даровардани ҳаёти шахсии худ бо масъулият ва дурандешии инфиродии шахс ба амалиёти андешидашуда ва қарорҳои қабулшуда зич алоқаманд аст. Кормандон вазифадоранд, дар баробари давлат дар ҳифзи иҷтимоӣ саҳм гузоранд, ки он ба василаи дар як вақт баромад намуданашон ҳамчун субъекти суғурташуда ва ҳам суғуртакунандаи дигарон амалӣ карда мешавад. Мувофиқи ин принсип кӯмакҳои пардохташуда аз тарафи шаҳрвандон на ҳамчун кумак, балки ӯҳдадорӣ дар назди ҷомеа мебошад.

Саҳми худи шахси суғурташуда дар ин раванд бояд воситаи таъмини сатҳи зиндагии шахсӣ ниёзманд гардад.

3. Принсипи ёрии ҳамдигарии якдилӣ. Ин принсип маънои онро дорад, ки шаҳрванд ҳангоми коршоямӣ ба дигарон аз ҷиҳати моддӣ ёрии иҷтимоӣ мерасонад ва ҳангоме, ки вазъи иҷтимоии ӯ осебпазир гардад, ба ӯ низ аз ҳисоби суғуртаи кардашуда, кумаки моддӣ расонида мешавад. Принсипи мазкур сатҳҳои касбӣ-соҳавӣ, инфиродӣ-гурӯҳӣ ва давлатиро фаро мегирад. Аз ин рӯ, хатарҳои иҷтимоӣ аз ҷониби созмонҳои махсус ба таври мувофиқ тақсим мешаванд, ҷуброн мегарданд ва ё худ бартараф карда мешаванд.

4. Принсипи дастгирии муносиб ё принсипи субсидиарӣ (аз лотинии subsidium - кумак, субсидия, дастгирӣ). Маънои ин принсип дар он ифода меёбад, ки сохторҳои ҷамъиятӣ ва шахс вазифаҳои худро дар ҳолатҳои зарурӣ ба сохторҳои болоӣ ва давлат вогузор мекунанд. Ҳангоми ташаккули механизмҳои дастгирии зарурии шаҳрвандон як қатор масъалаҳои ба ҳам алоқаманд ба миён гузошта мешаванд ва ҳалли худро меёбанд.

5. Принсипи масъулияти мутақобила барои иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ аз муассисаи суғуртаи ҳатмии иҷтимоии дорои хусусияти ҷамъиятии ҳуқуқӣ бармеояд [40, с. 115].

Чӣ тавре ки яке аз асосгузорони ҷомеашиноси рус Сорокин П.А. иброз медорад, мавҷудияти низоми ягонаи устувори арзишҳои асосӣ ва меъёрҳо мувофиқи рафтор – шарти асосии ташаккули низоми ҳифзи иҷтимоӣ самараноки дар ҷомеа ба шумор меравад.

Ташаккули афзалиятҳои муосир дар идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба равиши иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, усули синергетикӣ бо унсурҳои динамикаи ғайрихаттӣ табиӣ боқӣ мемонад, зеро хатарҳои ҳифзи иҷтимоӣ воқеан хатарҳои иқтисоди бозорӣ мебошанд [44, с. 62].

Тихомирова В.В. сохтори зерини шаклҳои ҳифзи иҷтимоиро таҳия ва пешниҳод кардааст:

1) кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ (меъёрҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ);

2) ёрдампулии иҷтимоӣ (кумакпулиҳои иҷтимоӣ оид ба суғурта ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ);

3) хизматрасониҳои иҷтимоӣ [114, с. 162].

Аҳаммияти пажуҳиши масъалаи усулҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоиёт аз он иборат аст, ки бахши иҷтимоӣ мушкилтарин объекти идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Идоракунии чунин объект дар сатҳи мамлакат аз бисёр омилҳо аз қабили ҷойгиршавии ҷуғрофии мамлакат, хусусияти миллӣ ва фарҳангӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст [93, с. 227]. Омӯхтани низоми усулҳои идоракуни ҳифзи иҷтимоӣ бояд имконият диҳад, ки масъалаи интихоби усулҳои мушаххаси идоракунӣ барои мамлакат дуруст ҳал карда шавад.

Дар умум, методологияи таҳқиқи равандҳои иҷтимоӣ таълимот роҷеъ ба сохтор, ташкили мантиқӣ, усулҳо ва воситаҳои фаъолиятро дарбар мегирад. Мутобиқи ин усул роҳи расидан ба ҳадаф, ҳалли масъалаи мушаххас; маҷмуи усулҳо ё амалиёти коркарди амалӣ ё назариявии (шинохти) воқеият мебошад.

Тамоми усулҳои идоракунии бахши иҷтимоиро аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Бисёр муаллифон усулҳои идоракуниро ба иқтисодӣ, маъмурӣ ва ташкилӣ ҷудо мекунанд. Яке аз меъёрҳо, меъёри татбиқи усулҳо дар илмҳои гуногун мебошад. Дар робита ба бахши идоракунии иҷтимоӣ таснифоти мазкур дар адабиёти илмӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад медонем, ки низоми усулҳои илмии махсус ва умумии идоракунӣ нисбат ба соҳаи иҷтимоӣ, ҳаматарафа баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, идоракунии бахши иҷтимоӣ бо истифода аз усули низоми ба назар гирифтани ҳамаи муносибатҳо, омӯзиши қисмҳои алоҳидаи сохтории соҳаи иҷтимоӣ, муайян намудани нақши ҳар кадоми онҳо дар фаъолияти умумии низом ва баръакс муайян кардани таъсири низом дар маҷмуъ ба унсурҳои алоҳидаи онро дар назар дорад.

Усулҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоиро дар умум ба усулҳои умумӣ ва махсус ҷудо намудан мумкин аст (расми 1.3.).




**Расми 1.3. - Усулҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити муосир**
**Сарчашма:** Михеев А.С. Методы управления социальной сферой региона –С. 227-230

Усулҳои умумӣ хоси тамоми соҳаҳои менеҷмент буда, усулҳои махсус хоси худи равандҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Дар баробари ин, байни усулҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гуруҳи махсусро усулҳои қоидавӣ ташкил менамоянд. Ин усулҳо идоракунии ҳифзи иҷтимоиро аз нуқтаи назари марҳилаҳои асосии фаъолиятҳои ташкилии раванди идоракунӣ баррасӣ менамояд, ки аз муқаррарсозии мақсад, вазифаҳо оғоз гардида, то қарори қабули дахлдор, ташкили фаъолияти гурӯҳҳои масъул, ҷобаҷогузории кадрҳо, таъминоти захираҳо ва назорати вақти корӣ идома меёбад. Истифодаи ин усул имкон медиҳад фаъолияти мутахассисони бахши иҷтимоиро ба навъҳо ҷудо намуда, оид ба беҳтарсозӣ ва такмили он тавсияҳо коркард карда шаванд.

Дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – вазифаи асосии кори иҷтимоӣ ҳамчун раванди идоракунӣ аз он иборат аст, ки ба рушди неруи эҷодӣ, ҳаётӣ дар ҳар як шахс тавассути ваколатҳо ва усулҳои маъмурӣ, ҳифзи қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбизоати аҳолӣ аз таъсири манфии муносибатҳои табиӣ бозор, оқибатҳои манфии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ кумак расонида шавад [99, с. 26].

Идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ бо истифода аз усулҳои таҳлил ва синтез интихоби қисмҳои таркибии он, унсурҳои низоми додашуда, омӯзиши хислатҳо ва хусусиятҳои онҳо ва муттаҳидсозии минбаъдаи унсурҳои интихобшуда, омӯхтани хислатнома ва хусусиятҳои нави тамоми низомҳои умумиро дар худ таҷассум мекунад.

Истифодаи усули индуксионӣ дар идоракунии бахши иҷтимоии минтақа таҳияи ин модели идоракуниро аз рӯи принсипи гузаштан аз методи шахсӣ ба умумӣ дар назар дорад. Ба ибораи дигар, мо метавонем намунаи идоракунии соҳаи иҷтимоии ин ё он шаҳрро гирем ва онро барои идоракунии соҳаи иҷтимоии минтақа истифода барем. Аз тарафи дигар, мо метавонем низоми идоракуниро барои як соҳаи бахши иҷтимоии минтақаи худ таҳия намуда, онро ба тамоми низом гузаронем.

Дар байни усулҳои интуитивӣ ҷои махсусро усулҳои коршиносӣ ишғол мекунанд. Аксар вақт технологияҳои коршиносӣ барои таъмини тартиби қабули қарорҳои зерин истифода мешаванд:

1. Муайян кардани ҳадафҳои тараққиёти бахши иҷтимоӣ;

2. Пешгӯиҳои экспертии рушди соҳаи иҷтимоӣ (усулҳои пешгӯӣ: усулҳои баҳодиҳии экспертии инфиродӣ ва коллективӣ, усули таҳлили морфологӣ, усули сохтани сенарияи пешгӯӣ, усули аналогияи таърихӣ);

3. Таҳияи сенарияҳои рушди пешбинишудаи соҳаи иҷтимоӣ;

4. Таҳияи навъҳои алтернативӣ;

5. Муайян намудани рейтингҳо;

6. Низомҳои арзёбӣ;

7. Қабули арзёбиҳои гурӯҳӣ (коллективӣ).

Ҳамин тариқ дар илми менеҷменти иҷтимоӣ усулу воситаҳои ҳифзи иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд. Усулҳои умумии идоракуниро ба усулҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷудо менамоянд. Усулҳои маъмурӣ усулҳое мебошанд, ки барои ташкил ва идоракунии равандҳои иҷтимоӣ заруранд [63, с. 64]. Усулҳои иқтисодӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои ҷуброни даромади аз

даст рафтаи корманд дар ҳолати фарорасии хатари иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд.

Усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд дар асоси меъёрҳои иҷтимоӣ, ки нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи дараҷаи истеъмоли молу хизматҳои гуногун, маблағи даромади пулӣ ва дигар шароити зиндагии аҳолиро фаро мегиранд, сохта мешаванд [49, с. 51].

Гуруҳи усулҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамаи он усулҳоеро муттаҳид мекунанд, ки бо кумаки онҳо мутахассисони фаъолияти иҷтимоӣ ба манфиатҳои моддӣ ва маънавӣ, миллӣ, оилавӣ ва дигар манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ҷамъиятии меҳнаткашон таъсир мерасонанд. Усулҳои таъсиррасонӣ ба эҳтиёҷот ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли кумаки ашёӣ ва пулӣ, муқаррар намудани имтиёзҳо ва додани ёрдампулии яквақта истифода мешаванд [42, с. 93].

Маълум аст, ки ба сифати унсурҳои асосии идоракунии кадрҳо низоми додани музди меҳнат баромад мекунад. Барномаҳои мутобиқсозии кормандони нав ба фаъолияти касбӣ, дастурҳои вазифавӣ ва низомномаҳои кормандон, барномаҳои такмили ихтисос, рушди касбият воситаҳои иловагии идоракунии кормандони соҳаи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Маъмулан ба воситаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандон унсурҳои сиёсати иҷтимоии корпоративиро дохил мекунанд, он созишномаи коллективӣ, барномаҳои иловагии тиббӣ ва нафақавиро дар бар мегирад [18].

Усулҳои маъмурӣ (ташкилӣ) дар амалияи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд. Ин усулҳо ба муносибатҳои мартабот, ҳокимият ва тобеият асос ёфтаанд, ки ба низоми идора хосанд [99, с. 27]. Усулҳои таъсиррасонии маъмурӣ микдоран хело зиёд буда дар низоми идоракунӣ аз рӯи як қатор меъёрҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Усулҳои ташкилӣ-маъмурии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба усулҳои танзимкунанда, маъмурӣ ва интизомӣ ҷудо мешаванд, ки тавсифи онҳо дар расм оварда шудааст (расми 1.4.).




**Расми 1.4. - Усулҳои ташкилӣ-маъмурии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**Сарчашма:** Оразгалиева А. К. Организационно-распорядительные методы социальной защиты населения в Республике Казахстан // Статистика и Экономика No1, 2009 с.26-29

Усулҳои танзимкунӣ - як намуди усули сахти таъсиррасонӣ мебошанд. Бо ёрии усулҳои танзимкунӣ низоми ташкилӣ ба вуҷуд оварда мешавад, вазифаҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сохторҳои идоракунии муайян, қоидаҳо, дастурҳо ва чорчӯбаи рафтори роҳбарон ва тобеони онҳо муқаррар карда мешаванд. Усулҳои батанзимдарорӣ, ҷоймуайянкунӣ, ташкилӣ, дастгоҳикунӣ ва ғайра дар ин гурӯҳ шомил мешаванд.

Усули танзимкунӣ муқарраротро дар самти ташкили сохторҳои ташкилӣ, муқарарсозии ҳайати мақомоти идоракунии гурӯҳӣ ва зерсохторҳои он, муайян кардани ҳуқуқу ухдадориҳо, ваколатҳои мақомоти роҳбарикунанда, тартиби механизми бартараф намудани зиддиятҳое, ки дар байни мақомоти алоҳидаи идоракунӣ дар рафти фаъолияти касбӣ ба миён меоянд дарбар мегирад. Дар баробари ин, ин усул номгӯи шаклу усулҳои роҳбарӣ дар коллективҳо, корхонаҳо, ки барои ҳалли баъзе масъалаҳо истифода мешаванд муқарар намуда, тартиби мушаххаси қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои инфиродии иҷтимоӣ ва касбиро коркард менамояд. Он асосан тариқи ташдили ҷаласаҳои умумӣ маҷлисҳои умумӣ, конференсияҳо, муҳокимаҳои мушкилиҳо

дар коллективҳо, омӯзиши афкори ҷамъиятӣ ва экспертизаи ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар доираи низоми идоракунӣ усули батанзимдарорӣ муташаккилиро дар кор таъмин мекунад, реҷаи оптималии фаъолиятро нигоҳ медорад, ба амали омилҳои табиӣ роҳ намедиҳад, дар фаъолияти ҳайати корӣ тартибу интизомро ҷорӣ мекунад.

Ба низомҳои тамоюлӣ дохил мешаванд: рақамгузорӣ, шифоҳӣ рақамгузории калимаҳо, рамзикунонӣ, графикӣ, тобишҳои рангӣ.

Усулҳои маъмурӣ бароиислоҳи низом ва ба таври фаврӣ дақиқ намудани вазифаҳои идоракунӣ, барои такмили созмон истифода мешаванд, ки ба ҳалли мушкилоти мушаххас нигаронида шудаанд. Ин усулҳо дар ду шакл ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мешаванд. Чунин шаклҳои таъсиррасонии маъмурӣ, монанди дастурҳо, фармонҳо ва қарорҳо танҳо дар шакли ҳуҷҷати хаттӣ ва фармонҳо, амрҳо ва дастурҳо - дар ҳарду шакл ифода ёфтаанд. Таъсири супориши усулҳо, пеш аз ҳама, ба бартараф намудани душвориҳое, ки дар фаъолияти касбӣ ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудааст.

Дар ташкили кори иҷтимоӣ усулҳои интизомӣ васеъ истифода карда мешаванд. Махсусан вақте, ки зарурати ҳалли масъалаҳои сершумор пеш меояд коркарди тартиботу коидаҳои дахлдори интизоми меҳнат ба раванди кори ҷамъиятӣ таъсири воқеӣ мерасонад. Ин на танҳо риояи интизоми меҳнат, балки ифодакунандаи он аст, ки то чӣ андоза ҳайати кормандон ва гурӯҳҳо дар назди фармоишгарон, масъулияти шахсии худро дарк менамоянд ва то чӣ андоза маҳорати зурурӣро доро мебошанд. Самаранокӣ ва маҳсулнокии усулҳои идоракунии ташкилиро ба воситаи дуруст ба ҳам пайваст намудани навъҳои гуногуни масъулият баланд бардоштан мумкин аст. Дар амалияи иҷтимоӣ мафҳуми вазифаи иҷтимоӣ бо фаъолият, вазифаҳо, кори муассисаҳо ва хадамоти иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Таснифоти усулҳои иҷтимоӣ аз рӯи вазифаи идоракунии иҷтимоӣ дар расми 1.5. оварда шудааст.




**Расми 1.5. - Таснифоти усулҳо аз рӯи вазифаи идоракунӣ**

**Сарчашма:** Оразгалиева А. К. Организационно-распорядительные методы социальной защиты населения в Республике Казахстан // Статистика и Экономика №1, 2009. -С.26-29

Банақшагирӣ –вазифаи муҳими идоракунии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин вазифа мақсадҳои фаъолият муайян шуда, воситаҳои расидан ба мақсад интихоб карда мешавад, шакли ташкили ҳаёт ва ёрии иҷтимоӣ муайян намуда мешавад. Ҳамзамон барномаи расидан ба ҳадафҳои мушаххас таҳия карда шуда, бо назардошти самти фаъолият дар амалия татбиқ карда мешаванд. Сифати банақшагирӣ аз пешгӯии илман асоснокшудаи натиҷаҳои бадастоянда алоқаманд аст, ки вобаста ба он вазифаҳо ба миён гузошта мешавад.

Пешгӯикунӣ усули идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки пешгӯии илмии ҳолати шахсро дар оянда муқарар намуда барои гузариши қулайи он аз як ҳолати ҳаётӣ ба ҳолати дигарро таъмин менамояд.

Амсиласозии иҷтимоӣ рушди идеалии ҳолатҳо ва раванди рушди объект дар тамоми давраи банақшагириро ифода менамояд.

Барномарезии иҷтимоӣ ошкор кардани марҳилаҳои гузариши пайдарпай ба ҳолати навро дар назар дорад. Ба ин тартиб, он додани худи алгоритми фаъолияти низом, муайян кардани захираҳои зарурӣ, интихоби воситаҳо ва усулҳои фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва мутахассисонро фаро мегирад.

Чӣ тавре дар боло қайд карда шуд, бахши иҷтимоӣ объекти мураккаби идоракунӣ мебошад. Барои истифодаи оқилонаи усулҳои идоракунӣ дар бахши иҷтимоӣ ҷудо намудани унсурҳои алоҳида қобили қабул аст.

Аз нуқтаи назари таркиби соҳавии бахши иҷтимоӣ соҳаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: маориф, нигаҳдории тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, фарҳанг, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хӯроки умумӣ ва ғайра. Дар идоракунии соҳаи маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва фарҳанг чун соҳаҳои пешбари иҷтимоӣ усулҳои оморӣ истифода бурда мешавад. Махсусан ин усул ҳангоми ҳисоб кардани меъёрҳо ва маҳакҳои таъмини аҳолӣ бо хизматрасонӣ ва муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Усулҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ бошад, бештар барои идоракунии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, хӯроки умум, марказҳои хизматрасонӣ ба пиронсолон, истифода карда мешавад, ки он имкон медиҳад сенарияҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ бо дарназардошти омилҳои гуногуни таъсиррасон коркард карда шавад.

Ба ғайр аз соҳаҳои бахши иҷтимоӣ, инчунин унсурҳои зеринро метавон ҷудо кард, ба монанди заминаи меъёрие, ки муносибатҳоро дар бахши иҷтимоӣ ба танзим медарорад ва инфрасохтори муносибатҳои мазкурро таъмин менамояд. Идоракунии пояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд дар асоси

муносибатҳои системавӣ бо мақсади таъмини якпорчагӣ ва муттаҳидии он амалӣ карда шавад. Инчунин, барои идоракунии заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ истифодаи усулҳои баҳодиҳии экспертӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки бо ёрии онҳо самаранокӣ ва эътибورнокии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо барои идоракунии оқилонаи инфраструктураи соҳаи иҷтимоӣ, усулҳои таҳлил ва синтезро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст [93, с. 227].

Бо истифода аз усулҳои мазкур низоми идоракуниро барпо кардан мумкин аст, ки аз унсурҳои ягонаи инфрасохтор (ташкилотҳо, муассисаҳо ва ғайра) сар карда, бо идоракунии маҷмуии тамоми маҷмуи унсурҳои инфрасохтор анҷом меёбад.

Дар хулоса бояд гуфт, ки идоракунии бахши иҷтимоӣ, ки объекти мураккаб ба ҳисоб меравад, истифодаи муносибати маҷмуиро ба интихоби усулҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад. Ҳар як усули барраси кардашуда, камбудиҳо ва афзалиятҳои худро дорад ва дар шароити иқтисодиёти давлатҳои давраи гузариш, ки масъалаи ҳифзи иҷтимоӣ аз сохтори пешинаи низоми хоҷагидорӣ маншаъ мегирад ва дар муддати кутоҳ татбиқи пурраи принсипҳои бозорӣ ба дараҷае метавонад ба ҳифзи иҷтимоӣ таъсири худро расонда, зарурати истифодаи принсипҳои интегронидашударо тақозо месозад, ки он аз бартариятҳои тамоми принсипҳои ҷойдошта, ташаккул хоҳад ёфт. Дар баробари ин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ нақши махсусро татбиқи усулҳои барномарезии иҷтимоӣ ва амсиласозии иҷтимоӣ хоҳад бозид. Барномарезии ҳифзи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ саривақт муқаррар карда шуда, барномаҳои дахлдор оид ба таъмини некуаҳволии онҳо таҳия ва татбиқ карда шавад.

### 1.3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазир бо далели баландравии сатҳи нархҳои истеъмолӣ, беқурбшавии

асъори миллӣ, паст гардидани қобилияти харидории асъори миллӣ ва идомаёбии равандҳои муҳоҷират ба чашм мерасад, ки андешидани чораҳои дахлдор мувофиқ ба вазъи кунунии соҳаи таъминоти иҷтимоии аҳолиро тақозо мекунад. Дар идоракунии чунин раванд имрӯз давлатҳои аз ҷиҳати саноати тараққикарда таҷрибаи муайянеро нишон додаанд, ки омӯзиши он имкон медиҳад механизмҳои самараноки таҳияшуда ва моделҳои рушдкардаи идоракунии ҳифзи иҷтимоиро дарёфт намуда, барои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои илман асоснокшуда пешниҳод карда шавад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи дар кишварҳои хориҷӣ омӯхташуда боиси таваҷҷуҳ буда, дар зербоби мазкур мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Албатта, дар ҷаҳони муосир модели ягонаи том ва бенуқсони собитшуда вуҷуд надорад ва ҳар яке аз онҳо  хусусиятҳои мувофиқеро доранд, ки метавонад қобили татбиқ дар кишварҳои давраи гузариш бошад. Илова бар ин, ҳар як кишвар аз таърих ва хусусиятҳои ба худ хосе истифода мебарад, ки дар ниҳоят ба таҷрибаи худи он дар таъмини иҷтимоии аҳолӣ табдил мeёбанд.

Сиёсати иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар комилан мутобиқшаванда буда, мувофиқи тағйироти муҳити иқтисодӣ ва беруна тағйир меёбад. Дар таҳқиқоти мазкур мамлакатҳое, ки дар онҳо таъминоти иҷтимоӣ хубтар ба роҳ монда шудааст ба таври алоҳида баррасӣ мекунем.

Дар Олмон заминаи молиявии таъминоти иҷтимоӣ ба принсипи суғуртаи ҳатмӣ асос меёбад, ки он суғуртаи нафақа; суғуртаи тиббӣ; суғурта аз рӯи маъюбиро дарбар мегирад [62, с. 125]. Пардохтҳои суғуртавӣ одатан аз ҷониби корманд ва корфармо пардохт карда мешаванд. Агар корфармо суғуртакунии кормандро ба роҳ намонад, он аз ҳисоби худи корманд ба роҳ монда мешавад. Бояд қайд кард, ки Олмон барои дигар кишварҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ намунаи омӯзиш ва ибрат ба шумор меравад. Аммо хароҷоти зиёди иҷтимоӣ дар Олмон дараҷаи вазнинии андозҳоро баланд бардоштаст, ки арзиши ҳаётро барои аҳолии дар шуғлбуда зиёд гардонидааст. Ин ба он

оварда расонидааст, ки аксари машғулбудагон дар иқтисодиёт аз чунин низоми иҷтимоӣ қаноатманд нестанд.

Новобаста аз оне, ки Олмонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд, кумаки иҷтимоӣ барои ниёзмандон ҳамчун чораи охирин амал мекунад. Гарчанде низоми суғуртаи иҷтимоӣ, кумакҳои ҳадди ақали даромадро амалан пешбинӣ намекунад, низоми кумаки иҷтимоӣ сатҳи ҳадди ақали зиндагиро барои онҳое, ки аз ҳисоби даромад ё кумакпулиҳои иҷтимоӣ зиндагӣ карда наметавонанд, кафолат медиҳад.

Дар муқоиса ба низомҳои ҳифзи иҷтимоии мамлактҳои дигари пешрафтаи ҷаҳон, низоми ҳифзи иҷтимоии Олмон дараҷаи баланди озодии маъмуриро фароҳам меорад. Дар як қатор давлатҳои дигари Аврупо ба мисли Британияи Кабир ҳифзи иҷтимоӣ низоми комилан мутамарказ ва фармоишӣ ба шумор меравад.

Олмон ба шумори кишварҳое дохил мешавад, ки дар он барои ҳифзи иҷтимоӣ бештар маблағ ҷудо мешавад. Дар соли 2020 дар Олмон андозаи хароҷоти иҷтимоӣ ба 1,19 трлн евро расид, ки ба 33,6% ММД-и ин мамлакат баробар аст [19]. Аммо, бархилофи эътиқоди маъмул, Олмон дар байни ин кишварҳо дар ҷои аввал нест. Дар чунин мамлакатҳо, ба монанди Фаронса ва Шветсия дараҷаи хароҷоти иҷтимоӣ боз ҳам баландтар аст. Дар баробари ин дар хоҷагии ҷаҳонӣ давлатҳое ба чашм мерасанд, ки давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ хеле кам маблағ харҷ мекунад. Ба ин гурӯҳи давлатҳо Ҷопон, Британияи Кабир ва ИМА дохил мешаванд.

Идоракунӣ ва маблағгузории кумаки иҷтимоӣ дар Олмон аз ҷониби заминҳои федералӣ ва инчунин мунитсипалитетҳо татбиқ мешаванд. Кумакпулӣ барои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ махсусан барои дастгирии даромади аздастрафтаи шаҳрвандон аз ҳисоби буҷетҳои мунисипалӣ маблағгузорӣ мешавад, дар ҳоле ки хароҷот барои расонидани кумак дар ҳолатҳои махсус аз ҳисоби буҷетҳои заминҳои федералӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Кумаки иҷтимоӣ дар Олмон дар асоси равиши инфиродӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои эҳтиёҷмандон ташкил карда мешавад, аммо имтиёзҳо нисбатан стандартӣ ва танзимшаванда мебошанд. Кумаки иҷтимоӣ дар шакли пуррааш аз чаҳор ҷузъ иборат аст: кумакпулиҳои меъёрӣ, иловапулиҳои махсус, кумакпулиҳои яквақта ва кумакпулиҳои моддии манзил.

Дар Шветсия механизми асосии ҳифзи иҷтимоӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ асос меёбад. Пардохти ҳатмии корфармоён дар ин мамлакат 30 фоизи музди меҳнатро ташкил медиҳад, ки аз ин 18% ба фонди нафақа ва 12% ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ равона карда мешавад [73, с. 115]. Дар Шветсия харҷи маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба 5 гурӯҳи ниёзмандон ҷудо карда мешавад, ки онҳо чунинанд: ёрӣ ба оилаҳои кӯдакдор; кумапулӣ ва ёрӣ ба бекорон; кумак ба муҳоҷирон; кумак ба беморон; кумаки тиббии дандонпизишкӣ.

Ба даст овардани некӯаҳволии умумӣ ва дар айни замон, сатҳи баланди кафолатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Шветсия хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Бо ин мақсад дар мамлакат низоми афзуншавандаи андоз амал мекунад, ки барои дар буҷети давлатӣ ҷамъ овардани маблағҳои калон имконият фароҳам меорад ва бо ҳамин маблаги зиёди даромади дар аввал тақсимшуда аз нав тақсим карда мешавад. Омӯзиш нишон дод, ки дар умум хароҷоти иҷтимоӣ дар Шветсия қариб 50% хароҷоти давлатиро ташкил медиҳад [28, с. 119].

Модели шведии ҳифзи иҷтимоӣ чунин хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад:

– маблағгузории хароҷоти иҷтимоӣ аз ҳисоби даромадҳои умумии андозии буҷет, низоми зиёдшавии андоз (то 65 фоизи даромади гурӯҳҳои сердаромади аҳолӣ гирифта мешавад);

– афзалияти принсипҳои баробарӣ ва ҳамраъйӣ дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ; хусусияти фаъолонаи тадбирҳои пешгирӣ кардани бекории дарозмуддат;

– дараҷаи баланд ва дастраси умум будани тадбирҳои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

Дар муқоиса бо кишварҳои дигар, Шветсия барои тадбирҳои таъминоти иҷтимоӣ захираҳои зиёдеро сарф мекунад. Як ҷузъи муҳимми рушди консепсияи давлатии некӯаҳволии умумӣ дар Шветсия низоми даромад барои пиронсолон ба ҳисоб мерафт. Низоми нафақа дар Шветсия тағйироти зиёдеро паси сар кард ва соли 2001 низоми нав ҷорӣ карда шуд. Далели мазкур он аст, ки микдори нафақаҳое, ки баъзан пардохт мешуданд, ба дараҷаи даромади пештара вобаста карда мешуданд. Стратегияи сиёсати бозори меҳнат дар Шветсия чун анъана ба тадбирҳои фаъол асос ёфтааст. Дар баробари ин пешниҳоди ёрдампулӣ ба бекорон тавассути нақшаҳои суғуртавӣ барои аз даст додани шуғл тадбири асосии ғарифаъол ба шумор меравад.

Дар ҳоле ки дар баъзе кишварҳо бунёди низоми кумаки иҷтимоӣ ҳанӯз дар рӯзномаи сиёсӣ қарор дорад, тӯли садсолаҳост, ки Шветсия чунин низомро дорад. Дуруст аст, ки ин низом дар ибтидо «ёрӣ ба камбағалон» ном дошт ва аз «давлати некӯаҳволии умумӣ - иҷтимоӣ» хеле қадимтар аст.

"Нидерланд шурӯъ аз соли 2004 ба низоми комилан нави ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузашт, ки асоси он кумаке ба ҳисоб меравад, ки барои ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ равона шудааст, яъне, кумак дар такмили ихтисос ва ҷустуҷӯи кор, ҳамгироӣ ба бозори меҳнат мебошад" [75, с. 99].

Агар таҷрибаи хориҷии мамлакатҳоро дар самти идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ аз рӯи сатҳи умумии хароҷоти давлат нисбат ба ММД арзёбӣ намоем, пас аз ҳама хароҷоти зиёд ба сари аҳолӣ ба Люксембург рост меояд, ки 19 427 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Дар ҷои дуюм Норвегия бо - 14,711 ҳазор доллар ва дар ҷои сеюм Дания – бо 12,895 ҳазор доллар қарор доранд [55, с. 127].

Қариб ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ суғуртаи иҷтимоиро аз хавфи иҷтимоӣ истифода бурда, ба табақаи аҳолие ёрии иҷтимоӣ мерасонанд, ки камбизоат ба шумор меравнанд. Дар ҷадвали 1.1. гурӯҳбандии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ вобаста ба татбиқи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали 1.1. - Гурӯҳбандии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ вобаста ба татбиқи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ**

| Таснифоти кишварҳо | Кишварҳо | Шарҳ |
|---|---|---|
| - мамлакатҳое, ки дар онҳо принсипҳои суғурта бартарӣ доранд, пардохтҳо ва кумакпулиҳо бо мукофотҳои суғуртаи инфиродӣ алоқамананданд; | Олмон, Фаронса, Белгия ва Люксембург. | Дар кишварҳои мазкур низомҳои ҳифзи аҳолӣ ба принсипҳои суғуртаи шартномавӣ асос ёфтаанд. Қувваи кории дар шуғл қарордошта фоизи муайяни даромади худро ба фонди суғурта мегузаронанд, ки ин ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, дар сурати эҳтиёҷ ба кумак аз маблағи пасандози фонди суғурташуда ва аз хизмати фонд истифода баранд. |
| - мамлакатҳое, ки дар онҳо принсипҳои суғуртаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ камтар ифода ёфтаанд, маблағи имтиёзҳо ва пардохтҳо бештар ба эҳтиёҷоти инфиродӣ мувофиқ аст ва маблаггузорӣ асосан аз ҳисоби маблағҳои андоз ба амал бароварда мешавад; | Британиёи Кабир, Дания, Ирландия | Ҳифзи иҷтимоӣ дар ин гурӯҳи мамлакатҳо бо пасандозҳои суғуртавӣ кам алоқаманд аст. Дар кишварҳои мазкур буҷаи давлатӣ дар маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. |
| - мамлакатҳое, ки дар байни ду кишвари аввал мавқеи миёнаро ишғол мекунанд; | Нидерландия ва Италия | Низоми омехтаи таъминоти иҷтимоиро намояндагӣ мекунад. Давлат дар баъзе мавридҳо ӯҳдадории кафолати таъмини даромади иҷтимоии ҳадди ақали даромади иҷтимоиро ба зимма намегирад. Дар дигар мавридҳо, баръакс, таъмини иҷтимоӣ дар марҳилаи хеле баланди рушд қарор дорад ва низом ҳар як сокини кишварро фаро мегирад. |
| - мамлакатҳое, ки дар онҳо низоми хифзи иҷтимоии аҳолӣ вуҷуд надорад, ё алъон дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. | Испания, Португалия, Гретсия | Низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакатҳои мазкур ҳанӯз дар давраи ташаккул қарор доранд. Дар ин кишварҳо даромади ҳадди ақали кафолатнок вуҷуд надорад ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои ҳама шаҳрвандон дастрас нестанд. |

**Сарчашма:** Аймакова П. М. Зарубежный опыт социального обеспечения населения // Актуальные исследования. 2020. №22 (25). С. 127-130

Дар ҳамаи кишварҳои аврупоӣ бахши ҳифзи иҷтимоӣ бисёрвазифавӣ мебошад. Чун қоида, бахши ҳифзи иҷтимоӣ ҳашт вазифаро иҷро мекунад, ки ба хатарҳои асосии иҷтимоӣ, ки шахс дар давоми ҳаёташ дучор мешавад, мувофиқ аст (ҷад. 1.2.).

Ҷадвали 1.2. - Гурӯҳбандии хавфҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар кишварҳои Аврупо

| Вазифаҳо | Шакли хавф | Шакли пардохтҳои иҷтимоӣ |
|---|---|---|
| Ҳифзи беморон | Хавфи беморӣ | пардохтҳо ба ҷуброни пурра ё қисман, ки ба даромади дар натиҷаи қобилияти корӣ гумшуда мувофиқат мекунанд; хизматрасонии пурра ё як қисми тиббиро чӣ дар бахши давлатӣ ва чӣ дар бахши хусусӣ фаро мегирад. |
| Ҳифзи маъюбон | Хавфи маъюбӣ | додани нафақа ва кумакпулӣ ба шахсоне, ки қобилияти меҳнатӣ ва зиндагии муътадили ҷомеаро комилан гум кардаанд; хизматрасонии тиббӣ вобаста ба маъюбӣ; хароҷоти марбут ба барқарорсозӣ. |
| Ҳифзи захмбардоштагон дар истеҳсолот | Хавфи захмбардорӣ дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ | додани нафақа ва ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар шаклҳои пардохтҳои мустақим; ёрии махсуси тиббӣ; хароҷоте, ки ба барқароркунии саломатӣ ва дигар шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ алоқаманданд. |
| Ҳифзи бесаробонон | Хавфи аз даст додани саробон | нафақа ва кумакпулӣ барои марг, кумакпулӣ барои хизматрасониҳои дафн. |
| Ҳифзи бекорон | Хавфи бекорӣ: | имтиёзҳое, ки бо бекории пурра ё қисман алоқамандаанд; музддиҳӣ барои кори муваққатӣ ё эпизодии аз тарафи мақомот ташкил шуд, ки ин ёрдампулиро иваз намекунад. |
| Ҳифзи муҳоҷирон | Хавфи муҳоҷират | хароҷоти вобаста ба ҳаракати захираҳои меҳнатӣ, омӯзиш, бозомӯзӣ; ёрдампулиҳое, ки ба ҷои нави истиқомат кӯчидани бекорони собиқ вобастаанд. |
| Ҳифзи модарон | Хавфи модарӣ | ҳомилагӣ, таваллуд, ширмакконӣ: хароҷоти кумакпулӣ барои ҳомиладорӣ; хароҷоти ёрии тиббӣ ба модару кӯдак ва дигар шаклҳои таъминоти занони ҳомила ва занон дар давраи таваллуд. |
| Ҳифзи оилаҳои осебпазир | Ёрдампулии оилавӣ | ёрдампулӣ ба кӯдакони дар таъминот таъминшуда, кумаки ҳақиқӣ дар шакли хӯрокворӣ, кумакпулии роҳкирой, кумаки хонагӣ ва ғайра. |

**Сарчашма:** Сохта шудааст бо истифодаи Якунин А. С. Актуальные проблемы развития социальной эффективности управления// Мир науки. Выпуск 3 – 2013. - С.1-5

Дар Британияи Кабир ба ҳар як муассисаи ҳифзи иҷтимоӣ (таъминоти ҳифзи иҷтимоии давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва суғуртаи иловагии шахсӣ) тақрибан ҳиссаи баробари захираҳои молиявӣ рост меояд [111, с. 55].

Дар Шоҳигарии Британиё чунин сохторҳои идоракунии иҷтимоӣ дар назди низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил карда шудаанд:

– хадамоти миллии тандурустӣ. Ин хадамот хизматрасониҳои тиббиро барои тамоми шаҳрвандони Британиё, ҳамчунин ғайрирезидентҳои дорои мақоми доимии истиқомат пешкаш менамояд;

– хадамотҳои иҷтимоӣ дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (шаҳрӣ). Хадамоти мазкур ба сарпарасти ва дастгирии маъюбон, пиронсолон, одамони гирифтори ихтилофи равонӣ, инчунин ба оилаҳои кӯдакдор дар маҳалҳо махсус гардонидашудааст;

– хадамотҳои таъминоти иҷтимоӣ. Ин низомеро ифода менамояд, ки фаъолияташ барои нигоҳ доштани сатҳи асосии зиндагии шахсоне, ки ҷои корро аз даст додаанд ё дар ҷустуҷӯи коранд ва барои расонидани кумаки моддӣ ба оилаҳо ва маъюбон равона карда шудааст.

Ҳамаи созмонҳои мазкур буҷаи «шаффоф» доранд ва фаъолияти онҳо аз авлавиятҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Британиё маҳсуб мешавад. Онҳо тақрибан нисфи тамоми хароҷоти давлатиро ташкил медиҳанд.

Шиносои бо таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар самти ҳифзи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар ин мамлакат хеле норавшан боқӣ мемонад. Таъминоти иҷтимоӣ дар ИМА дар асоси пардохтҳо ба фондҳои дахлдор аз ҳисоби як қисми даромади корманд ё пешбурди фаъолияти соҳибкор ба роҳ монда мешавад. Дар ин мамлакат фонди суғуртаи иҷтимоӣ аз фонди суғуртаи тиббӣ дар алоҳидагӣ амал менамояд. Вобаста ба тараққиёти баланди капитализм дар ИМА сатҳи нафақаи давлатӣ нисбатан паст аст ва он сатҳи кофии зиндагии эҳтиёҷмандонро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, қисми зиёди аҳолии ИМА аз имконоти гуногуни сармоягузорӣ ба давраи эҳтиёҷмандӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба фондҳои нафақаи хусусӣ истифода менамоянд. Ҳамзамон, давлат ба таври ғайримустақим чунин сармоягузориро ҳавасманд мекунад, ки дар он маблағи сармоягузории ҳармоҳа ба суратҳисобҳои нафақа метавонад ворид гашта, то андозае аз андозбандӣ озод карда шавад [24, с. 79].

Сиёсати иҷтимоӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар шакли таъминоти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби давлат ва ширкатҳои хусусӣ амалӣ карда мешавад, зоҳир мешавад. Давлат шаҳрвандони эҳтиёҷмандро тавассути муайян кардан ва расонидани ҳадди ақали кумаки иҷтимоӣ дастгирӣ мекунад. Соҳибкорон кормандони худро тавассути додани имтиёзҳо, пардохтҳои иловагӣ ва нафақаи баландтар дастгирӣ мекунанд. Дар ИМА некӯаҳволии ҷамъиятӣ аз ду соҳа иборат аст - суғуртаи иҷтимоӣ ва кумакпулии иҷтимоӣ. Ба моддаҳои суғуртаи иҷтимоӣ додани нафақаи пиронсолӣ, хароҷоти ёрии тиббӣ ба пиронсолон, додани ёрдампулӣ барои бекорӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ба суғуртаи иҷтимоӣ бахши асосии тамоми хароҷоти иҷтимоии давлат рост меояд, ки қисми зиёди аҳолиро фаро мегирад.

Кумаки иҷтимоӣ бо кумаки моддӣ ба он табақаҳои аҳолие тааллуқ дорад, ки бо сабаби камбизоатӣ аз андоз озод карда шудаанд, инчунин ба онҳо ёрии тиббӣ расонида мешавад ва ё бо талонҳои озуқаворӣ ва хӯроки бепул таъмин карда мешаванд.

Тадбирҳои дастгирии давлатии қисми куҳансоли аҳолӣ дар соҳаи дарозумрии фаъол дар бисёр мамлакатҳои хориҷӣ ба нигоҳ доштани фаъолияти ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо нигаронида шудаанд.

Барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ асоси низоми таъминоти иҷтимоии Ҷопонро ифода менамояд, ки барои ҳифзи аҳолӣ ва гурӯҳҳои осебпазир аз доираи васеи хатарҳо дар ҳаёти ҳаррӯза пешбинӣ шудаанд [88, с. 24]. Барномаҳои мазкур дар ҳифз ва кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба зиндагии шоиста нақши махсусан муҳимро мебозад.

Дар Конститутсияи Ҷопон, ки соли 1946 қабул карда шуда буд дар моддаи 25, ибораи таъминоти иҷтимоӣ қабул карда шудааст. Аммо он замон мафҳуми мазкур маҳдуд буда, доираи он то андозае норавшан буд.

Қабули Барномаи суғуртаи давлатӣ оид ба нигоҳубини дарозмуддат –яке аз ислоҳоти бузурги солҳои охир дар низоми таъминоти ичтимоии Ҷопон мебошад. Гарчанде, дар Ҷопон низоми кумаки иҷтимоӣ, хизматҳои иҷтимоӣ дар сарпарастии пиронсолон ва нигоҳубини ниёзмандон нақши муҳим дорад,

аммо дар амал бори гарони моддӣ ва ҷисмонии нигоҳубини пиронсолон ба дӯши оилаҳои онҳо гузошта шуда буд.

Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷопон татбиқи барномаҳои некӯаҳволии аҳолии мамлакатро ба роҳ мемонад. Вазорати мазкур барои банақшагирии барномаҳои таъминоти иҷтимоӣ ва муайян кардани мақсадҳои стратегӣ ва манбаъҳои маблағгузории онҳо масъул мебошад. Дар Ҷопон таъмини шуғл, меъёрҳои меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, объектҳои танзими давлатӣ ба шумор меравад.

Як мақоми ғайривазоратӣ дар Ҷопон "Агентии суғуртаи иҷтимоӣ" ба шумор меравад. Агентии мазкур маҷмӯи васеъи хизматрасониҳои иҷтимоиро ба роҳ мемонад. Махсусан ба хизматрасонии суғуртаи тиббии кормандони корхонаҳои хурду миёна, суғуртаи нафақаи касбӣ, нафақаи базавӣ  ва ғ. номгӯи хизматрасониҳои агентии мазкур ба шумор меравад. Дар баробари ин иҷроиши як қисми барномаи суғуртаи маҷмуӣ барои дарёнавардон ва баҳрчиён низ ба заммаи агентии мазкур гузаронида шудааст. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва идораҳои маҳаллии он бо ҳамдигар робитаи зич доранд ва дар як шабакаи умумие муттаҳид шудаанд, ки тамоми мамлакатро фаро мегирад.

Дар сатҳи маҳалҳо дар Ҷопон барои идора кардани муносибатҳои меҳнатӣ, дар назди Агентии меҳнат, Агентии назорати стандартҳои меҳнат ва Агентии давлатии кафолати шуғл сохторҳои алоҳида ташкил дода шудаанд. Барои санҷиши талаботи бехатарии ҷои кор ва таъмини шароити мувофиқи корӣ дар Ҷопон Агентии санҷиши стандартҳои меҳнатӣ масъул мебошад.

Дар баробари институтҳои ҳифзи иҷтимоии баррасишуда, ки хусусияти ҷумҳуриявӣ доранд, мунисипалитетҳо низ дар масъалаи таъмини некӯаҳволии ҷамъият дар мамлакати баррасишаванда нақши хеле муҳим мебозанд. Махсусан иҷроиши Барномаи кумаки иҷтимоӣ, барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷомеа, барномаи миллии суғуртаи саломатӣ ва нигоҳубини дарозмуддат дар Ҷопон ба ихтиёри мунисипалитетҳо гузошта шудааст.

Барномаҳои имрӯзаи ҳифзи иҷтимоии Ҷопон аз соли 1949 маншаъ мегирад. Моддаи 25-и Конститутсия, ки соли 1949 кабул шудааст, ҳуқуқи мардумро ба пешбурди зиндагии комил ва шоиста дар ҳадди ақал пешбинӣ менамояд. Мувофиқи ин модда давлат бояд барои беҳтар намудан ва таҳкими некӯаҳволӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва саломатии аҳолӣ чораҳо андешад, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти одамонро дарбар мегирад.

Низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа дар Ҷумҳурии Чили яке аз низомҳои инноватсионӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар асоси нақшаи модели Чили масъулияти ташаккули пасандозҳои нафақа ба зиммаи шаҳрвандони меҳнаткаш вогузор мешавад [143, с. 17]. Ҳар яке аз онҳо суратҳисоби нафақавии худро доранд, ки он ҳар моҳ бо маблағи муайян ба андозаи 10 фоизи музди кор пурра карда мешавад. Дар оянда маблағҳои интиқолшуда бо интихоби шаҳрванд аз ҷониби ширкати хусусии идоракунӣ сармоясозӣ карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар Чили ду намуди асосии гирифтани нафақа мавҷуд аст: рентаи якумрӣ ва нафақаи барномавӣ. Дар доираи рентаи якумрӣ дар Чилӣ ширкати суғуртавӣ ба шахси суғурташуда то охири умраш ёрдампулӣ медиҳад. Низоми нафақаи барномавӣ -пардохти нафақа аз рӯи нақшаи муайяни мувофиқашуда бо шахси суғурташударо ифода менамояд.

Дар робита ба таҷдиди сохтори иқтисодиёт ва афзоиши сатҳи бекорӣ кишварҳои зиёде роҳи татбиқи барномаҳои миллии ҷалби бекоронро ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шакли худмашғулшавӣ пеш гирифтаанд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ин навъи шуғл бо истилоҳҳои «шуғли хонагӣ» ё «кори хонагӣ» ва «меҳнати хонагӣ» муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, асоси низомҳои муосири давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, ки ҷузъи сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар давлатҳои хориҷӣ ба ҳисоб мераванд, ду институти асосиро ташкил медиҳанд: суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоии давлатӣ. Бо ёрии онҳо захираҳои хеле бузурги молиявӣ ташкил карда мешаванд, ки ба 30 фоизи ММД ва ҳатто аз ин хам зиёдтар баробар

мешавад. Дар баробари ин, ҳиссаи суғуртаи иҷтимоӣ дар аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, бахусус дар Белгия, Италия, Олмон, ва Фаронса тақрибан 60-70% тамоми хароҷоти ҳифзи иҷтимоиро ташкил медиҳад [121, с. 62]. Дар кишварҳои Скандинавия ва Британияи Кабир маблағгузории буҷети давлатӣ барои низомҳои дастгирии иҷтимоӣ ва хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ тақрибан баробар аст.

Дар кишварҳои мутараққии саноатии ҷаҳон сиёсати иҷтимоӣ нисбат ба пиронсолон дар асоси тарҳи қабулшудаи куҳансолии муваффақ ё фаъол асос ёфтааст. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи таҳқиқоти зиёди иҷтимоӣ ва инчунин диққати ҳукуматҳои Фаронса, Бритониё ва як катор дигар мамлакатҳо ба мавқеи одамони калонсол дар бозори меҳнат, табъиз  ё худ маҳдудияти онҳо аз рӯи синну сол, баланд бардоштани ҳавасмандии коргарони куҳансол, мутобиқ кардани низомҳои нафақа ва ғайра нигаронида шудааст.  Дар чунин кишварҳо таваҷҷуҳи махсус ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад, зеро бозори меҳнат дар ин кишварҳо ба тағйироти бузурге бархурдор гардид, ки маҳз дар даҳсолаҳои охир ба амал омадаанд.

Мамлакатҳои хориҷӣ низомҳои гуногуни кумакҳои иҷтимоиро истифода мебаранд, ки ба дастгирии табақаҳои «заиф»-и аҳолӣ нигаронида шудаанд. Дар ИМА, Бритониёи Кабир, Ҷопон онҳоро асосан бахши хусусӣ, шумораи зиёди ташкилотҳои хайриявӣ ва ҷамъиятӣ дар амал татбиқ мекунанд. Дар Олмон, Дания ва аксар кишварҳои дигари Аврупо вазифаи асосии ҳалли чунин мушкилот аз тарафи сохторҳои давлатӣ иҷро карда мешаванд [110, с. 162]. Дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон паст гардидани раванди танзими иқтисодиёт боиси коҳиши даромади пулии қисми зиёди аҳолии эҳтиёҷманд  ва тамаркузи назарраси онҳо дар байни табақаҳои сарватманди ҷомеа шудааст. Дар баробари ин, аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз устувории афзоиши сатҳи зиндагии ҳамаи шаҳрвандони худ ҷонибдорӣ карданд.

Дар бисёр кишварҳои хориҷӣ ба мисли Австрия, Олмон, Фаронса, кишварҳои Бенилюкс ва ғайра низоми сесамтаи суғуртаи иҷтимоии шаҳрвандон истифода карда мешавад, ки суғурта аз пиронсолӣ ва маъюбӣ

(барои пиронсолон), беморӣ (ҳангоми бемории вазнин) ва дар ҳолатҳои рух додани фалокат дар истеҳсолотро дарбар мегирад. Чунин нақша маънои мавҷудияти давлати иҷтимоиро дорад, ки вазифаҳои он ба дастгирии ҳар як шаҳрванд, сарфи назар аз сабаби пайдоиши ҳолати эҳтиёҷмандии ӯ нигаронида шудаанд.

Сиёсати иҷтимоӣ дар кишварҳои шимолии Аврупо (Дания, Шветсия ва Финландия) ба риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ нигаронида шудааст, ки дар қонунҳо муайян карда шудаанд. Тибқи қонунҳои кишварҳои мазкур ҳамаи шаҳрвандон бояд амнияти баробари иҷтимоӣ дошта бошанд, ки аз ҳисоби тарҳҳои андоз маблағгузорӣ карда мешаванд. Чунин сиёсати иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ масъулияти давлат ва ҳуқуқи қонунии шаҳрванд буда, чун қоида ба шуғл ва пардохти ҳаққи суғурта вобаста нест. Дар сиёсати иҷтимоӣ хатарҳои гуногун, инчунин ҳолатҳои зиндагӣ, ки дастгирии ҷомеа ва давлатро тақозо мекунанд, ба назар гирифта мешавад. Чунин сиёсати иҷтимоӣ ба нақши баланди тақсимотии давлат асос ёфта, ба баробар кардани даромади табақаҳои гуногуни аҳолӣ ёрӣ мерасонад. Дараҷаи таъминоти иҷтимоии пиронсолон дар як қатор мамлакатҳои Аврупо (Испания, Юнон, Португалия, Булғористон ва ғайра) нисбатан паст буда, ёрии давлат хеле махдуд аст. Аз ин рӯ, ҳифзи иҷтимоии пиронсолон дар ин кишварҳо бештар ба соҳаи нигоҳубини оила ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тааллуқ дорад.

Низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии халқии Чин хусусияти ягона ва марказонидашудаи сиёсати давлатиро ифода менамояд. Ҳукумат дар ҶХЧ кӯшиш менамояд, ки механизми ягонаи таъминоти иҷтимоиро дар тамоми ҳудуди мамлакакт барои тамоми шаҳрвандон таъсис диҳад. Дар ин мамлакат таъминоти ичтимоӣ ба воситаи механизми сеқутба ба роҳ монда мешавад: давлат, бахши тиҷоратӣ ва ташаббусҳои ҷамъиятӣ ё фардӣ [130, с. 200].

Дар Ҷумҳурии халқии Чин таъминоти иҷтимоии аҳолӣ чор сатҳи ҳифзи иҷтимоиро дарбар мегирад: Кумаки иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ, ғамхории иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ. Дар Чин давлат

вазифаи асосии таъминоти иҷтимоиро ба дӯш дорад ва дар баробари ин аксари барномаҳои давлатӣ аз тарафи корпоратсияҳо васеъ дастгирӣ карда мешаванд.

Таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ислоҳоти иқтисодии ба бозор нигаронидашуда ин кишварҳо ба як қатор мушкилоти дорои хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯбарӯ шуданд. Махсусан дар оғози солҳои 90-ум дар давлатҳои ИДМ сатҳи бекорӣ ба дараҷаи бесобиқа баланд гардида, иқтисодиёти ғайрирасмӣ ташаккул ёфт. Ин мушкилот ба кори низомҳои таъминоти иҷтимоӣ таъсири васеъ расонида, имконоти онҳоро дар маблағгузории бахши таъминоти иҷтимоӣ маҳдуд гардонид. Дар аввали солҳои 90-ум дар натиҷаи таварруми баланд, афзоиши сатҳи бекорӣ ва камшавии пардохтҳои андозӣ ба мушоҳида расид, ки он дар навбати худ ба кам шудани фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ оварда расонид.

Дар натиҷа ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоии бамаротиб кам гардид, ки ин боиси авҷгирии ноустувории ҳаёти хашсони осебпазир гардид. Гарчанде, ки пас аз устуворгардии вазъи иқтисодиёт дар кишварҳои ИДМ, шурӯъ аз солҳои 2000-ум, шаклҳо ва воситаҳои таъиноти иҷтимоӣ гуногунранг гардиданд, аммо то ҳол дар аксари кишварҳои ИДМ кумаки иҷтимоӣ дар баробари низоми нафақа, яке аз шаклҳои боэътимоди ташкили дастгирии иҷтимоии қишрҳои камбизоати аҳолӣ ба ҳисоб меравад [116, с. 167].

Кишварҳои ИДМ мувофиқ ба ташаккул ва рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ, интихоб ва таносуби манбаъҳои маблағгузории он муттаҳид шудаанд. Ҳамин тариқ, дар аксари мамлакатҳои узви ИДМ як қатор мушкилот то ҳол вуҷуд дорад, ки дар раванди дигаргунсозии минбаъдаи низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки аз сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявӣ мушкил гардидаанд, ҳал талабанд ва татбиқи барномаҳое низ муҳим аст, ки ба онҳо нигаронида шуда, дар мубориза ба муқобили тамоюлҳои манфии иҷтимоию демографӣ самараи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар муҳлати дарозмуддат зиёд мекунад [124, с. 46].

Вобаста ба воситаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ як қатор тамсилаҳои муваффақ ташакул ёфтаанд, ки онҳоро шартан ба 4 гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. Тамсилаи иҷтимоӣ-демократӣ. Модели мазкур ба кишварҳои скандинавӣ хос аст. Таҳкурсии ин модел дар асоси амалан аз тарафи давлат ба тартиб даровардани даромади аҳолӣ, инчунин тақсимоти неъматҳои иҷтимоӣ барпо карда шудааст. Дар кишварҳои скандинавӣ, барои ҳифзи иҷтимоӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ маҳз ҳукумат масъул аст. Дар ин тамсила ҳадафи асосии давлат таъмини сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ, шуғли пурра, фароҳам овардани шароити мусоиди зист барои ҳар як шаҳрванди кишвар ба ҳисоб меравад.

2. Тамсилаи неолибералӣ. Тамсилаи мазкур бештар дар ИМА машҳур аст ва сиёсати иҷтимоии ИМА аз он манша мегирад. Дар ин тамсила нақши соҳибкорон ва корфармоён дар таъминоти иҷтимоӣ баланд аст ва давлат бештар ба масъалаҳои меъёрӣ аз қабили муқаррар намудани музди меҳнати ҳадди ақал, шароити бехатари шуғл дар истеҳсолот машғул мегардад. Муқаррарот ва ё меъёрҳои татбиқшаванда дар сатҳи федералӣ ва сатҳи иёлот татбиқ карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки тафриқаи сатҳи даромад байни иёлот кам гардонида шуда, сокинони иёлотҳои сатҳи даромади пастдошта дастгирӣ карда шаванд. Моделе, ки дар ИМА қабул шудааст модели неолибералӣ номида мешавад ва дар он масъалаҳои таъмини иҷтимоӣ асосан дар сатҳи муносибатҳо, чун қоида, дар созишномаҳои коллективӣ, бевосита байни соҳибкорон ва кормандон муқаррар мегарданд, ҳал карда мешаванд. Давлат дар дар ин маврид асосан ба сифати суди ҳакамӣ, назоратчӣ ва кафили риояи ӯҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо баромад мекунад;

3. Тамсилаи ғайриконсервативӣ. Модели мазкур дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон амал мекунад. Модели ғайриконсервативӣ хеле мураккаб буда, таъсири дастаҷамъона ва масъулияти ҳам дар назди давлат, ҳам ҳукумат ва ҳам тиҷорати хусусиро дар бар мегирад. Дар ин ҷо таъсири давлат ба масъалаҳои таъмини иҷтимоӣ тавассути қарорҳои омехта, ки ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар заминаи таъминоти молиявӣ ва моддӣ зуҳур мекунанд,

ба роҳ монда мешавад. Модели мазкурро модели мобайнӣ, неоконсервативӣ ё христианӣ-демократӣ низ меноманд.

4. Тамсилаи нави беверидҷӣ. Чунин низом дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландия татбиқ ёфтааст. Ҳадафи аслии низоми нави беверидҷӣ аз он иборат аст, ки бо роҳи нигоҳ доштани сатҳи муайян, паст шудани даромади аҳолӣ аз дараҷаи муайян пешгирӣ карда шавад. Дар ин ҷо муҳим он аст, ки давлат истеҳсолкунандагон ва соҳаи савдоро барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни нархҳо ва аҳолиро бо дотатсияҳо барои зиндагии осуда ҳавасманд намояд [55, с. 127].

Дар баробари ин зарур мешуморем, принсипҳои умумии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, ки дар хориҷа васеъ истифода карда мешавад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пурра татбиқ карда шавад. Ба ин принсипҳо пеш аз ҳама принсипҳои дастрасӣ, умумият, мутобиқшавӣ, адолатнокӣ ва масъулиятнокӣ дохил мешаванд (расми 1.6.).




**Расми 1.6. - Принсипҳои таъминоти иҷтимоии аҳолӣ**
*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Албатта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъҳои алоҳидаи ҳар як тамсилаи зикргардидаро истифода бурдан мумкин аст, он метавонад аз тамсилаҳои ҷойдошта ба куллӣ фарқ кунад. Ҳадафи асосӣ дар ин раванд таъмини амнияти иҷтимоӣ ба шумор хоҳад рафт. Умумияти ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ дар ин самт

пеш аз ҳама бояд ба принсипи эҳтиёҷот ва мақсаднокӣ асос ёбад. Мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ шахсони ба дастгирӣ ва кумаки давлатӣ эҳтиёҷдошта бо ду роҳ муайян карда мешаванд, ҳамчун категорияи мушаххас ё аз рӯи меъёри маҳрумият. Ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ шудааст. Тибқи усули "категорияи мушаххас" ёрии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ заиф, ки эҳтиёҷоти табиӣ онҳоро осеппазирнамудааст расонида мешавад. Ба ин гурӯҳ кӯдакон, маъюбон, пиронсолон, бекорон, муҳоҷирони иҷборӣ ва ғ. дохил мешаванд. Аз рӯи меъёри "маҳрумият" зарурати таъиноти ҳифзи иҷтимоӣ пас аз назорати даромадҳои ҳар як муроҷиаткунанда бо баровардани қарори махсус асоснок карда мешавад. Дар баробари ин, муайянсозии категорияҳои ниёзманд аз рӯи сатҳи камбизоатӣ роҳи дигари муқаррарсозии таъиноти иҷтимоӣ ба шумор равад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи пажуҳиш ошкор карда шуд, ки новобаста аз умумияти сиёсати иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар таъминоти иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Рушди соҳаи иҷтимоӣ ва низоми идоракунии он барои ҳар як кишвар ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии худро дорад. Нишондиҳандаи муҳимме, ки дар давлатҳои хориҷӣ самти ҳифзи иҷтимоиро муқаррар месозад, ин сатҳи имкониятҳои буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Ҳамон қадаре, ки кишварҳо бештар маблағ дошта бошанд, таъминоти иҷтимоӣ ҳамон қадар беҳтар мегардад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки тамсилаи аврупоии таъминоти иҷтимоӣ солҳои охир аҳаммияти худро кам намуда, бо мушкилоти идоракунӣ ва норасоии маблағ рӯбарӯ мешавад. Аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳар як тамсилаи ҷойдошта бо дарназардошти мутобиқ намуданашон ба хусусиятҳои миллӣ тавсия карда мешавад. Аз сабаби маҳдуд будани имконоти буҷети мамлакат мо зарур мешуморем, ки унсурҳои алоҳидаи давлатҳои мутараққии саноатии қитъаи Амрико ва Осиё низ татбиқ карда шавад. Махсусан ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили курсҳои омӯзиш ва ташкили фондҳои нафақавии хусусӣ низ аз манфиат берун нахоҳад буд.

## Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби якум:

1. Идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - таъсири мақсадноки аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлат ташкилшударо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба иҷрои ин вазифаи иҷтимоии давлат ифода менамояд, ки аз якчанд зернизомҳо ташаккул ёфта, ҳамоҳангсозии мустақими идоракунии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва маҳаллиро таҷассум менамояд. Идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун шохаи васеи идоракунии давлатӣ баромад менамояд, ки аз воҳидҳои ба ҳам алоқаманд ва тобеи давлат иборат аст, мақсадҳои ва вазифаҳо махсусро иҷро мекунанд, ки ба дастгирӣ ва таъмини сатҳи муътадили зиндагонии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир мусоидат мекунанд.

2. Механизми ҳифзи иҷтимоӣ низоми амалҳои иқтисодии баҳамалоқамандро ифода менамояд, ки бо таъсири фишанги оғози ташаккулёфта раванди идоракунии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазирро таъмин менамояд. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи иҷтимоӣ восита, ҳалқаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки дар асоси он раванди банақшагирӣ, ташкил, назорат ва идоракунии равандҳои муайяни иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Он хусусияти том дошта, мақомоти танзимкунанда, гурӯҳҳои осебпазир ва воситаҳои ҳифзи иҷтимоии ба онҳо таъсиррасонро фаро мегирад.

3. Низоми муосири ҳифзи иҷтимоӣ зери таъсири маҷмуи омилҳо ва принсипҳое ташаккул ёфтааст, ки барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ равона карда шуда, идоракунии самараноки он яке аз самтҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Дараҷаи рушди беҳдошти иҷтимоӣ имрӯз яке аз омилҳои муҳимми ислоҳоти сифатии хоҷагидорӣ дар самти табдил додани иқтисоди мамлакат ба давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад.

4. Низомҳои муосири давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, асоси сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар давлатҳои хориҷӣ ба ҳисоб рафта, ду институти асосиро ташкил медиҳанд: суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоии давлатӣ.

Мамлакатҳои хориҷӣ низомҳои гуногуни кумакҳои иҷтимоиро истифода мебаранд, ки ба дастгирии табақаҳои «заиф»-и аҳолӣ нигаронида шудаанд. Таҳқиқот нишон дод, ки дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон паст гардидани раванди танзими иқтисодиёт боиси коҳиши даромади пулии қисми зиёди аҳолии эҳтиёҷманд ва тамаркузи назарраси онҳо дар байни табақаҳои сарватманди ҷомеа шудааст.

5. Вобаста ба воситаҳои идоракунӣ чунин тамсилаҳои муваффақи ҳифзи иҷтимоиро ҷудо намудан мумкин аст: тамсилаи иҷтимоӣ-демократӣ; тамсилаи неолибералӣ; тамсилаи ғайриконсервативӣ; тамсилаи нави бевериҷӣ. Собит карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои алоҳидаи ҳар як модели зикргардидаро истифода бурдан мумкин аст, ки он метавонад аз моделҳои ҷойдошта ба куллӣ фарқ намояд.

6. Низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ба модели иҷтимоии давлатҳои шарқ ва ва аз тарафи дигар модели иҷтимоии давлатҳои давраи гузариш хос аст. Низоми муосири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба принсипҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки арзиши хоси шахсияти инсон, ҳуқуқ ба озодии он, рушди қобилият, некӯаҳволии ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва хушбахтонаи инсонро, сарфи назар аз хусусиятҳои миллӣ, нажодӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳои фардию ҷамъиятӣ тасдиқ мекунанд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ИДОРАКУНИИ РУШДИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Арзёбии асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идоракунии самарноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар дилхоҳ давлат пеш аз ҳама ба сифати институтҳои танзимкунандаи он ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳа алоқаманд аст. Дилхоҳ мамлакат дар асоси анъана, фарҳанг таърих ва арзишҳои тамаддунӣ ва бо назардошти вазъи муосири рушди хоҷагии ҷаҳонӣ тамсилаи идоракунии иҷтимоии худро меофарад ва механизми татбиқи онро ташаккул медиҳад.

Дар шароити байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ дар сиёсати ҳифзи иҷтимоии мамлакатҳо ба масъалаҳои таъмини шароит ба рушди шаҳрванд ва пеш аз ҳама ба саломатӣ ва таҳсилоти ӯ аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Ҳамзамон, вазифаҳои рушди инсонро танҳо тавассути ҳамкории фаъолонаи одамон ва давлат, субъектҳои хоҷагидор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳал кардан мумкин аст ва дар айни замон, онҳоро бояд ҳамчун меъёри самаранокии сиёсати иҷтимоӣ ҳисоб кард, ки на афзалиятҳои шуъбаҳои иҷтимоӣ ё гурӯҳҳои алоҳида, балки манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ ва умумибашариро амалӣ менамояд [21].

Қайд кардан зарур аст, ки мавҷудияти таҳқиқоти кам ва нокифоя дар самти ташаккули сиёсати иҷтимоӣ, аз як тараф ва таҷрибаи кӯтоҳи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, аз тарафи дигар сабаби асосии камсамар будани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар аксари кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мебошад. Ин аз он сабаб муҳим аст, ки дар давраи истиқлолият ва рушди иқтисоди бозорӣ омилҳои нави ноамнӣ ба вуҷуд омада, сатҳи зиндагии мардумро якбора паст карданд. Аз ҷумлаи чунин омилҳо бекорӣ, таваррум, тақсими ноодилонаи даромадҳо, коҳиши ҳаҷм ва сифати хидматрасонии тиббӣ ва маориф, болоравии қимати манзил ва бахусус муҳоҷирати иҷборӣ ба ҳисоб мераванд [7, с. 24].

Зарурати дахолати давлат ба соҳаи иҷтимоӣ ба нотавонии механизми бозор дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ манша мегирад. Дар аксари адабиётҳои назариявӣ масъалаи дахолати давлат ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун як навъ фишанги муҳофизатӣ баррасӣ карда мешавад, ки рушди нобаробарии иҷтимоиро байни табақаҳои аҳолӣ, ки принсипҳои бозорӣ ба он мусоидат менамояд пешгирӣ менамояд.

Он чун механизме амал мекунад, ки амалигардонии муносибатҳои шартномавии байни мақомот ва шаҳрвандонро таъмин намуда, ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии онҳоро дар ҷомеа кафолат медиҳад. Сиёсати иҷтимоӣ бо дарназардошти зарурати идоракунии рушди иҷтимоӣ одатан тибқи равиши меъёрӣ ва арзишӣ таҳия карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҷомеа ба сатҳи баланди идоракунӣ ноил гардида, мушкилоти ҷойдоштаи иҷтимоӣ бо воситаҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳал карда шаванд. Дар баробари ин, сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ аҳаммияти калон дорад.

Таҳлили масъалаҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки мушкилоти таъминоти иҷтимоиро аз сабаби дигаргунии доимии бавуқуъоянда якбора ҳал кардан имконнопазир аст. Ҳалли ин масъалаҳо мутобиқ кардани воситаҳои ҳифзи иҷтимоиро ба вазифаҳои наве, ки дар соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба ҳолати иқтисодиёт ба миён меоянд, тақозо мекунад. Рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар солҳои охир нишон дод, ки тадбирҳои ҳифзи иҷтимоиро аз амалияи давлатҳои дигар ба таври худкор нусхабардорӣ намудан мумкин нест. Зеро онҳо робитаи мушаххасро бо заминаи иҷтимоию иқтисодии миллӣ талаб мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ин раванд низоми махсусии идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Принсипҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ асоси онро ташкил намуда, арзиши хоси шахсияти инсон, ҳуқуқ ба озодии он, рушди қобилият, некӯаҳволии ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва хушбахтонаи инсонро,

сарфи назар аз хусусиятхои миллӣ, нажодӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳои фардию ҷамъиятӣ тасдиқ мекунанд.

Хусусиятҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир бо равандҳои ҷараёндоштаи ислоҳоти он ва санҷиши моделҳои муассиртарин барои бартараф намудани нақши баланди давлат бо институтҳои ҷамъиятии ниҳоят суст муайяншуда хос аст. Равандҳои мазкур ба таври мураккаб, зиддиятнок сурат мегиранд ва аксар вақт аз ҷониби аҳолӣ хеле дарднок қабул карда мешаванд, зеро бо кӯшиши гузаштан аз масъулияти иҷтимоии давлатӣ ба масъулияти ичтимоии типи фардӣ ва омехта алоқаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ичтимоии давлат масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷанг ва меҳнат, ятимону оилаҳои камтаъмин, инчунин дигар шаҳрвандоне, ки дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарор доранд, ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ намудани сиёсат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон аз ҷониби Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се сатҳ бунёд карда шудааст – сатҳи миллӣ, сатҳи соҳавӣ ва сатҳи маҳаллӣ. Меъёрҳи ҳуқуқие, ки дар сатҳи миллӣ қабул карда шудаанд, бахши ҳифзи иҷтимоиро дар умум ва ё ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккулёбӣ ва рушди идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро танзим менамоянд.

Танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор қонунҳо аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008 № 359, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо» аз 7 апрели соли 1995 № 59, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ» аз 19 майи соли 2009 № 521, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010 № 6751 ва ғ. сурат мегирад.

Тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати он ба ислоҳот ва фароҳам овардани шароите, ки зиндагии шоиста ва рушди неруи инсониро таъмин менамояд, аз ҷумла барои гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шудааст.

Дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори олии ҳуқуқидошта, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади асосии меъёрию ҳуқуқие мебошад, ки дар он принсипҳои умумии давлати иҷтимоӣ муқаррар карда шуда, ҳифзи ҳуқуқҳои тамоми шаҳрвандон кафолат дода шудааст. Ҳамзамон, баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст, ки хоси давлати дунявӣ ва демократӣ буда, асоси беҳдошти иҷтимоии шаҳрвандони кишвар маҳсуб меёбад.

Дар Конститутсия, илова бар ин, низоми махсуси ҳифзи оила, модару кӯдак ва принсипи масъулияти баробарии падару модар дар тарбияи фарзандон ва нақши фарзандон барои нигоҳубини падару модар муқаррар шудааст.

Маҷмуи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дар ҷадвали 2.1. оварда шудаанд.

Моддаи 1-уми Конститутсия муқарар менамояд, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ин модда уҳдадориҳои Ҷумҳурии Точикистонро ба бунёди давлати иҷтимоӣ муқаррар мекунад. Давлате, ки сиёсати он ба муҳайё намудани шароите нигаронида шудааст, ки ҳаёти шоиста ва инкишофи озодонаи одамро таъмин намояд. Ин принсипи асосӣ дар моддаи 17, ки баробарии ҳуқуқи зану мардро муқаррар мекунад, ифода ёфтааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» [2, с. 6].

**Ҷадвали 2.1. - Маҷмуи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд**

| Маҷмӯи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. | Моддаҳои конститутсия |
|---|---|
| ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб, ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ, ба музди меҳнати на камтар аз ҳадди ақал. | моддаи 35 |
| ҳуқуқ ба манзил, ки бо роҳи ба амал баровардани сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва индивидуалӣ таъмин мегардад. | моддаи 36 |
| ҳуқуқ ба истироҳат, ки бо роҳи муқаррар намудани давомнокии рӯзи корӣ ва ҳафтаи корӣ, додани рухсатии ҳарсолаи пулакӣ, рӯзҳои истироҳатии ҳар ҳафтаина ва дигар шартҳои пешбининамудаи қонун таъмин карда мешавад. | моддаи 37 |
| ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ки тавассути дастрасӣ ба ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои тандурустии давлатӣ амалӣ мегардад. | моддаи 38 |
| ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар пиронсолӣ, дар ҳолатҳои беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани коршоямӣ, аз даст додани саробон ва дар ҳолатҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст. | моддаи 39 |
| ҳуқуқ ба иштироки озодона дар ҳаёти мадании ҷамъият, эҷодиёти бадеӣ, илмию техникӣ; | моддаи 40 |
| ҳуқуқ ба таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти умумии ҳатмии асосӣ, ки гирифтани он дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. | |
| ҳуқуқи шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои барпо намудани оила | моддаи 33 |
| Дар Конститутсия тартиби махсуси ҳифзи модару кӯдак аз ҷониби давлат эълон шудааст. | моддаи 34 |

**Сарчашма:** Сохта шудааст аз рӯи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 1994 -26с.

Таҳлили матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997, мавҷудияти як қатор институтҳои қонунгузории иҷтимоиро, аз қабили институти таъминоти нафақа, кумакрасонӣ барои корношоямии муваққатӣ, дастгирии занҳои ҳомила ва дар рухсатии таваллуди тифл қарордошта, дастгирии оилаҳои камбизоат, бекорон ва ғайраро тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чорабиниҳои васеъи иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ба

солим нигоҳ доштани вазъи меҳнаткашон ва оилаҳои онҳо, ташаккули шароити амн ва мусоиди меҳнат, бархурдорӣ аз иловапулиҳои нафақавӣ аз пасандозҳои нафақа ва дигар намуди чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, равона карда шудааст.

Дар айни замон, дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ заминаи нисбатан мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, ки асосан аз санадҳои қонунгузории зерин иборат аст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаи давлатӣ ва суғуртавӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шахсони воқеӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумаки суроғавии иҷтимоӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатӣ», ва даҳҳо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Ташаккули низоми суғуртаи иҷтимоӣ, ки барои кишвари мо комилан нав аст, дар асоси қонунгузориҳои зерин сурат мегирад: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997 № 517, № 408, «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 июни соли 2008, «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 № 595, «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақаи касбӣ» аз 26 декабри соли 2011 № 790, «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 3 июли соли 2012 № 860, «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 19 марти соли 2013 № 95512 ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нафақа бо қонунҳои зерин танзим карда мешавад: «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», аз 13 декабри соли 1997, № 518; «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 25 июни соли 1993 № 796; «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 декабри соли 1994 № 1106; «Дар бораи ҳадди ақалли

зиндагӣ» аз 19 майи соли 2009, № 521; «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010, № 595; «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 28 декабри соли 2005 № 149; ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи масъалаҳои таъйин намудани нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2007, №353; «Қоидаҳои пардохти маблағҳои андӯхти нафақавӣ аз ҳисобномаҳои инфиродии шахсони суғурташуда» аз 31 декабри соли 2008, № 665; «Дар бораи Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд» аз 02.03.2013, №91; «Дар бораи Тартиби пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии нафақагирон» аз 21.11.2016, №480; «Дар бораи Тартиби пардохти нафақа ба нафақагироне, ки дар муассисаҳои давлатии статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ дар таъминоти пурраи давлат мебошанд» аз 23.08.2016, №371; «Дар бораи Тартиби индексатсияи нафақаҳо ва сармояи шартии нафақавӣ» аз 25.09.2015, №588; «Дар бораи Қоидаҳои конвертатсияи (бадалкунии) ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба сармояи шартии нафақавӣ» аз 29.08.2015, №551; «Тартиб ва шартҳои пардохти кумакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кумакпулиҳои оилавӣ» аз 14.10.2014, №630; «Дар бораи масъалаҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 3.08.2013, №345 ва ғ.

Қонун **«**Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ**»** (аз 25.03.2011 № 708, аз 01.08.2012 № 894, аз 28.12.2012 № 909, аз 18.03.2015 № 1200, аз 04.07.2020 № 1705; ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1840) ки бояд ислоҳоти нафақаро дар Тоҷикистон анҷом диҳад, ҳам меъёрҳои бетарафии гендерӣ ва ҳам меъёрҳоеро, ки имтиёзҳои муайянро барои эҳтиёҷмандон пешбинӣ мекунанд, муттаҳид мекунад. Гузаштан ба низоми нави таъминоти нафақа, ки таъминоти нафақаи давлатӣ ва истифодаи принсипи ҷамъоварии ташкили нафақаро ба ҳам мепайвандад, мақсади мустаҳкам намудани алоқаи байни саҳми меҳнатии корманд ва андозаи таъминоти нафақаи ӯ мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 28 декабри соли 2005, № 149 муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии вобаста ба таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии фондҳои

ғайридавлатии нафақа ва татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба таъминоти ихтиёрии иловагии нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳое, ки аз татбиқи таъминоти нафақаи давлатӣ бармеоянд, татбиқ намегардад. Қонуни мазкур барои маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафақаи ихтиёрӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ истифода бурда намешавад. Нафақаи ғайридавлатӣ – пардохти пули нақд мебошад, ки тибқи шартҳои шартномаи нафақа ба гиранда таъйин ва дода мешавад.

Новобаста аз оне, ки маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба низоми суғуртаи иҷтимоӣ як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва «Дар бораи таъминоти нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар байни онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Қонун «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» чунин намудҳои асосии таъминоти суғуртаи давлатии иҷтимоиро пешбинӣ менамояд:

- таъминоти нафақа;
- ёрдампулӣ оид ба корношоямии муваққатӣ;
- имтиёзҳо ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд;
- имтиёзҳои оилавӣ;
- ёрдампулӣ барои бекорӣ.

Гурӯҳи асосии бархурдор аз тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат нафақахӯрон ба шумор мераванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993 № 796 тартиби муқаррар намудан, таъйин кардан, ҳисоб кардан ва додани ҳамаи навъҳои нафақаро муқарар менамояд. Ҳамин тавр, дар шароити муосири некӯаҳволӣ низоми нафақа яке аз самтҳои муҳимтарини таъмини иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Мувофиқи Қонун «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» низоми ҳозираи суғуртаи нафақа ба ҳамаи шаҳрвандони дар

мамлакат истиқоматкунанда дар айёми пиронсолӣ ва дар дигар мавридҳо бо роҳи таъмини нафақаи меҳнатию иҷтимоӣ ҳуқуқи таъминоти моддиро кафолат медиҳад.

Ислоҳоти низоми таъминоти нафақа асосан дар асоси ҳуҷҷатҳои зерини ҳуқуқӣ амалӣ карда карда шудааст:

– Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, № 783;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010, № 595;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 28 декабри соли 2005, № 149;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ» аз 19 майи соли 2009, № 528.

Синни нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занон 58 сол, барои мардон 63 сол аст. Барои таъйин кардани нафақаи меҳнатӣ барои мардон - 25 сол, барои занон - 20 сол муҳлати суғурта зарур аст.

Низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

– пардохтҳои иҷтимоӣ дар шакли нафақаи ҳармоҳа ба категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ (кӯҳансолон, маъюбон, ятимон, кӯдаконе, ки саробонашонро аз даст додаанд, собиқадорони ҷанг, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва ғайра);

– пардохтҳои ҷубронпулӣ дар шакли ёрдампулӣ барои бекорон, ёрдампулӣ барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғ.

Қайд кардан зарур аст, зиёда 80%-и маблағи умумии буҷети барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудошударо ба хароҷот аз рӯи барномаҳои нафақа рост меояд. Дар ин ҷо мавқеи асосиро нафақа аз рӯи синну сол, маъюбият ва нафақа аз сабаби гум кардани саробон ташкил медиҳад. Аз ин рӯ низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар хусусияти низоми таъминоти нафақақаро касб менамояд.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар се намуд амалӣ карда мешавад: хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, дар ҷои истиқомат, хизматрасонии маишӣ дар муассисаҳои статсионарӣ ва хизматрасонии иҷтимоии дорои хусусияти муваққатӣ.

Дар баробари меъёрҳои ҳуқуқии зикргардида, қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои алоҳидаи идоракунии ҳифзи иҷимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани вазъи некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда ва меъёрҳои ҳуқуқии дорои чаҳорчӯбаи стратегӣ ва барномавӣ, ки бевосита ё бавосита ба дурнамои рушди сиёсати иҷтимоӣ алоқамананд, танзим карда мешавад.

Ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани вазъи некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, пеш аз ҳама Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ», Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», Конвенсияи № 100 СУМ «Дар бораи музди баробар», Конвенсияи СУМ № 103 «Дар бораи ҳифзи модарон», Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон», Конвенсияи СУМ «Дар бораи табъиз дар меҳнат ва шуғли аҳолӣ» ва ғайра дохил мешаванд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2010-2015, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғ. ҳуҷҷатҳои дорои чаҳорчӯбаи стратегӣ ва барномавӣ мебошанд, ки дар баробари дигар масъалаҳои мубратми рушди иқтисодиёти миллӣ дурнамои рушди сиёсати иҷтимоии мамлакатро муқарар менамоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Дар ин замина дар мамлакат меъёрҳои байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ афзалияти бештар доранд, ки ба тамоюли умумии рушди ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ, қисми таркибии низоми ҳуқуқии идоракунии ҳифзи иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие ташкил медиҳанд, ки аз тарафи ҳукумати мамлакат эътироф карда шудаанд. Дар ҳолати мутобиқат нанамудани фаслҳои алоҳидаи қонунҳои мамлакат ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ, меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофшуда амал мекунанд.

Таҳлили санадҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ниҳоят васеи имтиёзҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамояд. Низоми пардохту имтиёзҳои иҷтимоӣ бо зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, ки тибқи онҳо давлат ӯҳдадор шудааст, ки ба 36 категорияи аҳолӣ 62 намуди имтиёзро кафолат диҳад ва ҷубронпулӣ пардохт намояд. Дар баробари ин бояд гуфт, ки бинобар сабаби нокифоя ва ба андозаи нисбатан кам будани нафақа, пардохту ёрдампулӣ, чун қоида, на ҳамеша ба баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии табақаҳои осебпазири аҳолӣ ёрӣ мерасонад.

Таъмини кафолатҳои давлатии ҳуқуқи баробари мардону занон самти муҳими сиёсати иҷтимоии мамлакат тибқи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ба шумор меравaнд. Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 бештар масъалаи мазкурро фарогир буда, ҳадафи асосии он фароҳам овардани замина ва шароити зарурӣ барои пурратар амалӣ намудани қобилиятҳои фитрии занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошад.

Сарфи назар аз ҷинсият, ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ба суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳолати гум кардани қобилияти меҳнатӣ ва маъюбӣ, инчунин ҳуқуқ ба нафақа яке аз ҳуқуқҳои асосӣ дар заминаи татбиқи принсипҳои баробарии

гендерӣ мебошад. Ин масъала дар моддаи 11-уми Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои таъбиз барои занон оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса барорӣ намудан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон дар маҷмуъ заминаи устувори қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки сиёсати иҷтимоӣ ба манфиати тамоми шаҳрвандон, бо назардошти принсипи баробарии ҳуқуқи зану мард ба назар гирифта шудааст [1, с. 7]. Низоми таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли мукаммал ташаккул ёфтааст, ки, навъҳои гуногуни нафақаро дар бар мегирад, барои гурӯҳҳои васеъи аҳолии, ки чӣ аз лиҳози пиронсолӣ ва чӣ аз лиҳози осебпазирӣ эҳтиёҷманд гардидаанд, таъйин карда мешаванд.

Тамоюлҳои имрӯзаи рушди ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки сиёсати иҷтимоии кишвар ба бунёди давлати иҷтимоӣ равона шуда, таҳкими ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон тавассути баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон, истифодаи самараноки некӯаҳволии иҷтимоии мақсаднок, тадбирҳои дастгирӣ, зиёд кардани шуғл, ба амал баровардани кафолатҳои иҷтимоии категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон равона карда шудааст.

Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар малакат дорои сохтори нисбатан мураккаб буда, ҳар як унсури он мушаххас аст. Он дар таъмини амнияти иҷтимоии инсон нақши махсуси худро мебозад. Низоми ҳифзи иҷтимоӣ тадбирҳоро барои пешгирии фарорасии хатарҳои иҷтимоӣ, ҷуброн кардан ё кам кардани оқибатҳои фарорасии хатарҳои иҷтимоӣ, ки ба такрористеҳсоли муътадили қувваи корӣ мусоидат мекунад, ташаккул медиҳад.

Дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар айни замон, як қатор равандҳо аз қабили хусусияти умумият кашф кардани мушкилоти ҳифзи иҷтимоӣ, афзоиши шумораи шахсони ниёзманд ба ҳифзи иҷтимоӣ, васеъ намудани доираи эхтиёҷот ба ҳифзи иҷтимоӣ ва зарурати махсусгардонии шаклҳои ҳифз ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, афзоиши эҳтиёҷ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва масъалаи

ҷуброни имтиёзҳои иҷтимоӣ ва баҳисобгирии имтиёзгирандагони ҳамаи категорияҳо мушкил боқӣ мемонад.

Самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ пурзӯр намудани дастгирии моддии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва сари вақт расонидани ёрии давлатӣ ба онҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти шаҳрвандон, таъмини дастрасии ҳамагон ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама, хизмати маишии шаҳрвандон мебошад. Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти воқеии ба амал баровардани ислоҳоти алоҳида дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бо кор таъмин намудан, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба миён меояд. Зарур аст, ки масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ – зиёд кардани ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон, додани нафақа, васеъ намудани номгӯи хизматрасонӣ, таҳия ва коркард шаванд.

## 2.2. Таҳлили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар байни вазоратҳои гуногун тақсим ва минбаъд ба сатҳи маҳаллӣ вогузор карда мешавад. Масъулияти асосӣ оид ба амаликунии барномаҳои асосии таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фонди нафақа роҷеъ ба назорати барномаҳои кумаки иҷтимоӣ тақсим карда шудаанд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули таҳияи сиёсат дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Вазорати мазкур дар баробари таъмини сиёсат ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират вазифаҳои пешбурди

таҳсилоти калонсолон, бозомӯзии бекорон суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро низ ба роҳ мемонад.

Муассисаҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ инҳо мебошанд: муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ ва муассисаҳои пешкашкунандаи кумакҳои иҷтимоӣ. Илова бар ин, ба ин фондҳои хайриявӣ ва муассисаҳои молиявӣ оид ба ҷалби пасандозҳои шахсии шаҳрвандон дохил мешаванд.

Субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ инҳо мебошанд: давлат, ташкилотҳои суғурта, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ, фондҳои хайрия, корфармоён. Объектҳои ҳифзи иҷтимоӣ кормандон, нафақахӯрон, маъюбон, оилаҳои камбизоат, бекорон ва ғайра мебошанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки самтҳои асосии рушди ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии кишварро муқаррар менамояд, ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шаклҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ба монанди таъминоти иҷтимоӣ, кумаки иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Танзими фаъолияти низоми кумаки иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад, ки бо дарназардошти соҳаи ҳуқуқи байналмилалии муосир пайваста таҷдид мешавад [72, с. 580].

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи сиёсат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар мамлакат ба роҳ мемонанд. Дар сохторҳои алоҳидаи онҳо шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ дар хона, марказҳои ҳудудии хизматрасонии иҷтимоии пиронсолон ва маъюбон, инчунин барои кӯдакони маъюб фаъолият менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъйин ва пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо, инчунин суғуртаи иҷтимоӣ ба зиммаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Масъалаҳои таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ёрии иҷтимоӣ ва кафолатҳои давлатӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ) ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Бо мақсади амалӣ намудани сиёсати мазкур дар назди Вазорат Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ, инчунин Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шудааст.

Дар Тоҷикистон татбиқи сиёсат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор шудааст, ки дар сохторҳои онҳо шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ дар хона, марказҳои ҳудудии хизматрасонии иҷтимоии пиронсолон ва маъюбон, инчунин барои кӯдакони маъюб мавҷуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъйин ва пардохти нафақа ва кумакпулиҳо, инчунин суғуртаи иҷтимоӣ ба зиммаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба масъалаҳои таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, кумакҳои иҷтимоӣ ва кафолатҳои давлатӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ машғул аст. Бо мақсади татбиқи сиёсати мазкур дар назди Вазорат Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлати экспертизаи тиббию иҷтимоӣ, инчунин Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият менамоянд.

Ба баробари муассисаҳои дар боло зикргардида, дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон интернати пиронсолон ва маъюбон, интернати психоневрологӣ, маркази тавонбахшии маъюбон, шуъбаи кумаки иҷтимоӣ дар хона, маркази хизматрасонии иҷтимоии рӯзона, маркази ҳудудии

хизматрасонии иҷтимоӣ, санаторияи собиқадорони ҷангу меҳнат, пажуҳишгоҳи илмии омӯзишии тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон, протез ва комбинати ортопедӣ бо филиалҳо дар марказҳои вилоятӣ, ва маҷмааи таълимию амалии корҳои ҷамъиятию навоварӣ фаъолият мекунанд (ҷадвали 2.2.)

**Ҷадвали 2.2. - Муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023**

| **Номгӯй** | **Миқдор** |
|---|---|
| Интернати пиронсолон ва маъюбон | 4 |
| Интернати психоневрологӣ | 3 |
| Маркази тавонбахшии маъюбон | 3 |
| Маркази тавонбахшӣ барои кӯдакони маъюб | 1 |
| шӯъбаи кумаки иҷтимоӣ дар хона | 41 |
| Маркази хизматрасонии иҷтимоии рӯзона | 38 |
| Маркази ҳудудии хизматрасонии иҷтимоӣ | 6 |
| Санаторияи собиқадорони ҷангу меҳнат | 6 |
| Пажуҳишгоҳи илмии омӯзишии (экспертизаи) тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон | 1 |
| Протез ва комбинати ортопедӣ бо филиалҳо дар марказҳои вилоятӣ | 1 |
| Маҷмааи таълимию амалии корҳои ҷамъиятию навоварӣ | 1 |

**Сарчашма:** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инфрасохтори институти кумаки иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 235 муассисаи хизматрасонии иҷтимоӣ аз 58 ноҳияи ҷумҳуриявӣ, 4 ноҳияи ш. Душанбе, 5 муассисаи томактабӣ, 76 мактаб-интернатро дар бар мегирад;

Дар айни замон, дар муассисаҳои статсионарӣ, аз ҷумла дар мактаб-интернатҳо зиёда аз 1350 нафар пиронсолону маъюбон, аз ҷумла 362 нафар кӯдакони маъюб зиндагӣ мекунанд. Дар муассисаҳо барои зисту зиндагонӣ ва расондани ёрии тиббию иҷтимоӣ ва барқарорсозӣ шароитҳои зарурии беҳдошти иҷтимоӣ муҳайё карда шудааст.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, баъзе масъалаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалии иқтисодиву иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1993 узви Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) шуд. Мамлакат 50 конвенсияи СБМ, аз ҷумла ҳашт конвенсияи бунёдиро ба тасвиб расонидааст.

СБМ ҳамкориро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла: таҳкими иқтидори созмонҳои СБМ дар ҳалли масъалаҳои афзалиятнок дар соҳаи меҳнат, ислоҳоти сиёсат ва музди меҳнат тавассути муколамаи иҷтимоӣ, барҳам додани шаклҳои номусоиди меҳнати ноболиғон, ба расмият даровардани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, васеъ намудани имкониятҳои шуғли муносиб барои мардону занон, аз ҷумла ҷавонон ва муҳоҷирони кории баргашта, беҳтар намудани шароити меҳнат ва вусъат додани фарогирии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, такмили низоми миллии муҳофизати меҳнат ва нав кардани назорати меҳнат инкишоф медиҳад.

Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, назорати давлатиро ба фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарматсевтию санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Хадамоти назоратии давлати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ, назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро амалӣ менамояд; – ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои тиббию иҷтимоиро оид ба гирифтани ёрии тиббию иҷтимоӣ ба андоза ва сифати муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд; – фаъолияти муассисаҳои тиббию иҷтимоиро оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад; – рафти татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти таъмини сифати дахлдори хизматрасониҳои тиббию иҷтимоии аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ расонидашуда назорат менамояд.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, вазифаҳои назорати давлатӣ ва санҷиши риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи меҳнат иҷро

менамояд. Дар баробари ин, назорати қоидаҳои ҳифзи меҳнат, стандартҳо ва меъёрҳои бехатарии меҳнат ба зиммаи хадамоти мазкур газошта шуда, аз тарафи он экспертизаи шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар фаъолияти муассисаю ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки аз меҳнати кироя истифода мебаранд ба роҳ монда мешавад.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ яке аз сохторҳои идоракунии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Хадамот мазкур як қатор вазифаҳоро аз қабили мусоидат ба татбиқи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мусоидат ба рушди шарикии иҷтимоӣ байни корфармо ва иттифоқҳои касаба, мусоидат дар додани имтиёзҳо ва пардохтҳо ба кормандоне, ки дар шароити вазнини меҳнат фаъолият мекунанд, мусоидат ба баланд бардоштани дониши ҳуқуқии корфармо ва кормандон оид ба конунгузории меҳнат, ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат, муҳоҷирати дохилӣ, экологӣ ва шуғли аҳолӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташкили бозори меҳнат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ғ.-ро иҷро менамояд.

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, мустақилона ташаккул додан ва идоракунии буҷети суғуртаи иҷтимоӣ, ба пасандоз гузоштан ва сармоягузорӣ кардани мукофотҳои суғуртавӣ, пешбурди суратҳисоби инфиродӣ суғуртакунандагон ва шахсони суғурташуда, таъйин ва маблағгузории пардохтхои суғуртавӣ, назорати дурусти ҳисобу китоб, таъйин ва пардохти онҳо ваколатдор аст.

Агентӣ мутобиқи масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд: - таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии давлатии иҷтимоӣ ва нафақавӣ; - таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии иҷтимоию нафақавии давлатӣ; – таҳияи пешниҳодҳо дар бораи аз тарафи Ҷумҳурии

Тоҷикистон тасдиқ намудани конвенсияҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи давлатии ҳатмӣ ва ихтиёрии иҷтимоию нафақавӣ, таҳияи ҳисоботи солона оид ба иҷрои муқаррароти конвенсияҳои тасдиқшуда ва дигар вазифаҳое, ки ба рушди соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигар шаҳрвандон ва дастгирии иҷтимоии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади татбиқи имтиёзҳо ва кафолатҳои муқарраргардидаи давлат корҳои муайянеро ба сомон мерасонад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳо ва хидматҳои марбут ба саломатиро барои пиронсолон ва маъюбон идора мекунад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари танзими соҳаи маориф баъзе вазифаҳои иҷтимоиро идора менамояд. Вазорат назорати муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон ва барномаҳои кумак дар шакли воқеӣ барои мактаббачагонро таъмин менамояд. Дар Вазорат як шуъбаи нисбатан хурди ҳифзи иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешавад, ки кумакпулиҳои оилаҳои камбизоат ва кумакпулиҳои кӯдаконро идора мекунад, аммо он дар таҳияи сиёсати умумӣ нақши хеле маҳдуд дорад. Вазифаҳои марбут ба хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар соли 2016 ба ихтиёри Вазорати тандурустӣ вогузор карда шуданд.

Робитаҳои амудӣ дар дохили ҳар як муассисаи таъминоти иҷтимоӣ қавӣ буда, ба санҷиши риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи зарурӣ ва таъмини мувофиқати хароҷот бо тақсимоти сармоягузориҳои молиявии ба нақша гирифташуда асос ёфтааст. Равандҳои афзояндаи ҳисобот асосан аз маълумоти ҷамъбастии маъмурӣ дар бораи иҷрои буҷет ва нишондиҳандаҳои мақсаднок иборат аст. Аммо, ин танҳо бо мақсади назорат бидуни мониторинг ва арзёбии дақиқ анҷом дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, робитаҳои уфуқӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ заиф ба назар мерасанд ва аз ҳамкории байни роҳбарият ва мутахассисони вазорату

идораҳои гуногун бо фазои маҳдуди институтсионалӣ барои таҳияи муштарак ва ҳамоҳангсозии сиёсат вобастагӣ доранд.

Дар як қатор вазорату ташкилотҳо ташаббусҳое мавҷуданд, ки унсурҳои низомҳои фаъолияти иҷтимоиро ташкил медиҳанд, вале онҳо аз ҷиҳати миқёс (корҳо) маҳдуд буда, захираҳои нокифоя доранд ва аз тарафи коркунони иҷтимоӣ бо тайёрии пухта ба амал бароварда намешаванд.

Сарфи назар аз он ки дар ҷумҳурӣ тамоми тадбирҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар амал татбиқ карда мешаванд, низоми дастгирии иҷтимоиро пурра мукаммал ҳисоб намудан нест.

Дар асоси таҳлили бисёрҷонибаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ мо имкон дорем мушкилоти дар ин раванди инкишофи ҷомеаи иҷтимоӣ мавҷударо дар ташкили низоми ҳифзи иҷтимоӣ муайян кунем:

1. Сатҳи нокифояи маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ талаботи аҳолии осебпазирро пурра қонеъ карда наметавонад. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоии дар сатҳи маҳаллҳо амалишаванда дар баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолии камбизоат нақши назаррас намегузорад;

2. Дар методология ва тарҳрезии барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоӣ, новобаста аз оне, ки мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ таҷрибаи назаррас доранд баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Ба андешаи мо, ҷорӣ намудани принспи санҷиши дукарата дар раванди муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазири баҳснок метавонад дар ин замина миқдори хотагиҳо барои ҷудо намудани аҳолии осебпазирии истисноиро кам гардонад. Барои мисол, оилаҳои камбизоати коргар, ки ба ягон гурӯҳи мақсаднок дохил намешаванд на ҳама вақт аз кумакпулиҳои иҷтимоӣ бархурдоранд.

3. Низоми амалкунандаи имтиёзҳо хусусияти гурӯҳӣ дорад. Баъзе гурӯҳҳои осебпазир маблағи муқарраршудаи кумакпулиро мегиранд ва қисми дигарашон дастрасӣ ба чунин кӯмакпулиҳоро надоранд. Ин наметавонад баробарии иҷтимоиро байни гурӯҳҳои камбизоат таъмин намояд.

4. Барномаҳои амалкуннадаи ҳифзи иҷтимоӣ хусусияти ғайрифаъолро бештар касб менамояд. Онҳо гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазирро барои баромадан аз ҳолатҳои бухронӣ, чораандешӣ намудан барои зиёд намудани

даромади меҳнатӣ ва фаъолноккунии ҳамаҷонибаи тамоми узви оила ҳавасманд наменамояд.

5. Дар раванди ташкил ва идоракунии барномаҳои иҷтимоӣ дараҷаи сусти мутобиқгардонии гурӯҳои осебпазир ба назар мерасад. Дар баробари ин, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осеппазир ҳанӯз ба объекти ягонаи идоракунӣ табдил наёфтааст, хароҷотҳои маъмурии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ зиёданд.

Робитаи зичи мушкилоти номбурдаро қайд кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, набудани методологияи баҳисобгирии хароҷоти маъмурӣ ва баҳисобгирии нопурраи хароҷоти барномаҳои иҷтимоӣ ба он оварда мерасонад, ки хароҷоти расонидани кумаки амалӣ мунтазам кам баҳо дода мешавад ва дар натиҷа дар бораи фоидаи кумаки молӣ андешаи бардурӯғ ба вуҷуд меояд.

Ҳамзамон таҳлилҳо нишон медиҳад, ки арзиши воқеии бастаи кумаки иҷтимоиро на ҳамаи оилаҳои осебпазир ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ пурра дарк менамояд. Ин ба он оварда мерасонад, ки дар баъзе ҳолатҳо баҳодиҳии дурусти самараи иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ мураккаб мегардад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз тамоми дастовардҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мушкилоте вуҷуд доранд, ки ба мақомот ва муассисаҳои дастгирии иҷтимоӣ ба аҳолӣ барои ноил шудан ба тағйироти мусбӣ дар вазъи зиндагии онҳо, тағйир додани шакли мавҷудаи таъминоти иҷтимоии аҳолӣ ба табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ ҳамаҷониба расонидани кумак, кафолат намедиҳад, ки амалиёти мутахассисон барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоии самарабахши фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мутобиқ карда шавад.

Барои islоҳи вазъият ва рафъи мушкилот зарур мешуморем низоми идоракунии муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ тағйир дода шуда, нақши ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Кӯшиши ҷорӣ намудани муносибатҳои тиҷоратӣ дар танзими низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ бо он асоснок карда шудааст, ки ташаббускорони он бо мақсади баланд бардоштани сифати кумаки иҷтимоӣ ба шаҳрвандон мехостанд барои фароҳам овардани рақобат байни

таъминкунандагони хизматрасонии иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам оранд. Айни замон, татбиқи қонуни нав танҳо шуруъ гардидааст. Аммо равшан аст, ки барои ҷалби сохторҳои тиҷоратӣ ба бозори хизматрасонии иҷтимоӣ вақт зарур аст ва субсидияҳои назарраси давлатиро тақозо мекунад, зеро истеъмолкунандагони хадамоти иҷтимоӣ, ки дар ҳолати вазнини молиявию иҷтимоӣ қарор доранд, наметавонанд фаъолияти судманди ташкилотҳои тиҷоратии хизматрасонии иҷтимоиро ҳаматарафа таъмин намоянд.

Ҷорӣ намудани меъёрҳои касбӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ метавонад сохтори идоракунӣ ва фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро самараноктар гардонад. Моҳияти қабули ин меъёрҳо аз он иборат аст, ки талаботи тахассусии кормандони муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ баланд бардошта шуда, ҷалби кадрҳои баландихтисоси касбӣ дар корҳои иҷтимоӣ хубтар ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани меъёрҳои нави касбӣ – барномаҳои бозомӯзӣ ё такмили ихтисоси кадрҳоеро дар назар дорад, ки маълумот ё ихтисоси дахлдор надоранд. Аз нуқтаи назари мо, барои дар амал пурра татбиқ намудани стандартҳои касбӣ на танҳо бозомӯзии касбии кадрҳо ва чорандеши нисбати кормандон ҳангоми вайрон намудани низоми меҳнат зарур аст, балки қабули тадбирҳои саривақти оид ба баланд бардоштани нуфузи касбии кормандони бахши иҷтимоӣ дар ҷомеа ва беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии касбӣ ва таъминашон бо музди меҳнати шоиста мақсаднок ба шумор меравад.

Яке аз хусусияти хоси кори иҷтимоӣ дар он зуҳур меёбад, ки он бештар барои занон мувофиқ аст ва аз ин рӯ ҳангоми идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ чунин ҳолат ба инобат гирифта мешавад. Ин дар навбати худ фаъолияти муассир ва оқилонаи роҳбарияти муассисаҳои хизмати маиширо тақозо мекунад. Зеро идоракунии дастаи занон нисбат ба мардон дуруштӣ ва муносибати ғайритаҳммулро намепазирад ва малакаи махсуси идоракуниро тақозо менамояд.

Дар айни замон аз сабаби паст будани сатҳи маош дар муассисаҳои хифзи иҷтимоӣ ва шароитҳои нокифояи рушд сабаби зуд-зуд ва пай дар пай иваз шудани кадрҳо мебошад. Мушкилоти мазкур, ба тамоми муассисаҳои

ҳифзи иҷтимоӣ хос буда, то андозае ба шиддатнокии баланди кор низ вобаста аст.

Барои ҳалли масъалаи ба вуҷуд омада ба андешаи мо зарур аст ба низоми тарбияи кадрҳо дигаргуниҳо ворид карда шавад. Ин имкон медиҳад то андозае фаъолияти муассисахои иҷтимоӣ самараноктар гардонида шавад. Дар баробари ин, ворид намудани тағйиротҳо дар нақшаҳи таълими итисосҳои кори иҷтимоӣ дар донишкадаву донишгоҳҳо бо дар назардошти тақозои замон ва ҷоннокнамоии паҳлӯи амалиявии он мувофиқи мақсад мебошад. Зеро айни замон ба машғулиятҳои назариявӣ дар нақшаҳои таълимии донишгоҳҳо бартарияти асоси дода мешавад, ки ташаккулдиҳии малакаҳои амалиро фақат як қисми ками нақшаи таълим пешбинӣ шудааст. Ин боиси он гардидааст, ки имрӯзҳо на ҳаммаи хатмкунандагони макотиби олӣ ба фаъолияти амалӣ омодаанд ва аксар вақт дар бораи дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифтаашон тасаввуроти кофӣ надоранд.

Ба андешаи мо, ҳангоми ворид намудани тағйиротҳо ба нақшаҳои таълим ҳамчунин зарур аст, корфармоян ҷалб карда шуда тақозои эшон нисбат ба қувваи корӣ ба инобат гирифта шавад. Барои ин, ҷорӣ намудани низоми грантҳо, ки дар як қатор мамлакатҳои хориҷӣ амал мекунад, ба ҷойи низоми мавҷудаи тақсимоти кадрҳо зарур ба шумор меравад. Дар чунин ҳолат на танҳо донишкадаву донишгоҳҳо, балки корфармоён низ ба сифати таҳсили таълимгирандагон манфиатдор хоҳанд буд.

Барои фаъолияти самараноки низоми ҳифзи иҷтимоӣ тайёр кардани мутахассисони бахшҳои иҷтимоӣ даъват намудани мутахассисаони соҳа аз ҷониби донишгоҳҳо барои гузаронидани дарсҳои амалӣ бо мақсади ҳамгироии илм ва истеҳсолот, ташаккулдиҳии малакаи касбии донишҷӯён муҳим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иҷтимоӣ, ки касби хеле ҷавон ба шумор меравад ва он дар марҳилаи ташаккули ҳамаҷонибаи худ ва эҷоди модели самараноки идоракунӣ қарор дорад. Ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида метавонад касби мазкурро байни ҷавонон машҳур гардонад ва майли онҳоро барои фаъолият дар ин самт бештар созад. Дар баробари ин,

дар боло бурдани обрӯи касб дар ҷомеа, ҳалли мушкилоти мазкур дар баробари давлат ҷомеаи шаҳрвандӣ низ метавонад нақши калиди бозад. Низоми самарабахши идоракунӣ аз бисёр ҷиҳат гарави фаъолияти бомуваффақияти касб буда, роҳҳо ва самтҳои минбаъдаи тараққиёти онро муайян мекунад. Ташаккули механизми муассир ва хуб фаъолияткунандаи мониторинги омодасозии кадрҳо ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ояндаи касби «кори бахши иҷтимоӣ» - ро дурахшон мегардонад.

Ба рушди бомуваффақияти низоми дохилии идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як қатор тамоюлҳо монеа эҷод менамояд, ки онҳо чунинанд: норасоии захираҳои молиявӣ, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҷудо мегарданд, ҷой доштани коррупсия дар байни кормандони муаассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, заиф будани нақши корхонаҳои саноатӣ дар ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, ҷудосозии ғайришаффофи имтиёзҳои иҷтимоӣ, низоми баҳисобгири номукаммали эхтиёҷмандон ба зарурати кумаки иҷтимоӣ, заиф будани нақши шаҳрвандон дар равандҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва худмуҳофизаткунӣ, ва ғ.

Дар маҷмуъ, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ихтилофҳои ҷойдошта дар низоми  идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар, дар натиҷаи гузариш аз тамсилаи нақшавии идоракунии иҷтимоӣ ба тамсилаи бозории идоракунии иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Барои бартараф намудани онҳо зарур аст, низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ба моделҳои пешрафтаи ғарбӣ ва инноватсионии рушди иҷтимоӣ мутобиқ гардонида шаванд. Дар ин самт амалисозии маҷмӯи тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ зарур аст.

Мутаассифона, дар айни замон низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ  бо иштироки сохторҳои тиҷоратӣ дар рушд ва дастгирии фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавсиф карда намешавад ва инчунин, дар фишангҳои самарабахши ҳамкории байни давлат ва тиҷорати хусусӣ камбудиҳо ба чашм мерасанд. Боварӣ дорем, ки хусусияти манфии аввалини зикршударо танҳо бо дараҷаи зарурии тараққиёти иқтисодию интеллектуалии ҷамъият бартараф кардан мумкин аст. Дар мавриди нишондиҳандаи дуюм бошад, дар ин ҷо,

мушкилӣ дар интихоб, муқаррарсозӣ ва мустаҳкам намудани қонунгузорӣ василаҳои ҳамкорӣ бо дастгирии фаъолонаи давлат мебошад.

Бояд қайд кард, ки давлат барои ба речаи самараноки идоракунӣ гузаронидани муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла табдил додани муассисаҳои давлатӣ ба бозингарони самараноки бозор, ки қодиранд дар давраи дарозмуддат эҳтиёҷот ва талаботи худро бидуни сарфи буҷети давлатӣ таъмин кунанд, тадбирҳо меандешад.

Дар баробари ин баъзе мушкилиҳои асосии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро муайян кардан мумкин аст:

1. Маҳдудияти захираҳои буҷети иҷтимоии мамлакат имконияти пурра қонеъ намудани тақозои гурӯҳҳои осебпазиро вобаста ба афзоиши шумораашон надорад. Беҳдошти иҷтимоӣ асосан ба зиммаи давлат гузошта шудааст ва нақши сохторҳои хусусӣ нокифояанд.

2. Мушкилоти идоракунии таъминоти кадрии муассисаҳои иҷтимоӣ, ҳам дар ҳудуди муассиса ва ҳам берун аз он то ҳол масъалаи ҳалталаб ба шумор меравад. Хусусияти касби корманди иҷтимоӣ дар он таҷассум меёбад, ки он на танҳо бо расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон тибқи рӯйхатҳои муқаррарнамудаи қонун машғул аст, балки кор бо гурӯҳҳои осебпазирро дар ҷои истиқомат муқарар менамояд. Ба андешаи мо, дуруст ҷобаҷогузории захираҳои кадрӣ масъалаи муҳимми идораи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Зеро шумораи категорияҳои гурӯҳҳои осебпазир вобаста ба синну сол, ҷинсият, миллат, дин, муносибат, сатҳи даромад аз ҳамдигар фарқ менамоянд, ки ин малакаи махсуси корбариро аз тарафи мутахассисони бахши иҷтимоӣ тақозо менамояд.

3. Нисбати дараҷаи маълумот ва тахассуси роҳбарони муассисаҳои хизматрасониҳои иҷтимоии талаботи ягона ҷой надорад. Дар айни замон, ҳангоми қабули кадрҳо ба вазифаҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ онҳо меъёри касбиро истифода мебаранд. Новобаста аз оне, ки дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷараёни мукаммалгардонии шабакаҳои муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ идома дорад ва муассисаҳое, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявию иқтисодии

ғайриқаноатбахшдошта барҳамдодашуда, мутаҳидкуниашон ба муассисаҳои нисбатан самараноктар ба чашм мерасад, низомҳои коркард ва ҳифзи иттилоот то ҳол дар онҳо электронӣ карда нашудаанд. Ин дар навбати худ сабаби ташхисҳои дарозмӯҳлат дар таъминоти мувофиқи иҷтимоӣ оварда расонадааст. Ба андешаи мо, электроникунонии раванди хизматрасониҳои иҷтимоӣ фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро самарабахш мегардонад.

5. Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври зарурӣ рушд накардааст. Рушди чунин механизм метавонад дар ин раванд теъдоди ташкилотҳои сармоягузорро зиёд намуда, гуногунрангии сарчашмаи захираҳои маблағгузории бахши иҷтимоиётро таъмин намояд. Расонидани ҳар гуна ёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, моддӣ аз тарафи ташкилотҳои бахши хусусӣ ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ҳамин тавр низоми идоракунии нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи таъминоти иҷтимоии давлатӣ мебошад. Асоси иқтисодии таъминоти нафақаро буҷети ҷумҳуриявӣ ва Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ташкил медиҳанд.

### 2.3. Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши муҳимро дар бунёди иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда мебозад, ки таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва дастрасии онҳоро ба хизматрасонии муайяни давлатӣ кафолат медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар ва ҳамчунин пеш аз он масъалаи таъмини тавозуни иҷтимоӣ мубрам ба ҳисоб мерафт, ки нақши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳалли он беандоза муҳим арзёбӣ мегардид. Дар замони муосир, ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи низоми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад, ки сатҳ ва сифати ҳаёт ва ҳамчунин дараҷаи некӯаҳволии мардуми кишварро ифода мекунад. Аз ин

нуқтаи назар таҳқиқи вазъи кунунии ҳифзи иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти унсурҳои калидии он, дараҷаи самаранокии сиёсати иҷтимоӣ ва дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоӣ зурур мешуморем.

Солҳои охир ислоҳоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоии шаҳрвандон равона карда шуда, то андозае дар пешгирии ҳолатҳои буҳронӣ дар бахши иҷтимоиёт, ҳифзи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳар як шаҳрванд нақш офаридааст. Ислоҳоти гузаронидашуда тамоми ҷанбаҳои ҳаёти шахсро дарбар мегирад, ки некӯаҳолии мардумро то андозае беҳтар гардонидааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми кафолати устувории ҷомеа таъмини сатҳи зарурии ҳаёт барои аҳолӣ ба шумор меравад. Таъсири бемории сироятии Ковид-19, болоравии шохиси нархҳои истеъмолӣ вобаста ба тағйирёбии ҳолати сиёсии ҷаҳон ва афзоиши назарраси аҳолӣ ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир намонд. Новобаста ба ин масъалаи мазкур зери таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати кишвар қарор гирифта, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола баланд бардоштани пардохтҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Таъминоти сатҳи арзандаи ҳаёт мавқеи махсусро дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии роҳбарияти давлат ишғол намуда, мунтазам музди меҳнати кормандони соҳаи буҷет, нафақапулӣ, идрорпулӣ зиёд карда мешавад. Барои мисол, дар соли 2011 нишондиҳандаҳои зикршуда аз 30 то 40%, дар соли 2012 аз 30 то 60% дар соли 2013 аз 20 то 30% дар соли 2018 аз 10 то 15% дар соли 2020 аз 10 то 15% ва дар соли 2024 аз 20 то 40% баланд бардошта шуданд.

Ҳифзи иҷтимоии нафақахӯрон самти муҳимми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии нафақахӯрон 796,1 ҳазор нафарро ташкил менамуд, ки ин нисбат ба соли 2016 23,85% зиёд аст. Аз миқдори умумии нафақахӯрон дар соли 2023 549,0 ҳазор нафар ё 68,96% аз рӯи пиронсолӣ, 78,4 ё 9,85% аз рӯи маъюбӣ, 40,3 ҳазор ё 6,06 % бинобар маҳрум шудан аз саробон, 3,0 ё 0,38% барои хизмати дарозмуддат ва 199,9 ё 25,11 на аз рӯи вазъи иҷтимоӣ

ба нафақа баромадаанд. Дар баробари ин дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 54,5 ҳазор нафақахӯрони коргар вуҷуд доранд, ки нисбат ба соли 2016 13,31% зиёд.

**Ҷадвали 2.3. - Динамикаи афзоиши шумораи нафақахӯрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қайди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд, нафар**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 642,8 | 664,8 | 687,1 | 711,2 | 729,4 | 749,8 | 763,3 | 796,1 | 123,85 |
| занҳо | 411,0 | 425,9 | 435,7 | 443,2 | 452,8 | 462,2 | 462,6 | 482,8 | 117,47 |
| Аз онҳо: | | | | | | | | | |
| аз рӯи пиронсолӣ | 410,3 | 425,1 | 442,6 | 458,8 | 460,0 | 476,9 | 551,4 | 549,0 | 133,80 |
| аз рӯи маъюбӣ | 74,2 | 72,0 | 67,2 | 67,1 | 62,5 | 63,7 | 72,1 | 78,4 | 105,66 |
| бинобар маҳрум шудан аз саробон | 33,3 | 32,6 | 31,3 | 29,6 | 26,5 | 25,7 | 36,6 | 40,3 | 121,02 |
| барои хизмати дароз муддат | 5,0 | 5,3 | 4,8 | 4, 3 | 3,9 | 3,6 | 3,2 | 3,0 | 60,00 |
| иҷтимоӣ | 116,5 | 126,5 | 137,9 | 148,4 | 152,9 | 174,6 | 183,8 | 199,9 | 171,59 |
| Шумораи нафақахӯрони коргар | 48,1 | 45,1 | 42,3 | 39,0 | 39,2 | 40,5 | 47,1 | 54,5 | 113,31 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024//Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 166

Андозаи миёнаи нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 370,61 сомониро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2016 36,12% зиёд мебошад. Нафақаи нисбатан баланд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ, бемории касбӣ ва бинобар маҳрум шудан аз саробон мегиранд, ки он ба 684,29 сомонӣ ва 318,25 сомонӣ мутаносибан баробар аст. Сатҳи пасти нафақа нафақаи иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки он дар соли 2023 ба 261,8 сомонӣ баробар аст.

Дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъйиншудаи нафақахӯрон аз рӯи пиронсолӣ 42,38%, аз рӯи маъюбӣ дар натиҷаи маслуқии меҳнатӣ 38,93%, аз рӯи маъюбӣ бинобар бемории касбӣ 22,86%, бинобар маҳрум шудан аз саробон 4,51% ва нафақаи иҷтимоӣ 79,662%

зиёд гардидааст. Дар ин давра андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъйиншудаи нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ бемории умумӣ 11,58% баланд гардидааст.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи тағйирёбии андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъйиншудаи нафақахӯрон, аз рӯи намудҳои таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нафар**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақа-хӯрон | 272,13 | 270,67 | 309,94 | 303,21 | 320,90 | 321,35 | 321,73 | 370,61 | 136,19 |
| -аз рӯи пиронсолӣ | 282,38 | 282,91 | 328,33 | 322,86 | 350,39 | 359,17 | 385,4 | 402,05 | 142,38 |
| аз рӯи маъюбӣ дар натиҷаи маслуқии меҳнатӣ | 299,57 | 310,69 | 359,06 | 357,66 | 395,25 | 399,69 | 330,87 | 416,2 | 138,93 |
| -аз рӯи маъюбӣ бемории касбӣ | 556,95 | 569,60 | 617,68 | 628,06 | 509,84 | 396,25 | 670,02 | 684,29 | 122,86 |
| аз рӯи маъюбӣ бинобар бемории умумӣ | 356,89 | 358,21 | 404,35 | 396,62 | 440,73 | 424,42 | 269,82 | 398,23 | 111,58 |
| бинобар маҳрум шудан аз саробон | 304,53 | 300,17 | 354,56 | 345,70 | 353,78 | 412,81 | 453,89 | 318,25 | 104,51 |
| иҷтимоӣ | 145,72 | 145,62 | 168,23 | 167,78 | 196,05 | 211,60 | 213,37 | 261,8 | 179,66 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023//Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2023. - С. 167

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи нафақаи таъйиншуда нисбат ба андозаи музди меҳнати ҳармоҳа камтар аст. Чунин таносубият дар соли 2023 18,4%-ро ташкил медиҳад. Дар 9 соли охир ин нишондиҳанда тамоюли пастравиро дорад. Зеро дар соли 2016 чунин таносубият ба 28,2% баробар буд, ки аз соли 2023 9,8% кам гардидааст.




**Расми 2.1. - Андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақаи таъйиншуда ва таносуби он бо музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа**

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024//Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 168

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ ба хона, дар соли 2023 43 воҳидро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2016 4 воҳид ё 10,26% зиёд аст. Теъдоди кормандони соҳаи иҷтимоӣ 810 нафарро ва шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон 5260 нафарро дар соли 2023 ташкил дод. Новобаста аз афзоиши шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон (3,22% нисбат ба соли 2016) шумораи кормандони соҳаи иҷтимоӣ дар соли 2022 тамоюли камшавиро дорад (9,02% нисбат ба соли 2016), гарчанде дар соли 2023 боз рӯ ба афзоиш овард.

**Ҷадвали 2.5. - Ёрии иҷтимоӣ ба шахсони яккаву танҳо ва пиронсолон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| теъдоди шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ ба хона, воҳид | 39 | 41 | 41 | 42 | 43 | 44 | 44 | 43 | 110,26 |
| шумораи кормандони соҳаи иҷтимоӣ | 645 | 751 | 773 | 789 | 580 | 593 | 581 | 810 | 125,58 |
| шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон | 5096 | 5000 | 5022 | 5153 | 5365 | 5477 | 5399 | 5260 | 103,22 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024//Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 171

Дар замони муосир қисми зиёди табақаҳои осебпазири ҷомеа ба чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ аз тарафи давлат фаро гирифта шудаанд. Дар соли 2023 хароҷоти буҷети давлатӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 4582,01 млн.

сомониро ташкил дод, ки ин ба 10,74% -и хароҷоти умумии буҷети давлатӣ баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2000 ба 32,094 млн. сомонӣ ё 9,9%-и хароҷоти умумии буҷети давлатӣ ва 2015 2637,38 млн сомонӣ ё 18,2 баробар буд.

**Ҷадвали 2.6. - Хароҷоти буҷети давлатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андозаи хароҷот ба ҳифзи иҷтимоӣ, хазор сомонӣ | 32,094 | 232,41 | 860,22 | 2637,38 | 3865,9 | 4193,54 | 4582,01 | 4625,31 |
| % | 9,9% | 26,6 | 30,9 | 18,2 | 18,8 | 12,2 | 10,74 | |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024//Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 382-401

Нишондиҳандаи муҳиме, ки ифодакунандаи беҳдошти вазъи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дониста мешавад. Дар соли 2023 ин нишондиҳанда барои тамоми аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 76,5 солро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1995 10,4 сол ё 15,73% баланд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қиммати ин нишондиҳанда бештар барои занон баланд буда, дар соли 2023 78,2 солро ташкил дод. Дарозумрии эҳтимолии занон нисбат ба соли 1995 9,3 сол ё 13,50% зиёд гардидааст. Дарозумрии эҳтимолӣ барои мардон дар давраи муқоисавӣ 11,7 сол ё 18,43% зиёд гардидааст.

Дар ҷадвали 2.7. фарқияти тағйирёбии шохисҳои нафақа, музди миёнаи маош нисбат ба нархҳои истеъмолӣ оварда шудааст. Чӣ тавре аз ҷадвал бармеояд тағйирёбии андозаи нафақа нисбат ба сатҳи нархҳои истеъмолӣ ба дараҷаи назаррас паст аст. Барои мисол, дар соли 2022 андозаи нафақа нисбат ба шохиси нархҳои истеъмолӣ -6,48 банди фоизиро ташкил менамояд. Дар солҳои алоҳида ин нишондиҳанда то -7,84 банди фоизӣ низ пасттар аст. Чунин ҳолат ифодакунандаи он аст, ки зиёдшавии ҳаҷми нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рӯпуш кардани баландравии сатҳи нархҳо кифоягӣ намекунад.

**Ҷадвали 2.7. - Тағйирёбии нишондиҳандаи дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба болоравии некӯаҳволӣ (миқдори сол)**

| | 1995 | 2005 | 2010 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2022 | 2023 | 2023/ 1995 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| тамоми аҳолӣ | 66,1 | 70,6 | 72,5 | 73,4 | 73,7 | 75,0 | 75,2 | 76,3 | 76,5 | 115,73 |
| мардон | 63,5 | 68,1 | 70,8 | 71,6 | 71,9 | 73,3 | 73,7 | 74,7 | 75,2 | 118,43 |
| занон | 68,9 | 73,2 | 74,4 | 75,4 | 75,7 | 76,9 | 76,8 | 77,9 | 78,2 | 113,50 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 26-28

Гарчанде, ки фарқияти тағйирёбии музди маоши миёна нисбати нархҳои истеъмолӣ дар аксари солҳо қиммати мусбӣ дошт, он дар соли 2022 аз сабаби якбора баланд гардидани шохиси нархҳои истеъмолӣ қиммати манфиро касб намудааст. Чунин фарқият дар соли 2022 4,24 %-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.8. - Фарқияти тағйирёбии шохисҳои нафақа, музди миёнаи маош нисбат ба нархҳои истеъмолӣ**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шохиси тағйирёбии андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳа | 119,27 | 99,46 | 114,51 | 97,83 | 105,83 | 100,14 | 100,12 | 115,19 |
| Шохиси нархҳои истеъмолӣ | 105,9 | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,0 | 106,6 | 103,7 |
| Шохиси тағйирёбии музди маоши миёна | 109,47 | 118,92 | 107,83 | 108,24 | 104,36 | 110,55 | 114,24 | 114,36 |
| Фарқияти тағйирёбии андозаи нафақа нисбат ба нархҳои истеъмолӣ | 13,37 | -7,84 | 10,71 | -10,07 | -2,77 | -8,86 | -6,48 | 11,49 |
| Фарқияти тағйирёбии музди маоши миёна нисбат ба нархҳои истеъмолӣ | 3,57 | 11,62 | 4,03 | 0,34 | -4,24 | 1,55 | 7,64 | 10,66 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ //Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2020. -702 С. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 419с

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ аз қабили нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия дар ҷамъи даромади умумии аҳолӣ 6,3-5,9%-

ро дар давоми 8 соли охир ташкил медиҳад. Дар баробари ин ҳиссаи пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона аз ҷамъи даромади аҳолӣ аз 1,32% то 1,8% баробар аст (расми 2.2.).




**Расми 2.2. - Ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ дар ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна, бо %**

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 116-118

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳаҷми ёрдампулиҳои иҷтимоӣ барои харидории молҳои истеъмолӣ кифоягӣ намекунанд. Дар баробари ин ҳиссаи асосии даромади аҳолӣ низ имрӯзҳо барои харидории молҳои истеъмоли сарф карда мешавад. Мувофиқи маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 99,9%-и хароҷоти аҳолиро хароҷоти истеъмолӣ ташкил дод, ки аз он 47,2% барои хариди хӯрокворӣ, 38,3 барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа ва 13,3% барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ сарф карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қишрҳои дигари осебпазири аҳолӣ бекорон ба шумор мераванд, ки ба пардохтҳои иҷтимоӣ ниёз доранд. Дар соли 2023 дар мамлакат 48328 нафар бекорон ба қайд гирифта шуда буданд, ки аз онҳо 22362 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии бекорон дар соли 2023 танҳо нисбати 15207 нафар ёрдампулӣ таъсис дода шудааст, ки ба 31,46%

-и миқдори умумии бекорон баробар аст. Дар соли 2016 бошад, аз теъдоди умумии бекорон нисбат ба 13199 нафар ёрдампулӣ муқаррар карда шуда буд, ки ба 24,86% аз миқдори умумии бекорон баробар буд. Аммо новобаста аз муқаррар гардидани ёрдампулӣ ба миқдори зикргардидаи бекорон дар соли 2023 12993 нафар ва дар соли 2016 танҳо 15714 нафар ёрдампулӣ гирифтаанд, ки ин мутаносибан ба 103,33% ва 53,48% аз шумораи умумии бекороне, ки нисбаташон ёрдампулӣ муқаррар карда шудааст, баробар аст.

**Ҷадвали 2.9. - Тадбирҳои ёрии иҷтимоӣ ба бекорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2016 | | 2020 | | 2022 | | 2023 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон |
| Ҳамчун бекорон эътироф шудаанд, дар охири давра | 53087 | 27359 | 49888 | 23840 | 53519 | 26569 | 48328 | 22362 |
| аз шумораи умумии бекорон ёрдампулӣ муқаррар шудааст | 13199 | 596 | 15712 | 342 | 16944 | 230 | 15207 | 195 |
| бекороне, ки ёрдампулӣ мегиранд | 12224 | 396 | 13195 | 277 | 12993 | 123 | 15714 | 94 |
| дар як сол ёрдампулӣ пардохта шудааст, ҳаз. сомонӣ | 5669474 | 311057 | 8160,7 | 286,5 | 9551,1 | 178,2 | 15977,4 | 590,1 |
| андозаи миёнаи ёрдампулӣ ҳармоҳа, сомонӣ | 463,80 | 785,5 | 618,5 | 540,8 | 735,1 | | 1016,8 | 1016,8 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ //Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2020. -С.167. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2024. - С. 102

Андозаи миёнаи ёрдампулии ҳармоҳа барои бекорони эътирофшуда дар соли 2023 1016,76 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба 119,23%

зиёд аст. Андозаи ёрдампулии иҷтимоӣ нисбат ба занон дар соли 2023 627,76 сомониро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 785,5 сомонӣ баробар буд. Пастравии андозаи миёнаи ёрдампулӣ ба занон пеш аз ҳама ба кам гардидани теъдоди занони бекор дар соли 2023 ва ҳамчунин теъдоди занони ёдрдампулии иҷтимоӣ гирифта алоқаманд аст. Зеро агар дар соли 2016 27359 нафар занон ҳамчун бекор муқаррар карда шуда бошанд, дар соли 2020 теъдоди занони бекор 23840 ва соли 2023 22362 нафарро ташкил дод. Ҳамзамон, миқдори занон-бекорони ёрдампулӣ гирифта, дар соли 2023 ба 94 нафар баробар буд, ки нисбат ба соли 2016 302 нафар кам аст.

Ҳамин тавр, новобаста аз рушди мусбии нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, масъалаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба тафриқаи зиёди сатҳи даромад, байни аҳолӣ ва дастрасӣ ба соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалталаб ба шумор меравад.

Барои мукаммал гардонидани низоми ҳифзи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, роҳандозӣ карда шавад, то инки имкониятҳои онҳо барои иштирок дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар боз ҳам фаъолтар гардад.

Ҳифзи иҷтимоӣ, гузаронидани сиёсати самаранокеро тақозо менамояд, ки ҳолатҳои иҷтимоии шахсро фаро гирифта, ба коҳиши норизогии иҷтимоии аҳолӣ, шиддати иҷтимоӣ, сар задани ихтилофҳои иҷтимоӣ тариқи беҳдошти вазъи шаҳрвандон мусоидат намояд. Ба андешаи мо шаклҳо ва усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд гуногунранг ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад. Чунин сиёсат метавонад беҳдошти некӯаҳволии аҳолиро таъмин намуда, пастравии сатҳи камбизоатӣ ва ниёзмандии аҳолиро пешгирӣ созад. Дар баробари ин зарур аст, равишҳои комилан нави идоракунии равандҳои иҷтимоӣ коркард шаванд, ки мунтазам иттилооти заруриро оид ба тақозои шаҳрвандон ба кумакӣ иҷтимоӣ пайгирӣ намуда, тақсимоти боадолати захираҳои молиявиро таъмин созад.

## Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби дуюм:

1. Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ниҳоят васеи имтиёзҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин собит карда шудааст, ки бинобар андозаи нисбатан паст ва нокифоя будани нафақа, пардохту ёрдампулӣ, нақши он дар баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии табақаҳои осебпазири аҳолӣ назаррас нест. Собит карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ заминаи устувори қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, сиёсати иҷтимоӣ ба манфиати тамоми шаҳрвандон, бо назардошти принсипи баробарии ҳуқуқи зану мард ба назар гирифта шудааст. Дар баробари ин, низоми мураккаби таъминоти нафақа ҷой дорад, ки зарурати соддагардонии он ҷой дорад.

2. Тамоюлҳои имрӯзаи рушди ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки сиёсати иҷтимоии кишвар ба бунёди давлати иҷтимоӣ равона шуда, таҳкими ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон тавассути баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон, истифодаи самараноки некӯаҳволии иҷтимоии мақсаднок, тадбирҳои дастгирӣ, зиёд кардани шуғл, ба амал баровардани кафолатҳои иҷтимоии категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон равона карда шудааст.

3. Вазъи кунунии идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳанӯз ҳам, хусусияти тадбирҳои суст ҳамоҳангшударо дорад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати сатҳи нобаробар тақсим шудани даромадҳо ва коэффитсенти Ҷинӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле баланд аст. Мавҷудияти тафриқаи назаррас аз тақсимоти нобаробари даромадҳо ба рушди иқтисодӣ таъсири муайян мерасонад, ки он ба рушди сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ монеъ мешавад. Зарур аст, муқобили чунин раванд чораандешӣ карда шавад, то он ки сабаби баромадани ин нишондиҳанда аз сатҳи муътадил нагардад. Аз ин нуқтаи назар, мукаммалгардонии низоми ҳифзи иҷтимоӣ то андозае метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунад

4. Дар зербоби мазкур аз тарафи муаллиф масъалаҳои ҳалталаби идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар мамлакат ҷудо карда шудааст: маҳдуд будани захираҳои буҷетӣ, талаботи паст ба дараҷаи маълумот ва тахассуси роҳбарони муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, мавҷуд набудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ғ. Мушкилоти иҷтимоии аксари табақаҳои осебпазири аҳолӣ мушкилоти байниидоравӣ, мушкилоти давлат ва ҷомеа мебошанд. Ба ақидаи мо, барои ҳалли чунин мушкилот ташаббусҳои дастаҷамъона ва ҳамоҳангшудаи сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам маҳаллӣ зарур аст. Дар таҳқиқоти илмӣ зарурати ҷорӣ намудани муносибатҳои тиҷоратӣ дар танзими низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ бо он асоснок карда шудааст.

5. Низоми идоракунии нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи таъминоти иҷтимоии давлатӣ мебошад. Асоси иқтисодии таъминоти нафақаро буҷети ҷумҳуриявӣ ва Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ташкил медиҳанд. Новобаста аз рушди тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои муқарраркунандаи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, масъалаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба тафриқаи зиёди сатҳи даромад байни аҳолӣ ва дастрасӣ ба соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалталаб ба шумор меравад.

6. Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти воқеии ба амал баровардани ислоҳоти алоҳида дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бо кор таъмин намудан, такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба миён омадааст. Зарур аст, тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии шаҳрвандони мамлакат андешида шуда, ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ба категорияҳои осебпазири шаҳрвандон зиёд карда шуда, номгӯи хизматрасониҳои иҷтимоӣ васеъ гардонида шавад.

7. Дар диссертатсия барои мукаммал гардонидани низоми ҳифзи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморида шудааст, ки тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, роҳандозӣ карда шавад. Шаклҳо ва усулҳои

ҳифзи иҷтимоӣ бояд гуногунранг ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад. Дар баробари ин зарур аст, равишҳои инноватсионии идоракунии равандҳои иҷтимоӣ коркард шаванд, ки мунтазам иттилооти заруриро оид ба тақозои шаҳрвандон ба кумакӣ иҷтимоӣ пайгирӣ намуда, тақсимоти боадолати захираҳои молиявиро таъмин созад

# БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ дар самти гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ гузаронида шуд, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ боиси афзоиши шумораи ҷойҳои кории ноустувор, муваққатӣ ё нопурра буд, ки то имрӯз низ қисман чунин зуҳурот дар баъзе бахшҳои иқтисодиёт ба чашм мерасад. Гарчанде, ки дар муқоиса ба даҳсолаҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар даҳсолаи дуюм ва сеюм рушди иқтисодиёти мамлакат сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ паст карда шуданд, то имрӯз мушкилот дар ин самт идома дорад. Дар байни бекорон имрӯзҳо дар дохили мамлакат то ҳол шумораи бекорони даврагӣ ба чашм мерасад, ки он мушкилоти муайянро дар самти беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ эҷод менамояд ва зарурати такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар ин ҷода тақозо мекунад. Зеро таҳқиқот нишон медиҳад, ки қонунгузории амалкунандаи мамлакат асосан ба ҳифзи коргарони доимӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад. Коргарони дорои кори нопурра ва муваққатӣ, инчунин шахсоне, ки муддати дароз кор ёфта наметавонанд, пурра зери ҳимояи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ қарор надоранд.

Дар баробари ин мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсие, ки солҳои охир дар сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада истодааст то андозае, таъсири худро ба иқтисодиёти мамлакат расонид. Новобаста аз он ки ҳамасола зиёдшавии даромади аҳолӣ ба чашм мерасад ва дар шаш сол даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024 [13] расонида шуд, болоравии сатҳи нархҳои истеъмолӣ то андозае ба қобилияти харидории асъори миллиро паст гардонид. Дар натиҷа, даромади воқеии як гурӯҳи табақаи осебпазири аҳолӣ вобаста ба болоравии сатҳи нархҳо пасттар гардида, афзоиши шумораи бештари гурӯҳи муътадили камбизоати синни қобили меҳнат ташвиши ҷиддиро ба миён овард.

Ҳамзамон, то ҳол эҳсос гардидани натиҷаи таъсири бухрони короновирусӣ дар саломатии шаҳрвандон ва сатҳи даромадашон, суръати болоравии сатҳу сифати зиндагонии қисми зиёди аҳолии мамлакатро боздошт, ки зарурати аз нав дида баромадани механизмҳои ҷойдоштаи идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро тақозо менамояд. Дар баробари ин авҷгирии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир ба афзоиши теъдоди оилаҳои нопурра оварда расонид, ки ин такмил додани қонунгузории иҷтимоиро дар соҳаи таъмини даромад, нигоҳубини кӯдакони хурдсол, бо кор таъмин намудан ва таълими касбии занони оилаҳои нопурраро тақозо мекунад, то онҳо меҳнатро бо уҳдадориҳои оилавӣ тавъам карда тавонанд.

Дар баробари ин бояд ба инобат гирифт, ки таъсиси корхонаҳои азими истеҳсолӣ, таҷдид, азнавсозӣ ва бунёди роҳҳо, амаликунии лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолию-ҳарбӣ ва як қатор омилҳои дигар сабаби маҳдуд шудани имконоти буҷети давлатӣ оид ба зиёд кардани маблағгузорӣ ба бахши иҷтимоиёт гардид, ки зарурати гуногунрангсозии сарчашмаҳои маблағгузории бахши иҷтимоиётро тақозо менамояд. Ҳамаи ин зарурати ҷустуҷӯи усулҳо ва равишҳои нави амалисозии сиёсати иҷтимоиро тақозо мекунад.

Кӯшишҳо барои гузаронидани ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ бидуни омӯзиши амиқ ва муносибати маҷмуӣ дар баъзе мавридҳо боиси ба таври назаррас таъсир расонидан ба сатҳи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, риояи нопурраи баъзе қоидаҳо ва меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда ва дар конвенсияҳо ва тавсияҳои дахлдори СБМ дарҷёфта мегардад. Аз нав дида баромадани дараҷаи андози иҷтимоӣ, принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ, гузариш ба низомҳои муосири пардохти нафақа ва дигар тадбирҳо дар ин самт ба механизми ҳифзи иҷтимоӣ асос мегирад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи муносибати ғайримаҷмуӣ, равиши ба қадри кифоя инкишоф наёфтани бисёр мушкилоти иҷтимоӣ, ки дар мамлакат ба

миён омадаанд, ҳалли худро наёфтанд ва дар як қатор мавридҳо вобастагии беҳдошти иҷтимоиро ба муҳоҷирати меҳнатӣ бисёртар мегардонад.

Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати иҷтимоӣ эълон намудааст ва дар чунин давлат инсон, ҳаёт, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзишҳои олӣ ба ҳисоб меравад, бояд мутаносибан муносибати ҳамаҷониба таҳия шуда, принсипҳои сиёсати иҷтимоии давлат, аз ҷумла низоми ҳифзи иҷитимоии аҳолӣ коркард ва тақвият бахшида шаванд. Барои шаҳрвандони маъюб ва қобили меҳнат, ки бо сабабҳои объективӣ қобилияти меҳнатии худро амалӣ карда наметавонанд ва ё даромади кам доранд, бояд низоми маҷмуии таъминоти иҷтимоӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ амал кунад.

Механизми ташкилӣ ва идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд фарогири принсипҳои асосии беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ  ва меъёрҳои асосӣ бошад.

Низоми ҳифзи иҷтимоии чунин гурӯҳи аҳолӣ бояд ба меъёру стандартҳои аз тарафи умум эътирофгардидаи байналмилалӣ ва пеш аз ҳама Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ, ҳуҷҷатҳои Ассамблеяи байнипарламентӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ ва шартномаҳои байнидавлатӣ асос ёбад.

Аз ин ҷо, аз принсипи баробарҳуқуқӣ бармеояд, ки ҳар як шахс ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорад, ки поймолкунии он дар ҳама гуна шакл, сарфи назар аз нажод, ранг, ҷинс, забон, дин, дигар зуҳуроти миллӣ ё иҷтимоӣ, эътиқод, моликият, молу мулк манъ мекунад. Ин, дар айни замон, бахусус барои кишвари мо, ки ҷараёни муҳоҷирати зиёд дорад, дуруст аст.

Низоми ишорашуда, чун як низоми фарогир, бояд, ҳамаи унсурҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дарбар гирифта, имконияти ҳифзи шахсони эҳтиёҷмандро дар сурати аз кор рафтан, беморӣ, захмдор шудан, пирӣ, камбағалӣ фароҳам оварад. Низоми мазкур, пеш аз ҳама ҳадафи саҳм гузоштан дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва пешгирии осебпазирии иҷтимоӣ тавассути барқарор кардани сатҳи қобили қабули даромади аздастрафтаи шаҳрвандонро дошта бошад.

Принсипи асосии ин низом ҳамбастагӣ ва ташаккули масъулияти дастаҷамъона барои ҳар як эҳтиёҷманд мебошад, ки мутамарказкунии оқилонаи маблағҳо ва азнавтақсимкунии кумакҳоро барои онҳое, ки бе дастгирии иҷтимоӣ зиндагӣ карда наметавонанд, дар назар дорад. Гузариш ба принсипи нафақаи ғункунанда ва масъулияти инфиродии шаҳрвандон дар оянда муҳим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки арзишҳои инсонӣ тибқи фарҳанг ва анъанаи мардуми тоҷик дар ҷамъият, дар мадди аввал меистанд, дар баробари давлат шаҳрвандон низ барои беҳдошти ҳифзи иҷтимоии аъзоёни оилаи худ бояд масъул бошанд.

Як гурӯҳ аз шаҳрвандон аз таваллуд маъюб мебошанд ё қобилияти нигоҳубини худро дар давоми ҳаёти худ гум кардаанд ва аз ин рӯ метавонанд ба ҳимоя, кумак, нигоҳубин ва воситаҳои зиндагӣ умед дошта бошанд ё такя кунанд. Онҳоро аз истифодаи неъматҳои моддӣ ва сарватҳои ҷамъиятӣ дар канор мондан лозим нест.

Принсипҳои сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд бо қонун муқаррар карда шаванд. Муҳимтарин меъёре, ки хатти камбизоатиро муайян мекунад, сабади ҳадди ақали истеъмолӣ мебошад, ки барои муайян кардани андозаи кумакпулиҳои кафолатноки иҷтимоӣ ва ҳадди ақали музди меҳнат истифода мешавад. Дар шароити буҳрони иқтисодӣ, ҳамчун меъёри муваққатӣ нишондихандаҳои дигари ҳадди ақали зиндагиро истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар низом бояд механизми аз нав дида баромадани нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳо ба аҳолӣ бо назардошти тағйироти сохтори иқтисодиёт, динамикаи нархҳо ба молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ пешбинӣ карда шавад.

Тадбирҳое, ки дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ андешида мешаванд, бояд аз ҷиҳати ҳаҷм ба тағйироти сатҳи зиндагии мардум мувофиқ бошанд ва чун қоида, хусусияти ташаббускорӣ ва максаднок дошта бошанд. Татбиқи ҳуқуқҳо ба ҳифзи иҷтимоӣ бояд барои гирандагони эҳтимолӣ ба осонӣ дастрас

бошад. Маблағҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд мақсаднок равона карда шуда, қатъиян мувофиқи мақсад истифода бурда шаванд. Онҳо аз рӯи принсипҳои оддӣ, шаффоф ва осон идорашаванда дар тамоми низоми ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ карда шаванд.

Барои ба даст овардани тавофуқ дар ҷомеа, ташкили низоми шарикии иҷтимоӣ бамаврид аст, ки дар рафти гуфтушуниди намояндагони мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба ва корфармоён масъалаҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳама сатҳҳо баррасӣ ва мувофиқа карда шаванд.




**Расми 3.1. - Механизми ташкили-иқтисодии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Татбиқи принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ метавонад дар асоси ислоҳоти тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ (ё ҳифзи иҷтимоӣ) сурат гирад. Низоми мазкур, ба фикри мо, бояд аз чор қисм иборат бошад. Якум –ҳифзи аҳолӣ тавассути суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии иҷтимоӣ. Дуюм – хизматрасониҳои давлатии иҷтимоӣ. Сеюм – ёрдампулии иҷтимоии давлатӣ, ҷубронпулӣ. Чорум – муассисаи ёрирасон (ёрии иҷтимоӣ).

Ба андешаи мо таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ танҳо вазифаи давлат набуда, накши соҳибкорон ва корфармоён, муассисаҳои хайриявӣ, хешу таборони гурӯҳҳои осебпазир низ бояд назаррас бошад. Аз ин рӯ, зарур мешуморем фаъолияти ин гурӯҳҳои зикргардида ҳамоҳанг карда шуда, вазифаи ҳар яки онҳо асоснок карда шавад. Дар асоси ин ақида механизми ташкилӣ-иктисодии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пешниҳод менамоем.

Дар механизми мазкур дар баробари консепсияҳои эътирофгардидаи ҳифзи иҷтимоӣ тамсилаҳои анъанавии хоси арзишҳои миллӣ ба инобат гирифта шудааст. Вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ва дигар субъектони ин бахш нишон дода шудааст. Ба андешаи мо, суғуртаи иҷтимоӣ бояд моликияти давлатӣ боқӣ монад, хусусияти ҳатмӣ дошта бошад ва ҳамаи шаҳрвандон ва шахсони бешаҳрвандеро, ки дар ҳудуди ин ё он давлат кору зиндагӣ мекунанд, фаро гирад. Иловатан ба низоми давлатӣ фондҳои суғуртаи ихтиёрӣ бояд ба воситаи ташкилотҳои суғуртаи ғайридавлатӣ, аз ҷумла иттифокҳои касаба, инчунин фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ инкишоф дода шаванд. Ба фикри мо, ба ин кор ҷалб намудани иттифоқҳои касаба аҳаммияти муҳим дорад. Иштироки фаъолонаи онҳо дар рушди суғуртаи иҷтимоӣ ва ташкили фондҳои нафақа имконият медиҳад, ки қисми зиёди аҳолии осебпазир бо ин намуди хизматҳо фаро гирифта шаванд, аз имкониятҳои шартномаҳои коллективӣ ҳамаҷониба истифода баранд, ҳамзамон назорати ҷамъиятӣ ҷорӣ карда шуда, ғайримақсаднок истифодашавии фондҳо ва фиребгарии молиявии ташкилотҳои суғурта ва фондҳои нафақа пешгирӣ карда шаванд.

Хизматрасонии иҷтимоиро барои шахсоне, ки имконияти қисман ё пурра таъмин кардани худро аз даст додаанд, ба парасторӣ ва кумаки беруна, офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ ниёз доранд, минбаъд инкишоф додан зарур аст. Хизматрасонии иҷтимоӣ ба ин тоифаи шаҳрвандон дар ҷои истиқомат, инчунин дар муассисаҳои махсусгардонидашуда аз қабили интернатҳо, санаторияҳо, марказҳои тавонбахшӣ, кумаки иҷтимоӣ, бозомӯзӣ, истироҳат ва ғ. ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок расонида мешавад.

Дастгирии давлат барои гурӯҳҳо ва табақаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ низ зарур аст. Сухан дар бораи ёрдампулӣ барои афроди дорои даромади паст, барои таваллуди тифл ва то ба синни муайян расидани кӯдак ва дигар кумакҳои иҷтимоӣ ва ҷубронпулӣ аз буҷети давлат меравад.

Ба ғайр аз ин, рушди ҳамгироӣ дар байни институтҳои ёрии иҷтимоӣ аҳаммияти беандоза дорад. Дар айни замон, дар баъзе мавридҳо дар сатҳи сабадчаи ҳадди ақали истеъмолӣ таъмин намудани даромади кафолатнок имконнопазир аст. Вобаста ба ин, зарурияти кумакҳои мақсаднок ба категорияҳои камтаъмини шаҳрвандон дар шакли пулӣ ё моддӣ аз қабили тақсими ройгон ё имтиёзноки ғизо, либос, пойафзол, доруворӣ, сӯзишворӣ, ташкили хӯроки нисфирӯзӣ дар ошхонаҳо бо шартҳои имтиёзнок ё ройгон, имтиёзҳо барои нигоҳдории манзил ва ғайра ба миён меояд, ки он қисман аз тарафи соҳибкорон ва ашхоси сарватманд дар мамлакат амалӣ карда мешавад.

Барои шахсоне, ки ба суғуртаи иҷтимоӣ фаро гирифта нашудаанд, инчунин бояд тавассути низоми кумак намудҳои гуногуни хизматрасонии иҷтимоӣ ҷорӣ карда шаванд. Масалан, солҳои охир ҷамъият ба падидаи нав рӯ ба рӯ шуд – афзудани шумораи одамоне ба назар мерасад, ки ҷои истиқомати доимӣ надоранд. Ин аз давлат ташкил кардани истиқоматгоҳҳои муваққатӣ (паноҳгоҳҳо, интернатҳо ва ғайра)-ро тақозо мекунад. Дар ин раванд низ ҷалби фондҳои хайриявӣ, бахши хусусӣ имконпазир аст.

Чунин ба назар мерасад, ки муносибати маҷмуӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дақиқ муайян кардани стратегияи давлатии ҳифзи иҷтимоӣ барои беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ, фароҳам овардани шароит барои боз ҳам коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа ва рушди иҷтимоии мамлакат мусоидат мекунад.

Новобаста аз он, ки ислоҳоти гузаронидашуда дар самти беҳдошти иҷтимоӣ дар 20 соли охир аз натиҷаҳои муайян бархурдор аст ва сабаби коҳиши назаррасӣ сатҳи камбизоатӣ гардидааст, рушди низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то ҳол ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Мушкилоти идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бе баланд бардоштани нақши давлат дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ имконнопазир аст. Дар механизми маҷмуии таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, ташкил ва фаъолияти низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маҳалҳо аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Мақсади асосии такмили механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсиси низоми нисбатан самаранок ва рушдёбандаи идоракунӣ дар асоси технологияҳои инноватсионӣ, усулҳо, шаклҳо, стандартҳо ва тамсилаҳои амалии ҳифзи иҷтимоӣ мебошад, ки ба сатҳи муассири идоракунии хизматрасонии иҷтимоӣ ноил мегардад.

Мақсади такмили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беҳтар намудани механизми дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, таҳияи шаклу усулҳои инноватсионии идоракунӣ ба ҳисоб меравад, ки ба сиёсати иҷтимоӣ, ҷомеа ва ислоҳоти дар айни замон ҷоришавандаи соҳаи иҷтимоӣ мувофиқанд.

Такмили механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳияи принсипҳои массир ва тамсилаи хубтарҳрезишудаи идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ифода менамояд, ки он раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар бар гирифта ба ҳалли масъалаҳои умдаи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Механизми мазкур ҳамчунин таҳлил, пешгӯӣ ва таҳияи самтҳои асосии фаъолияти соҳаи

хизматрасонии иҷтимоиро дар давраи дарозмӯҳлат ба роҳ монда рушди низоми ҳифзи иҷтимоиро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар умум ва маҳалҳо дар алоҳидагӣ дар назар дорад.

Самаранокии механизми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба вобастагӣ ва фарогирии он аз бисёр механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявӣ алоқаманд аст. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки ҳангоми татбиқи механизми мазкур ихтилофот дар сатҳи қонунгузорӣ ва маблағгузории он ба вуҷуд намеояд. Дар баробари ин чунин механизм бояд ба талаботи зудтағйирёбандаи шахс ва ҷомеа, шароити ҳаёт ва иқтисодиётро, мувофиқат намояд.

Дар мехнизми таҳияшаванда зарур аст, шакли  идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нишон дода шавад. Зеро, тамоми вазифаҳои муҳимми ба амал баровардани сиёсати иҷтимоӣ дар навбати аввал ба некӯаҳволии аҳолӣ маншаъ мегирад.

Ислоҳоти идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт на бояд танҳо ба ҳалли масъалаҳои таъмини сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва марҳила ба марҳила баланд бардоштани онро ифода намояд, балки механизми мукаммал намудани сохтор ва технологияи нави самараноки идоракуниро низ фаро гирад. Вазифаи асосии чунин ислоҳот бояд пеш аз ҳама муосиргардонии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба тамоми қишрҳои аҳолӣ, васеъ намудани фарогирии соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва гурӯҳҳои осебпазир, вусъатбахшии равандҳои муқаррасозӣ ва хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои осебпазир, ҳалли саривақтии мушкилоти аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи ҳавасмандӣ ва қаноатмандии кормандони ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Натиҷаҳои ба даст оянда пеш аз гузаронидани ислоҳот дар ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳифзи иҷтимоӣ бояд аз тарафи роҳбарони муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аниқ бошад. Роҳҳои ба даст овардани  маълумот дар бораи кори кормандони ҳифзи иҷтимоӣ дар хона ё ҷои истиқомат, тарзи амал,

соатҳои қабули гурӯҳои осебпазир ва хизматрасонии онҳо низ бояд дақиқ бошад. Ин ба ташаккули эътимод ва боварии аҳолиро ба кори муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, қулайтар расонидани хизматрасониҳо барои шаҳрвандон, ба роҳ мондани муносибатҳои солим бо онҳо ва машваратҳо мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон баҳодиҳии расмии корҳои анҷомдодашуда осон гардида, амалҳои идоракунӣ хуб ба роҳ монда мешавад, ки ин дар навбати худ назорати чунин равандҳоро низ содда мегардонад.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки дар таҳияи механизмҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ тамсилаҳои фарогир ва умумӣ вуҷуд надоранд, ки барои ҳамаи давлатҳо қобили татбиқ бошанд. Дар ҳар як мамлакат вобаста ба хусусиятҳои рушди иқтисодиву иҷтимоиашон механизм ё тамсилае таҳия ва тадбиқ карда мешаванд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои осебпазир ё аҳолиро дар умум вобаста ба интизориҳояшон ва хусусиятҳои рушди иҷтимоиашон фаро мегирад.

Ба андешаи мо, таҳияи нақшаи маҷмӯи тадбирҳои беҳтар намудани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунандаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зарур аст.

Вазифаҳои идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ вазифаҳои танзим ва татбирандешии фавриро дар бар мегирад. Бо ин мақсад дар минтақаҳои гуногуни кишвар идораҳои ҳифзи иҷтимоӣ ташкил карда мешаванд. Дар баробари ин, дар сохтори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шуъбаҳои алоҳидаи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ташкил карда мешаванд. Чунинислоҳот имкон медиҳад, ки звенои мобайнии идоракунӣ ҳифзи иҷтимоӣ ташаккул дода шуда байни мақомоти марказӣ ва марказҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар маҳалҳо вазифаҳои танзим ва татбирандешии фавриро иҷро намоянд.

Ҷузъи муҳимми механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ банақшагирии стратегӣ, банақшагирии иҷтимоӣ, таъминоти методӣ ва иттилоотии равандҳо, самаранокгардонии сиёсати кадрӣ ва молиявӣ, ташкили ҳамкории

мутақобила бо мақомоти давлатӣ, рушди фаъолияти қонунгузорӣ ва меъёрӣ дар сатҳи таҳияи лоиҳаҳои иҷтимоӣ, ташкил ва назорат ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, самти иттилоотӣ-таҳлилии фаъолияти дастгоҳи марказии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти пешбурди сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба таҳким ниёз дорад. Дар баробари ин, зарур аст низоми мавҷудаи омодасозӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ инкишоф додашуда, масъулияти шахсони мансабдор дар таъйиноти кадрӣ баланд бардошта шавад. Ин барои пур кардани ҷойҳои кори холӣ дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ рақобатро ба вуҷуд меорад, ки ба ҷалби кормандони соҳибтахассус дар соҳа мусоидат хоҳад намуд.

Айни замон сатҳи музди меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ – хизмати давлатиро дар низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ барои мутахассисони ҷавон чандон ҷолиб намегардонад.

Дар мамлакат бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионию сармоягузорӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сохтори мақомоти маҳалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шуъбаи кор бо лоиҳаҳо таъсис дода шавад. Ҳамзамон сохтори ташкилию амалкунандаи мавҷуда бояд ба татбиқи барномаҳои мақсаднок, мониторинги низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷалби мутахассисони дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ равона карда шавад.

Ҳангоми арзёбии самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ нишондиҳандаҳо аз рӯи меъёрҳои алоҳида истифода карда мешаванд, ки хусусияти объективӣ доранд. Онҳо имконияти натиҷаҳои бадастояндаро баҳогузоӣ кардан доранд. Бо ин мақсад чор гурӯҳи асосии нишондиҳандаҳоро ҷудо намудан имконпазир аст.

1. Низоми ҳифзи иҷтимоӣ бояд манбаъҳои зарурӣ таъмин бошад ва зерсохторҳои вобастаро дарбар гирад. Мутаносибан маблағҳое, ки барои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудо карда мешаванд, бояд самаранок истифода карда шавад ва гурӯҳҳои осебпазир аз он бештар баҳрабардор гарданд. Рушди инфрасохтори низоми ҳифзи иҷтимоии ҷузъи дигари муҳими

нишондиҳандаи муаяйнкунандаи самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Иқтидори муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ифодакунандаи дараҷаи баланди фарогирии аҳолӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад.

2. Такмили фаъолияти муасссисаҳо ва институтҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамзамон самаранокии онҳо. Махсусан такмили фаъолияти мақомоти давлатии ваколатдор дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маҳаллӣ самараи кори иҷтимоиро баланд мебардорад. Низоми рушдкардаи мубодилаи иттилоот байни ин сохторҳо имкон медиҳад, тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ки қонун муқаррар кардааст, хубтар татбиқ карда шаванд.

3. Баланд бардоштани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ ва гурӯҳҳои осебпазир аз сифати ташкили хизматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ. Нишондиҳандаи мазкурро пеш аз ҳама, тавассути таҳқиқот тариқи пурсишнома ба усули бенчмаркетинг ошкор кардан мумкин аст. Таҳлили шиддати иҷтимоӣ ҳолатро хеле пурра карда метавонад.

4. Қабули чораҳо дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ. Татбиқи механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум бояд қабули чорабиниҳо дар самти боз ҳам паст намудани дараҷаи камбизоатӣ, баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат, васеъ гардонидани таркиби сабади истеъмолии аҳолии ниёзмандро низ дар бар гирад.

Баҳодиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи воқеии татбиқи тадбирҳои андешидашуда ва татбиқшудаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи давраи муайян муҳим аст. Барои ин зарур аст, ҳамасола мониторинги баҳодиҳии ҳифзи иҷтимоӣ бо усули баҳодиҳии маҷмуӣ гузаронида шавад. Ин имкон медиҳад, ки мушкилоти ҷойдоштаро дар самти беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ саривақт муайян карда, қарорҳои фаврии мувофиқи идоракунӣ қабул карда шавад.

Дар баробари ин, барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоии мамлакат ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда расидан ба самтҳои зерини идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ зурур аст:

1) Мукаммал намудани низоми сохтори ҳифзи иҷтимоӣ, ба роҳ мондани тағйироти куллӣ дар низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, беҳтарсозии таъминоти кадрии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ;

2) Хубтар ба роҳ мондани кори мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи беҳтар намудани тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, танзими даромадҳои пулии аҳолӣ, беҳтар намудани шароити меҳнат, автоматикунонии низоми хизматрасонии иҷтимоӣ;

3) Баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ, ҷалби васеъи корфармоён дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;

4) Тақсимоти оқилонаи ваколатҳо байни субъектҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди худидоракунии маҳаллӣ ва шарикии иҷтимоӣ;

5) Дастгирии фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ки фаъолияти онҳо ба ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ равона карда шудааст, рушди ташаббусҳои хусусӣ ва хайриявӣ;

7) Мукаммал намудани низоми таъминот ва гардиши иттилот дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ.

6) Ташаккули идеологияи худмуҳофизатии аҳолӣ, пешгирии инкишофи рафтори муфтхурӣ байни гурӯҳҳои ғайриосеппазир.

Ба андешаи мо, барои такмили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва муосиргардонии он татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои системавӣ зарур аст. Дар ин ҷода, бояд модели принсипан нави мутавозин ташаккул дода шавад, ки танзими давлатиро бо механизмҳои бозории худтанзимкунӣ муттаҳид намуда, такрористеҳсолкунии устувори васеъро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд. Ин имкон медиҳад механизми ташкилию идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маротиб мукаммал карда шавад.

Ҳамин тариқ дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар зербоби мазкур механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пешниҳод менамоем. (расми 3.2.).




**Расми 3.2. - Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар механизми мазкур раванди идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пайдарҳамии амалисозии чораҳои идоракунӣ нишон дода шудааст, ки он маҷмуи чорабиниҳоро оид ба муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазир, вобастакунии онҳо ба сохтори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, раванди таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва натиҷаҳои интизории аз он ба амалоянда нишон дода шудааст.

Ба андешаи мо татбиқи механизми мазкур дар амалия имконият медиҳад, ки равандҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам мукаммалтар карда шуда, муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазир саривақт ба роҳ монда шуда, барномаҳои зарурии беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоии татбиқшаванда дар ин раванд бояд се вазифаи муҳимро иҷро карда тавонанд: вазифаи ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, вазифаи бунёди имкониятҳои нав барои гурӯҳҳои осебпазир ва ниҳоят вазифаи мусоидат намудан барои гузариш ба ҳолати некӯаҳволӣ аз ҳолати эҳтиёҷмандӣ.

Ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир маҷмуи тадбирҳо ва чорабиниҳоеро бояд дарбар гирад, ки аҳолиро аз хавфҳои ногаҳонии ба амалоянда, пастравии сатҳи даромад, аз даст додани коршоямӣ ва рушди нобаробарии иҷтимоӣ ҳифз намуда тавонад.

Бунёди имкониятҳои нав барои гурӯҳҳои осебпазир тадбирҳоеро бояд фарогир бошад, ки барои пешбурди фаъолияти шаҳрвандон, ба роҳ мондани тағйироти иҷтимоӣ дар мамлакат, рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунад.

Мусоидат намудан барои гузариш ба ҳолати некӯаҳволӣ аз ҳолати эҳтиёҷмандӣ маҷмуи тадбирҳоеро бояд фаро гирад, ки барои аз байн бурдани нобаробарии иҷтимоӣ, тариқи ворид намудани тағйирот дар қонунгузориҳо, аз нав тақсим намудани даромад, ба роҳ мондани ислоҳоти замин мусоидат намояд.

### 3.2. Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

Барои мукаммалгардонии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди роҳҳои асосии баланд бардоштани

самаранокии он пеш меояд. Роҳҳои пешниҳодшаванда бояд унсурҳоеро дарбар гиранд, ки фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоиро пурсамар гардонида, пешгирии ҳолатҳои буҳрониро ба роҳ монад. Ҳамзамон, ба муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ имконият фароҳам оварад, ки ба ҳалли нақшаҳо ва масъалаҳои гузошташуда оид ба хизматрасонии шаҳрвандон, ҷалби сармояи иловагӣ берун аз сарчашмаҳои буҷет, ҷамъоварии хизматрасониҳои пулакӣ, ноил гарданд. Бинобар ин зарур шуморида мешавад, ки омӯзиш ва ташаккули стратегияи инкишофи низоми ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти аҳаммияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти давлат ва баланд бардоштани фаъолияти ҳамаи субъектҳои дигар амалӣ карда шавад.

Фаҳмиши консепсияи самарабахшии ташкили кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолӣ то имрӯз муайян карда нашудааст. Дар бисёр ҳолатҳо зери мафҳуми самаранокӣ ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии ҷомеа фаҳмида мешавад. Ба ақидаи мо истифодаи меъёрҳои зерин ҳангоми арзёбии самаранокии расонидани кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашаванда аҳолӣ ва самаранокии сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ мувофиқи мақсад мебошад:

1) таносуби байни натиҷаҳои бадастомада ва хароҷоти сарфшуда барои ба даст овардани онҳо;

2) таносуби байни натиҷаҳои воқеӣ ва нақшавии ба дастомада.

Ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили чараёни кумакрасонӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ мафҳуми «самаранокӣ» ҳамчун нишондиҳандаи муҳим ҳангоми арзёбии дараҷаи то ҳадди имкон конеъгардидаи талаботи қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ истифода карда мешавад. Ин мафҳум ҳамчунин то кадом дараҷа оқилона сарф шудани хароҷотро низ тавсиф мекунад. Ташкили ҷараёни расонидани кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ пеш аз ҳама ба таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби давлат нигаронида шудааст. Он барои ба даст овардани меъёрҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дараҷаи ҳадди ақали зиндагониро мувофиқи имкониятҳои иқтисодиёт фаро мегирад, равона карда мешавад.

Ташкили чорабиниҳо оид ба ташкили кумак ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ба фароҳам овардан ва нигоҳ доштани фазои боварии мутақобилаи байни мақомот ва шаҳрвандон мусоидат мекунад. Барои расидан ба ҳадафи мазкур чунин вазифаҳоро ҳал кардан лозим аст:

1) васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳое, ки марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ пешкаш мекунанд, баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳои мазкур;

2) зиёд кардани самти суроғавии маблағҳои буҷетӣ барои расондани ёрии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ;

3) гузаронидани иқдомҳои хайриявӣ, ба ҳалли мушкилиҳо ҷалб намудани аҳли ҷомеа, инкишоф додани ёрии ҳамдигарӣ;

4) фаъолсозии кори намояндагиҳои мақомоти ҳифзи аҳолӣ барои инкишоф додани шаклҳои мавҷуда ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави ёрӣ ба категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашудаи шаҳрвандон;

5) ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бахши дастгирии иҷтимоии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ;

6) ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ дар байни гуруҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашудаи аҳолӣ ва ғайра.

Самти муҳимми ташкили кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ҷудо намудани кумаки якдафъаина барои шаҳрвандони бекор ва камбизоати қобилияти соҳибкоридошта, имконият медиҳад онҳоро бо ташкили соҳибкории хурд ба худмашғулшавӣ ҳавасманд намояд.

Баланд бардоштани самаранокии ташкили кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ самти дигари муҳимми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Дар ин раванд аз такмили низоми пардохти кумакпулиҳои суроғавӣ барои мутобиқшавии иҷтимоии шаҳрвандони осебпазир ба ҷомеаи солим нақши муҳим мебозад. Барномаи мутобиқшавии иҷтимоӣ бояд маҷмуи чорабиниҳоро дар самти ҷустуҷӯи фаъоли кор,

иштироки ҳатмӣ дар корҳои ҷамъиятӣ, таъмини таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра дар бар гирад.

Рушди инфрасохтори пешрафтаи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ба баланд бардоштани самаранокии ташкили кумак ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ мусоидат мекунад. Имрӯзҳо мушкилоте, ки дар зиндагии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ ба вуҷуд омадаанд, то андозае ба дастрас набудани иттилооти дахлдор дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоӣ алоқаманд, аст, ки дар баъзе ҳолатҳо аз имконоти барояшон ҷудошуда маҳрум мемонанд.

Баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ аз беҳдошти сифати кумаки суроғавии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон вобаста аст. Барои амалисозии он татбиқи чунин тадбирҳоро зарур мешуморем:

1) мукаммалгардонии механизми ташкил ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати ёрии суроғавии иҷтимоӣ ба аҳолии осебпазир;

2) баланд бардоштани самаранокии барномаҳои кумаки суроғавӣ ба аҳолӣ дар асоси таъмини шаффофияти ин раванд ва татбиқи фавриии он;

3) ташаккули самтҳои нави кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва барномаҳои кумаки суроғавии иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайра.

Татбиқи самтҳои мазкур шиддати иҷтимоии қишрҳои аз нигоҳи иҷтимои осебпазири аҳолиро паст намуда, имкон медиҳад, ки маблағҳои буҷетӣ самаранок тақсим карда шаванд ва дастрасии табақаҳои камбизоат – яъне аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир таъмин карда шавад.

Боз як роҳи дигари баланд бардоштани самаранокии ташкили кумак ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ истифодаи технологияҳои инноватсионии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии такмили ташкили дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, инҳо ба ҳисоб мераванд:

1) рафъи пурра ё кам намудани сатҳи камбизоатӣ тавассути ташкили ҷойҳои корӣ, мусоидат дар пайдо кардани шуғл, ҷудо намудани пардохтҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ва расонидани кумаки суроғавии иҷтимоӣ ба онҳо;

2) беҳтар гардонидани заминаи техникии низоми тавонбахшии маъюбон ва кӯдакони маъюб тавассути харидории таҷҳизоти муосири инноватсионии тавонбахшӣ аз хориҷи мамлакат;

3) кумак ба заноне, ки дар рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдакони то 3-сола тавассути тарбияи иловагӣ ва касбомузӣ қарор доранд;

4) такмили механизми бастани қарордодҳои иҷтимоӣ ҳамчун тадбири муҳим дар самти дастгирии оилаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, такмили ихтисоси онҳо ва мусоидат дар ҷустуҷӯи кор;

5) ташаккул додани низоми нигоҳубини дарозмуддати пиронсолон ва маъюбон дар хона;

6) бозомӯзии шаҳрвандони қобили меҳнати синни нафақа, ва мутахассисгардонии онҳо ба ихтисосҳое, ки дар мамлакат норасогии қувваи корӣ ба чашм меравад ва ғайра.

Дастгирии давлатии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамоҳанг месозад, барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии тамоми табақаҳои аҳолӣ ҳавасмандии иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд меорад, ба татбиқи принсипҳои мақсаднокӣ ва ниёзмандӣ дар сиёсати иҷтимоӣ дар натиҷа, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ шароит фароҳам меорад, мусоидат мекунад.

Вазъияти кунунии рушди иқтисодиёти ҷаҳон, ки ба афзоиши нархҳои воридотӣ оварда расонид, масъалаи зарурати беҳтар намудани шароити ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба миён гузошт. Зиёд намудани хароҷоти ҳифзи иҷтимоӣ аз буҷет ва сарчашмаҳои дигар наметавонад афзоиши шумораи шаҳрвандони ниёзманд ва камдаромадро нигоҳ дорад, ки он аз самаранокии нокифояи низоми муосири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Имӯзҳо мушкилоти асосии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ инҳо ба шумор меравtotally: шароити номусоиди манзили ташкилотҳое, ки

хизматрасониҳои иҷтимоиро пешниҳод мекунанд; истеъмолкунандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба сифати онҳо қаноатманд нестанд; низоми иттилоотии нокифояи ислоҳшуда барои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, навсозии саривақтии иттилооти сомонаҳои муассисаҳои давлат; истифодаи меъёрҳои кӯҳнашудаи хизматрасонии иҷтимоӣ; огоҳии пасти мардум оид ба хизматрасониҳои иҷтимоие, ки пешниҳод мешаванд; набудани стандарти ягонаи таҳлили сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

Имрӯз байни талаботи ҷамъиятӣ дар самти идоракунии самараноки равандҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди нокифояи илм, мавҷудият ва татбиқи амалии стратегия ва технологияҳои идоракунии равандҳои мазкур зиддияти равшан ба назар мерасад. Дар шароити муосир сифати зиндагии аҳолӣ на танҳо ҳадафи пешрафт ва рушди иҷтимоӣ, балки меъёри самаранокии иҷтимоии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии вилояту ноҳияҳо, шаҳру ҷамоатҳо низ мебошад. Масъалаҳои такмили танзими ҳуқуқии сиёсати иҷтимоӣ барои рафъи камбизоатӣ ва низоми меъёрҳои иҷтимоии сифати зиндагӣ, ба таври возеҳ дар қонунгузорӣ дарҷ намудани онҳо ҳамчун ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат, инчунин баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии идоракунӣ ва самаранокии мақомоти давлатӣ аз ҷиҳати сифати зиндагонӣ дар мамлакат масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Вазъияти ҳозираи мамлакат тақозо мекунад, ки пеш аз ҳама ба муътадил гардондани нишондиҳандаҳои сифати зиндагонӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ноил гардад.

Кӯшишҳои асосӣ барои баланд бардоштани сифати зиндагии мардум, баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ ва муносибгардонии идоракунӣ тибқи меъёрҳои номбурда, бояд ба самтҳои асосии зерин равона карда шаванд:

– таҳияи низоми меъёрҳои иҷтимоии давлатӣ барои таъмини сифати зиндагии шаҳрвандон, ки хусусиятҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳар як минтақаи мамлакатро вобаста ба сатҳу сифати зиндагӣ дар бар мегирад;

– баланд бардоштани сатҳи маданияти идоракунӣ ва салоҳиятнокӣ тавассути муносибгардонии низоми таълим, ки ба ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххаси сифати зиндагии аҳолӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраршудаи иҷтимоӣ, стандартҳо нигаронида шудааст;

– ташаккули бозомӯзии мунтазами кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ташаккули захираҳои нави кадрӣ;

– мукамммал намудани низоми назорат, пайгирии фаъолияти самаранокии мақомоти ҳифи иҷтимоӣ;

– фароҳам овардани шароити худмуҳофизатӣ барои аҳолӣ, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ мусоидат менамояд;

– таҳияи низоми илман асоснoккардашуда ва мувофиқ аз нуқтаи назари самаранокии идоракунии сифати ҳаёт, низоми нишондиҳандаҳо ва воситаҳои баланд бардоштани масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои натиҷаҳои фаъолияти худ;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар деҳот ва минтақаҳои кӯҳии кишвар бахри баланд бардоштани сифати зиндагии мардум. Самти муҳимми имрӯза зарурати дар сатҳи кишвар ташаккул додани идеологияи фаҳмо ва муттаҳидкунандаи миллӣ мебошад, ки сифати зиндагии мардумро ҳамчун меъёри самаранокии идоракунии иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар мавриди мазкур аз инҳо иборат аст:

•эҷоди шароити мусоид барои васеъ намудани имкониятҳои шаҳрвандон;

•фаъол шудани худи неруи инсонӣ, ташаккули муносибат ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва ҳаракат;

•танзими самтҳои арзишӣ-мақсаднокии шахс, идоракунии ташаккули талаботи оқилонаи инсон.

Самти муҳимми баланд бардоштани самараи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ин гузаштан ба «идоракунӣ аз рӯи натиҷаҳо» мебошад, ки он яке аз

навигариҳои муҳим ба шумор меравад ва дар рафти татбиқи ислоҳоти маъмурӣ ба он аҳаммияти калон дода шудааст.

Ба андешаи мо идоракунӣ аз рӯи натиҷаҳо як навъ бозгардонии фаъолияти ҳар як мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ба ҳадафҳои бештар умумӣ ва дохилӣ мувофиқашудаи тамоми низоми идоракунӣ дар бар мегирад ва ин ҳадафҳо бояд дар шакли миқдоран муайяншуда, боэътимод ва санҷидашавандаи нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ ифода карда шаванд.

Гузариш ба идоракунии натиҷавӣ метавонад ҳамчун як навъ бозгашт ба амалияи банақшагирӣ ва идоракунии лоиҳаҳо дар заминаи нави идеологӣ ва методологӣ баррасӣ шавад. Ба ин маъно, таъсис ва татбиқи низоми муттаҳидшудаи банақшагирии идоравӣ ва байниидоравӣ ва идоракунии лоиҳаҳо бояд тибқи ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, тақсимоти рақобатии захираҳо дар байни идораҳо ва назорат аз болои ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти худ таъмин карда шавад. Илова бар ин, чунин равиш барои муносибгардонии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар маҳалҳо бояд амалӣ карда шавад:

• ҷорӣ намудани технологияҳо ва расмиёти муайянкунии ҳадафҳо, ки мутобиқати ҳадафҳоро ба иҷрокунандагони мушаххас таъмин мекунанд;

• коркард ва татбиқи ҳисоботи идоракунӣ, ки имкон медиҳад захираҳо дар доираи иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда амалӣ карда шаванд, инчунин назорат аз болои ба даст овардани натиҷаҳо ва муайян кардани масъулияти шахсии роҳбарон ва шахсони мансабдор барои халли вазифаҳои мазкур таъмин карда шавад;

• таҳия ва ҷорӣ намудани низоми аудити дохилӣ, ки имкон медиҳад, самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ баҳо дода шавад, ки барои ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ масъуланд. Инчунин, низоми аудити дохили имконият медиҳад, ки баҳодиҳии самаранокии хароҷоти буҷет гузаронида шавад;

• ҷорӣ намудани низоми мониторинги мунтазами хавфҳое, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда монеъ мешаванд;

• ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунӣ ба мақомоти тобеи иҷроия ва ташкилотҳо. Табиист, ки барои ҳамаи ин, пеш аз ҳама бунёди худи механизмҳои банақшагирии идоравӣ ва байниидоравӣ, ҳалли масъалаҳои таъминоти методӣ ва татбиқи таҷрибавии онҳо, таъмини ёрии машваратӣ барои татбиқи механизмҳои нишондодашуда, инчунин ташкили заминаи дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва методологӣ барои субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ зарур аст.

Бе ворид шудан ба тафсилоти ташкили ҳамаи механизмҳо ва тартиби дар боло зикршуда оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, мо қайд мекунем, ки ҳар кадоми онҳо мавҷудияти натиҷаи миқдории ифодаёфтаи фаъолияти идоракунии давлатӣ ё ҳадди ақҷал ифодаи дуруст таҳияшудаи сифатии он - сифати мушаххаси зиндагии аҳолии шаҳр ва минтақаро дар назар доранд [131, с. 4].

Ҳамин тариқ, вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои ҳамаҷонибаи баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва ҷустуҷӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои нисбатан боэътимодтарро ҳамчун натиҷаи идоракунии самарабахш пешакӣ муайян мекунад, ки ин ба мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ имкон медиҳад, ба равандҳои ташаккул ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ таъсири танзимкунанда расонанд.

Вазъи дигари мушкилот дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маблағгузории бесамари лоиҳаҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз аз сабаби ғайриоқилона истифода бурдани маблағҳо, дараҷаи пасти роҳбарӣ ва ташкили чорабиниҳо мақсади дар аввал пешбинишуда пурра иҷро намешавад. Масъалаи мазкур бояд бо логарифми дуруст сохташудаи амалҳо дар марҳилаи банақшагирӣ бо усули барномавӣ-мақсаднокӣ ҳал карда шавад.

Мушкилоти асосии паст ё нокифоя будани самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар худи низом ва ташкили идоракунӣ ба чашм мерасад. Барои ҳалли ин масъала давлатро зарур аст, ки муносибати маҷмуиро ба идоракунӣ татбиқ намояд. Омӯзиши кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳо ва воситаҳои нави идоракунӣ, татбиқи нармафзор, ки имкон медиҳад, марҳилаҳои кор дар татбиқи лоиҳаҳо беҳтар пайгирӣ карда шаванд ва ғайра. Танҳо дар сурати идоракунии салоҳиятнок ва фарққунонии ӯҳдадориҳои байни идораҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, метавон ба беҳтар шудани идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ноил шуд.

Ҳамин тавр, дар як муддати хеле кӯтоҳ низоми оқилонаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба вуҷуд оварда шуда, дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ новобаста аз ҷои истиқомати шахс таъмин карда шуд ва барои рушди некӯаҳволии аҳолӣ қадамҳои аввалини бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба баланд шудани мақоми хизматрасонии иҷтимоӣ мусоидат кардааст, гузошта шуданд.

Ҳамкориҳои мутақобилаи байни мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ – қисми таркибии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Дар бисёр соҳаҳо дар байни мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ шартномаҳои ҳамкорӣ баста шудаанд. Захираҳои муҳимтарине, ки фаъолияти хадамоти иҷтимоии ҷумҳуриявиро метавонанд ба танзим дароранд, инҳоянд:

– низоми омодасозии кадрҳо, ки дар марҳилаи ибтидоии навсозии хадамот ба таври афзалиятнок таъсис дода шудааст;

– технологияи иттилоотӣ бо идеологияи ҷадид;

– воҳидҳои сохтории мутаносиб, ки дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки марҳила ба марҳила ташкил карда мешавад;

Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии, инчунин меъёрҳои сифати иҷрои вазифаҳо инҳо ба ҳисоб мераванд:

– кофигии миқдори муассисаҳои хизмати иҷтимоӣ барои хузматрасонӣ ба аҳолӣ;

– мавҷудияти барномаҳои соҳавии иҷтимоӣ;

– ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ;

– мутобиқшавии шаҳрвандон ба шароити тағйирёбандаи муҳити иҷтимоӣ;

– ташкили механизми ҳамгироии маъюбон ба ҷомеа;

– такмил додани сиёсати кадрӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;

– инкишофи манбаҳои ғайрибуҷетии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

– рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра;

Самаранокии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ва муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси меъёрҳои сифатии хизматрасониҳои давлатӣ муайян карда мешавад.

Ба навсозии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷустуҷӯи доимии технологияҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад, ки асоси онҳо ба шумор мераванд: равишҳои нави дастгирии иҷтимоӣ ба аҳолӣ, рушди фаъоли шарикии иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои бахши ғайридавлатӣ ба фаъолият ва ҷалби захираҳо аз соҳибкории аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъул.

Дар расми 3.3. самтҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ оварда шудаст, ки доираи таъсири васеи иҷтимоию иқтисодӣ дошта, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Сиёсати иҷтимоӣ метавонад мустақиман ба фарогирии молиявӣ мусоидат намуда, иштироки гурӯҳҳои эҳтиёҷмандро ба пешбурди муносибатҳои бозорӣ фаъол гардонад ва манфиатҳои онҳоро хубтар ҳифз намояд. Чунин шакли пешбурди сиёсати иҷтимоӣ ба афроди канормонда қудрат медиҳад, нобаробарии иҷтимоиро коҳиш диҳанд, ҳамбастагии иҷтимоиро вусъат бахшанд, устувории рушди ҷомеаро таъмин намуда, муносибатҳои давлат ва шаҳрвандро мустаҳкам намоянд. Бо танзими

нисбатан самараноктари нармафзори муҳимми рушди иқтисодӣ - захираҳои инсонии кишвар - ҳифзи иҷтимоӣ метавонад, иқтидори ноил гардидан ба рушди иқтисодиро васеъ гардонида, инфрасохтори ҷамъиятиро рушд диҳад ва ба ин васила натиҷанокии фаъолиятҳои иқтисодиро баланд бардорад.




**Расми 3.3. - Ҳамоҳангсозии самтҳои сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳадафҳои рушди устувор**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Дар баробари ин ноил гардидан ба консенсуси байналмиллалӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба мамлакат имкон медиҳад, бештар стратегияҳои ҳамоҳангшударо дар сатҳи байналмилалӣ тарҳрезӣ ва амалӣ намоянд, ки самаранокии сиёсатҳои макроиқтисодиро ба роҳ монда, мувофиқасозии равишҳо ба музди меҳнат, шуғл ва сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ барои афзоиши даромад ва истеъмоли хонаводаҳоро бештар гардонад. Сиёсати ҳамоҳангшудаи ҳифзи иҷтимоӣ инчунин, аз ҷониби ҳукуматҳо ҳамчун стратегияи пешбарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва механизми мубориза бо осебпазирии афзоянда муаррифӣ гардида, таҳдидҳои ҷаҳонишавиро ба вазъи иҷтимоӣ камтар мегардонад ва барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар умум зарур мешуморем, ҳадафҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат, ки сифати идоракунии он ба дурустии ҳадафҳои гузошташуда асос мегирад, бояд танҳо ба дастгирии гурӯҳҳои осебпазир маҳдуд нашавад. Он бояд дар ҳамон шакле таҳия карда шавад, ки дар баробари паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дараҷаи осебпазирии аҳолӣ бояд рушди инклюзивии иҷтимоиро мустаҳкам гардонида, рушди иқтисодии адолатнокро таъмин намояд. Барномаҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ бояд барномаҳои давраи ҳаётро ба дигар барномаҳои муҳимми иқтисодӣ муттаҳид гардонад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки алоқамандии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодии малакат ҳамоҳанг карда шавад. Низоми ҳифзи иҷтимоӣ бояд қобилияти таъмини самараи синергетикиро дошта бошад, ки ҳамоҳангии сиёсӣ ва қонунгузориро якҷоя бо сиёсати буҷетӣ, барномарезии иқтисодӣ ва барномаҳои мувофиқро тақозо менамояд.

Ба андешаи мо, низоми ҳифзи иҷтимоӣ бояд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намояд. Самтҳои сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ дар ин раванд рушди инклюзивӣ ва самаранокро дар асоси истифодаи иқтидори инсонӣ, идоракунии хавфҳои иҷтимоӣ, таъмини боздиҳии маблағгузории иҷтимоӣ, ҳамчунин таъсиррасонии нисбатан самараноктар ба вазъи макроиқтисодии мамлакат   мусоидат намояд.

### 3.3. Дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

Дар илми иқтисод таҳқиқотҳои зиёд оид ба таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, осебпазирии ҷомеа, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқ қарор дода шудаст, аммо таъсири чунин сиёсат ба рушди иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ карда нашудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар зербобҳои пешинаи диссертатсия нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде, ки барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба пастравии сатҳи камбизоатӣ таъсир мерасонад, таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ назаррас нест. Зеро, новобаста аз иқтидори зеҳнии хонаводаҳои камдаромад ва аҳолии камбизоат, ки сарчашмаи ками даромад доранд, иқтидори воқеиашон ба маҳдудиятҳои қарзӣ ва имкониятҳои маҳдуд пойбанд шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд самти сиёсати беҳдошти ҳифзи иҷтимоиро дар ҳамон шакле таҳия кард, аз як тараф ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии ниёзманд таъсир расонида, аз тарафи дигар ба таъмини рушди иқтисодии босубот саҳмгузор бошад.

**Ҷадвал и 3.1. - Ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна (аз рӯи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо)**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | Сомонӣ | 351,14 | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 684,17 | 794,12 | 920,83 |
| | % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| аз он ҷумла: - даромадҳои меҳнатӣ | Сомонӣ | 164,07 | 177,63 | 196,98 | 217,93 | 213,37 | 277,60 | 341,76 | 358,52 |
| | % | 46,7 | 47,5 | 48,1 | 45,81 | 41,2 | 40,6 | 43,0 | 38,9 |
| нафақа, ёрдампулӣ, стипендия | Сомонӣ | 21,97 | 24,8 | 26,70 | 30,82 | 38,81 | 41,77 | 41,65 | 54,83 |
| | % | 6,3 | 6,6 | 6,5 | 6,5 | 7,5 | 6,1 | 5,2 | 5,9 |
| -пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кӯмаки башардӯстона | Сомонӣ | 4,64 | 0,17 | 0,03 | 0,08 | 3,56 | 1,23 | 17,85 | 16,99 |
| | % | 1,32 | 0,1 | 0,01 | 0,02 | 0,7 | 0,2 | 2,2 | 1,8 |
| даромад аз моликият | Сомонӣ | 0,29 | 0,38 | 0,46 | 0,75 | 23,05 | 16,97 | 17,16 | 18,84 |
| | % | 0,08 | 0,10 | 0,11 | 0,16 | 4,4 | 2,5 | 2,2 | 2,0 |
| даромад аз фурӯши мулки ғайри-манқул | Сомонӣ | 0,66 | 0,39 | 0,33 | 0,44 | 1,71 | 3,85 | 4,83 | 6,36 |
| | % | 0,19 | 0,10 | 0,08 | 0,10 | 0,3 | 0,6 | 0,6 | 0,7 |

**Идомаи ҷадвали 3.1.**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| даромад аз хоҷагии ёри расони шахсӣ | Сомонӣ | 43,84 | 19,90 | 22,43 | 23,02 | 36,75 | 42,18 | 42,45 | 60,88 |
| | % | 12,49 | 5,3 | 5,5 | 4,8 | 7,1 | 6,2 | 5,3 | 6,6 |
| -дигар даромадҳои пулӣ (аз ҷумла дар омад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ) | Сомонӣ | 94,27 | 150,77 | 162,85 | 202,68 | 203,68 | 300,57 | 328,42 | 323,18 |
| | % | 26,8 | 40,3 | 39,7 | 42,61 | 39,3 | 43,9 | 41,4 | 35,1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024. –С. 118

Таҳлили сохтори даромади аҳолӣ ва вазъи муосири сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки айни замон сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ даромадҳои меҳнатӣ ба шумор меравад. Дар соли 2023 ба даромади меҳнатӣ 38,9%-и даромади умумии аҳолӣ рост меомад, ки нисбат ба соли 2016 7,8% камтар аст. Ҳиссаи нафақа, ёрдампулӣ, стипендия дар даромади умумии аҳолӣ дар 8 соли охир 6,3-5,9%-ро ташкил медиҳад ва тамоюли афзуншавиро дорад. Ба нишондиҳандаи даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ 35,1%-и даромади умумии аҳолӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2016 8,3% зиёдтар аст. Дар ташаккулёбии сарчашмаи даромади аҳолӣ даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ низ нақши назаррас дорад, агарчанде солҳои охир тамоюли пастравии он ба чашм мерасад. Агар дар соли 2016 даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ 12,49%-ро аз ҳисоби умумии даромадро ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2023 то 6,6% коҳиш ёфтааст.

Таҳлили сохтори истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар соли 2023 99,9% даромади аҳолӣ барои хароҷоти истеъмолӣ сарф шудааст. Аз ин миқдор 47,2% барои хариди хӯрокворӣ 38,3% барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа, 0,07% барои хариди машрубот ва 13,3% барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ сарф гардидааст. Ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ дар истифодаи умумии даромади аҳолӣ дар соли 2016 90,2%-ро ташкил медод ва таносубан ҳиссаи хароҷот барои хариди хӯрокворӣ ба 54,3%, барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа ба

23,7%, барои хариди машрубот ба 0,1%, барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ ба 12,1% баробар буд.

**Ҷадвали 3.2. - Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ, бо % (аз рӯи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| а) Хароҷоти истеъмолӣ | 90,2 | 89,9 | 88,7 | 85,2 | 99,0 | 98,0 | 99,6 | 99,9 |
| барои хариди хӯрокворӣ | 54,3 | 49,2 | 46,5 | 45,9 | 60,7 | 46,9 | 47,4 | 47,2 |
| барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа | 23,7 | 27,1 | 27,91 | 24,7 | 26,7 | 26,8 | 28,5 | 38,3 |
| барои хариди машрубот | 0,1 | 0,08 | 0,07 | 0,05 | 0,2 | 0,09 | 0,09 | 0,07 |
| барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ | 12,1 | 13,6 | 14,2 | 14,5 | 10,7 | 21,7 | 21,2 | 13,3 |
| Андозҳо, пардохтҳо | 9,8 | 10,1 | 11,3 | 14,8 | 2,83 | 1,95 | 0,44 | 0,07 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. –С.120

Ҳамин тавр таҳлили сохтори ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна ва истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ нишон медиҳад, ки новобаста аз он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст, ҳиссаи нафақа, стипендия ва пардохтҳои ҷубронӣ, ёрдампулӣ, кумаки башардӯстона дар сохтори даромади аҳолӣ ночиз аст. Он танҳо барои хариди маҳсулоти хӯроквории ниёзи аввал сарф карда мешаваду халос. Аз ин рӯ, зарур аст сиёсати маблағгузорӣ дар беҳдошти иҷтимоӣ дар шакле таҳия карда шавад, ки маблағгузории давлатӣ фаъолиятҳои хоҷагидориро дар байни аҳолӣ ҳавасманд гардонад. Зеро аҳолии осебпазир имконияти нисбатан самаранок истифода намудани маблағҳои ночизро нисбати табақаҳои миёна ва сарватманди ҷомеа доранд.

Агар маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ аз рӯи маҳсулнокии он ба роҳ монда шавад, ба андешаи мо он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири назаррас расонад. Ин дар умум ба болоравии маҳсулнокии умумии меҳнат дар ҷомеа таъсир расонида, маҷмуи тақозоро аз ҳисоби зиёд намудани хароҷоти зиддисиклӣ ҳангоми бухронҳои иқтисодӣ ба шуғл ва даромади миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар баробари ин самараҳои ғайримустақими он тариқи ҳавасмандгардонии ҳифзи иҷтимоӣ, афзунсозии сармояи инсонӣ, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таъсиррасонӣ ба маҳсулнокӣ метавонад ба афзоиши минбаъда мусоидат кунад.

Қайд кардан зарур аст, ки ба синни аз қобили меҳнат хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3649,6 ҳазор нафар ё 35,95% ва ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар 624,1 нафар ё 6,52%-аҳолӣ рост меояд. Маблағгузорӣ ба ин табақаи аҳолӣ албатта ба ҳамроҳшавии як гурӯҳ аз ин табақаи аҳолиро дар оянда ба қувваи коргари соҳибтахассус имконият медиҳад.

**Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаҳои муаррификунандаи сохтори умумии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 9886,8 | 10078.4 | 10288,3 |
| синни аз қобили меҳнат хурд | 3009,6 | 3063,6 | 3129,9 | 3191,0 | 3258,0 | 3600,0 | 3649,6 | 3698,2 |
| Синни қобили меҳнат | 5273,2 | 5379,8 | 5473,9 | 5567,4 | 5664,3 | 5703,3 | 5804,7 | 5918,8 |
| аз синни қобили меҳнат калонтар | 460,0 | 487,8 | 522,8 | 555,4 | 584,0 | 583,5 | 624,1 | 671,3 |
| Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд | 73,7 | 74,9 | 75,0 | 75,1 | 75,2 | 75,2 | 76,3 | 76,5 |
| Афзоиши солонаи аҳолӣ, % | 2.2 | 2.2 | 2.2 | 2.2 | 2.4 | 4,00 | 1,94 | 2,08 |
| Сатҳи саводнокии аҳолии калонсол (%) | 99.9 | 99.8 | 99.5 | 99.4 | 99.8 | 99.8 | 99.8 | 99.8 |
| Фарогирии умумӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ (%) | 100.5 | 100.7 | 101.0 | 101.5 | 100.9 | 100.9 | 100.6 | 100.65 |
| Аҳолии камбизоат (%) | 30.3 | 29,5 | 27,4 | 26.3 | 24,5 | 23,4 | 22,5 | 21,2 |
| Дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ (%) | | | | 70.4 | 81.2 | 84.2 | 85.3 | 83,5 |
| Аҳолии дорои дастрасӣ ба санаторияҳо (%) | | | | 93.9 | 97.0 | 97.5 | 98.2 | 92,1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024. –414С.

Самти муҳимми сиёсати иҷтимоӣ бояд ба паст гардонидани нобаробарии тақсимоти даромадҳо дар мамлакат равона карда шавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сатҳи нобаробарии тақсимоти даромад дар Ҷумҳурииии Тоҷикистон ба 20 ва қимати коэффитсенти Ҷинӣ ба 0,34 воҳид баробар аст. Мувофиқи маълумотҳои ташкилотҳои байналмилалӣ агар қимати коэффитсенти Ҷинӣ ба 0,3 до 0,4 воҳид баробар бошад, ин ифодакунандаи он аст, ки дар мамлакат сатҳи муътадили нобаробарӣ ҷой дорад. Дар баробари ин, чӣ тавре, ки аз ҷадвал бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати нишондиҳандаи сатҳи нобаробар тақсим шудани даромадҳо ва коэффитсенти Ҷинӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле баланд аст. Ба андешаи мо агар муқобили чунин раванд чораандешӣ карда нашавад, он метавонад сабаби аз сатҳи муътадил баромадани ин нишондиҳанда гардад.

**Ҷадвали 3.4. - Нишондиҳандаҳои ифодакунандаи дараҷаи нобаробари тақсимоти даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2020**

| | Тоҷикистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Туркманистон |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи нобаробарии даромад. % | 20.3 | 10.3 | 12.2 | 26.8 |
| Коэффисиенти Ҷинӣ % | 36.4 | 26.9 | 26.8 | / |

**Сарчашма:** Шуъбаи омории СММ. URL: http://data.un.org/Search.aspx?q=Tajikistan

Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар давлатҳои сатҳи даромадашон баланд ва миёна, ки дар онҳо сатҳи фарогирии суғуртаи иҷтимоӣ фарох аст, таъсири суғуртаи иҷтимоӣ ба тақсимоти даромадҳо назаррас аст. Махсусан дар давлатҳои Аврупои шарқӣ вобаста ба зиёд шудани маблағгузорӣ дар самти суғуртаи иҷтимоӣ коэффитсенти Ҷинӣ 16% паст гардид. Дар давлатҳои сатҳи даромадашон паст нақши ин нишондиҳанда дар таъмини баробарии даромадҳо ночиз аст.

Маъмулан рушди иқтисодӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми баробарии иҷтимоӣ ва самаранокии истеҳсолот баррасӣ карда

мешавад. Аз ин лиҳоз, мавҷудияти тафриқаи назаррас аз тақсимоти нобаробари даромадҳо ба рушди иқтисодӣ таъсири зиёд мерасонад, ки он ба рушди сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ монеъ мешавад. Аз ин нуқтаи назар мукаммалгардонии низоми ҳифзи иҷтимоӣ то андозае метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунад.

Ба андешаи мо тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат метавонад ба воситаи се нишондиҳанда ба рушди иқтисодӣ таъсиррасон бошад:

1. Соддагардонии низоми қарздиҳӣ ба табақаҳои камбизоат ва ниёзманде, ки қобилияти хуби фаъолияти пешбурди соҳибкориро доранд.

2. Таъмини амнияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии табақаҳои гуногуни ҷомеа ба дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ. Ҳифзи иҷтимоӣ метавонад истеъмолот ва дороии шахсони эҳтиёҷмандро аз ҳар гуна хавфҳо ҳифз намояд, ки ин боиси истифодаи самараноки захираҳо аз тарафи онҳо мегардад.

3. Беҳтаргардонии низоми тақсимоти оптималии захираҳои аҳолӣ ва шахсони эҳтиёҷманд. Ҳифзи иҷтимоӣ метавонад ба тақсимоти оптималии вақт ва захираҳои хонаводаҳо таъсир расонад, ки ин дар навбати худ ба афзоиши даромади онҳо вобаста ба тағйирёбии қобилияти харидории онҳо, сармоягузорӣ ба таҳсилот, шуғли кӯдакон, тақсимоти кор байни аъзоёни оила ва тасмимҳояшон барои муҳоҷират таъсир расонад.

Чунин таъсиротро дар се сатҳ мушоҳида намудан мумкин аст: сатҳи шахсони алоҳида ва хонаводаҳо (микросатҳ); дар сатҳи ҷомеа (мезосатҳ) ва дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ (макросатҳ).

Чӣ тавре, ки аз расми 3.4. бармеояд, маблағгузорие, ки аз тарафи буҷети мамлакат ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ харҷ карда мешавад, ҳангоми мақсаднок истифода намудани он самараи он дар шакли фарохтар дар рушди иқтисодӣ дар микро, мезо ва макросатҳ бармегардад, ки дар оянда сабаби камшавии фишори иҷтимоӣ дар ҷомеа, пастшавии сатҳи камбизоатӣ, кам гардидани вобастагии табақаҳои эҳтиёҷманд ба кумакпулиҳо ва ғ. мегардад.




**Расми 3.4. - Таъсири мутақобилаи маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ дар мамлакат**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст.

Чӣ тавре, ки аҳолии камбизоат ва гурӯҳҳои осебпазир имконияти баробар бо табақаҳои дигари ҷомеаро надоранд, маблағгузории давлатӣ барои дастгирии онҳо дар микросатҳ метавонад барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ба воситаи ташаккулёбии сармояи асосӣ ва гардон, афзоиши сармоягузорӣ, ташаккулёбии сармояи инсонӣ, пешгирии талафоти сармояи истеҳсолӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷобаҷогузории оқилонаи қувваи коргарӣ, ташаккулёбии пасандозҳо ва ғайра мусоидат намояд.

Сармоягузорӣ ба рушди табақаҳои осебпазир метавонад имкониятҳои баробарро барои онҳо барои пешбурди фаъолият ва воридшавӣ ба бозорҳои қувваи корӣ мусоидат намояд.

Сармоягузорӣ ба рушди моддӣ ва равонии гурӯҳҳои осебпазир омили муҳим барои дастрасӣ ба омӯзиши якумрӣ ва азхудкунии малакаҳои касбӣ ба шумор меравад. Он ҳамчунин имкон медиҳад малакаҳо барои шуғли оянда ба даст оварда шуда, рушди ҳиҷрати аҳолӣ, баланд бардоштани беҳдошти

иҷтимоӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба манзил, беҳтарсозии тафриқаи байни минтақаҳо, рушди сармоягузорӣ ба некӯаҳволии ҷомеаҳо ва сармояи иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад.

Дастгирии рушди мунтазами фаъолияти соҳибкорӣ ва бозорҳои фарогири меҳнат бояд сиёсати калидии ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор равад. Зеро он ба рушди тиҷорат, болоравии маҳсулноки меҳнат, мутобиқкунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ширкатҳои хурд ва ҷавон ба рақамикунонии равандҳои истеҳсолот дар тамоми ҷаҳон, ноил шудан ба бозорҳои фарогири меҳнат ва идоракунии оптималии захираҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Дар муқоиса ба роҳандозии сиёсати ҳифзи иҷтимоии нофаъол сиёсати иҷтимоии ба рушди фарогир асосёфта маҷмуи чорабиниҳои фарогирро дар самти рушди иқтисодӣ, беҳдошти саломатӣ, таҳсилот ва касбомӯзӣ, мукаммалгардонии сиёсати андозиву буҷавӣ, сиёсати танзими давлатӣ ва сохторӣ, ҳавасмандгардонии маблағгузорӣ ба илм, рушди савдо ва ҳавасмандгардонии рақобат, сиёсати ҳифзи муҳити зист ва ғайраро дарбар мегирад.

Дар баробари ин сиёсати иҷтисодии фарогир бояд ба тағйирёбии сохтори оила ва шароити зиндагӣ мутобиқ карда шуда, маҷмуи васеи нишондиҳандаҳои иҷтимоиро дар самти таъмини баробарии иҷтимоӣ ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, пешгирии хавфҳои иҷтимоӣ ва ғ. фаро гирад.

Сиёсати ҳифзи иҷтимоии дар оянда татбиқшаванда, ба ақидаи мо ҳамчунин бояд ба оилаҳои камбизоат имконият диҳад, ки сармояи аввалияи истеҳсолӣ захира намуда, аз ҳисоби дастрасӣ ба қарз, барои таъсиси тиҷорати хурд сарчашмаи маблағгузорӣ пайдо намоянд, ки дар ниҳоят истеҳсолот ва истеъмолотро афзун намуда, маблағгузориҳоро ба ниёзҳои иҷтимоӣ зиёд мегардонад.

Ҳифзи иҷтимоӣ бояд маҷмуи чорабиниҳоро дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ байни гурӯҳҳои осебпазир дарбар гирад. Зеро агарчӣ ҷудосозии кумакҳои хурди ҳармоҳа асосан самараи кӯтоҳмуддат медиҳад, дараҷаи

вобастагии ин гурӯҳи аҳолиро ба кумакпулиҳои давлатӣ кам намегардонад. Баръакс, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ самараи дарозмуҳлат дошта, имконияти таъмини мустақилияти аҳолии камбизоатро дар оянда фароҳам меоварад.

Таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоиро ба вазъи бозори меҳнат тариқи чораҳои бавосита ва бевосита зиёд намудан мумкин аст. Агар аз як тараф пешниҳоди шароитҳои хуби корӣ ба шуғл таъсири мусбӣ расонад, аз тарафи дигар ҷудо намудани кумакпулиҳо ба шахсони эҳтиёҷманд, баръакс метавонад вобастагии онҳоро ба чунин маблағҳо зиёд гардонад. Барои мисол гачанде, ки дар давраи кӯтоҳмуддат кумакпулӣ ба бекорон муҳлати бекорӣ ва давраи дар қайди давлатӣ қарор доштани онҳоро зиёд гардонад, дар баробари ин, он метавонад раванди ҷустуҷӯ ва дарёфти корро вобаста ба малакаҳои онҳо беҳтар гардонад, ки дар ниҳоят хавфи такроран бекор мондани ин гурӯҳи аҳолиро камтар мегардонад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба таъсиси ҷойҳои корӣ ба шакл ва ҳадафи барномаҳои амалишаванда алоқаманд аст.

Дар баробари ин сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ метавонад ба зиёдшавии сармоягузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат намояд. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ маъмулан ба сафарбаркунии кӯдакони бесаробон ба мактаб барои таҳсилот ва беморхонаҳои шаҳрӣ барои эмгузаронӣ ва нигоҳдории саломатӣ дар мадди аввал қарор медиҳад. Таъмин намудани шароит барои чунин гурӯҳи кӯдакон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, имкониятҳои онҳоро барои воридшавӣ ба бозори меҳнат боз ҳам зиёдтар мегардонад. Аз ин лиҳоз, сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ва маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ бояд дар асоси чунин принсипе ба роҳ монда шавад, ки ташаккулёбии сармояи инсониро ҳадафи асосии худ қарор дода, таъсири онро ба рушди иқтисодӣ зиёда гардонад.

Чӣ тавре ки ҳадафи асосии сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад, он бояд ба нобаробарии иҷтимоӣ хотима бахшад. Зеро мубориза бо нобаробари иҷтимоӣ нақши муҳимро дар ноил гардидан ба рушди иқтисодии устувор мебозад, зеро мавҷудияти он ба

одамони камбизоат имконият намедиҳад, ки ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ шароит фароҳам оварад ва имконияти худро пурра кушояд.

Дар микросатҳ низоми ҳифзи иҷтимоӣ метавонад нобаробарии иҷтимоиро бо ду роҳ батараф намояд:

1. Ин барномаҳо ҳадди ақали некуаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодии хонаводаҳоро кафолат медиҳад ва ҳамчун шабакаи суғуртавӣ барои хоҷагиҳои камбизоат ва осебпазир баромад менамоянд, то онки сатҳи бекориро паст намуда, ҳаракати иҷтимоии онҳоро таъмин намоянд.

2. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дастрасии баробарро ба имкониятҳо аз ҳисоби бартараф намудани маҳдудиятҳои қарзӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ монеа эҷод менамояд, фароҳам меоварад. Он монеаҳоро барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф бартараф месозад. Ҳамзамон, дастрасӣ ба муассисаҳои оилавиро таъмин менамояд, ки рушди фарогирро барои онҳо кафолат медиҳад.

**Ҷадвали 3.5. - Таъсири фарогирандаи беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар микросатҳ**

| Марҳилаҳои давраи ҳаётӣ | Самара дар микросатҳ | Натиҷаҳо |
|---|---|---|
| Синни кӯдакӣ ва наболиғӣ | Самоягузорӣ ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ | Фарогирӣ ба мактаб<br>Таъмини иштирок дар дарсҳо<br>Парасторӣ ҳангоми ҳомиладории барвақтӣ<br>Ташкили шуғли кӯдакон |
| Синни соли корӣ | Ташаккулдиҳии фондҳои истеҳсолӣ | Пешгирии талафи сармояи истеҳсолӣ<br>Рушди соҳибкорӣ ва навоварӣ<br>Ҷобаҷогузорӣ ва тақсимоти оқилонаи қувваи корӣ<br>Иштирок дар қувваи корӣ<br>Худмашғулиятӣ<br>Рушди муҳоҷират<br>Рушди истеъмолот ва пасандоз<br>Fertility |
| Солхӯрдашавӣ | Таъсиррасонӣ ба тақсимоти қувваи коргарӣ | Иштирок дар қувваи корӣ, шуғл |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Дар сатҳи ҷомеа маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби афзунсозии истеъмолот ва истеҳсолоти маҳаллӣ таъсири мултипликативӣ ба вуҷуд орад,

ки он ба ташаккулёбии дороиҳои истеҳсолӣ дар сатҳи ҷамъият оварда мерасонад. Андозаи чунин самараи мултипликативӣ ба хусусият ва андозаи кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва дараҷаи фарогирии онҳо алоқаманд аст.

Гарчанде, ки суғуртакунии иҷтимоӣ ба паст шудани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат менамояд, таъсири азнавтақсимкунии захираҳо дар он ба сохтори барномаҳо вобаста аст. Ва баръакс дар давлатҳои сатҳи даромадашон паст андозаи суғуртаи иҷтимоӣ натавонист ба кам кардани нобаробарии тақсимоти даромадҳо саҳмгузор бошад.

Ҳамин тариқ, маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ба рушди иқтисод ва тақсимоти баробари даромадҳо дар сатҳи микро, мезо ва макро таъсири назаррас мерасонад. Сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчунон метавонад тариқи афзоиши равандҳои муҳоҷират ба сатҳи рушди иқтисодӣ таъсир расонад. Амалисозии барномаҳои кумаки иҷтимоӣ барои сафарбар намудани аҳолии камбизоат ба хориҷӣ кишвар барои кор ва фаъолият имкон медиҳад интиқоли пулии муҳоҷирон дар оянда афзоиш ёфта, истифодаи онҳо дар равандҳои такрористеҳсолии иқтсодиёти миллӣ васеъ гардонида шавад.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби сеюм:**

1. Самти муҳимми мукаммалгардонии идоракунии иҷтимоӣ муқаррарсозии қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва рушди идоракунии иҷтимоӣ, омилҳои ба он таъсиррасон, принсипҳои ташаккулёбӣ ва усулҳои идоракунӣ ба шумор мераванд. Дар таъминоти иҷтимоии аҳолӣ нақши махсусро дастрасии иттилоот ба тамоми қишрҳои аҳолӣ аз тарафи мақомоти танзимкунандаи соҳа ва ё сохторҳои таъминкунандаи аҳолӣ бо воситаҳои иҷтимоӣ мебозад.

2. Самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ пурзӯр намудани дастгирии моддии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва сари вақт расонидани ёрии давлатӣ ба онҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон, таъмини дастрасии ҳамагон ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва пеш аз хама, хизмати маишии шаҳрвандон мебошад. Дар диссертасия чунин самтҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешбинӣ карда шудаанд: таъминоти моддии шаҳрвандон, бароҳмонии хизматрасонии иҷтимоӣ – маишӣ дар

осоишгоҳҳо ва хона, расонидани ёрии тиббӣ, бо кор таъмин намудан ва кумаки амалӣ расонидан, ҷорӣ намудани меъёрҳои нави касбӣ, барномаҳои бозомӯзӣ ё такмили ихтисоси кадрҳо, ки маълумот ё ихтисоси дахлдор надоранд.

3. Таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ танҳо вазифаи давлат набуда, дар ин самт бояд нақши соҳибкорон ва корфармоён, муассисаҳои хайриявӣ, хешу таборони гурӯҳҳои осебпазир назаррас бошад. Зарур аст, фаъолияти гурӯҳҳои зикргардида дар раванди таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда шуда, вазифаву ӯҳдадориҳои ҳар яки онҳо дар беҳдошти иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир асоснок карда шавад. Дар асоси ин ақида аз тарафи муаллиф механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда шудааст.

4. Чунин роҳҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад: гуногунрангсозии манбаъҳо ва мукаммалгардонии зерсохторҳои таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз сифати ташкили ҳифзи иҷтимоӣ ва қабули чораҳо дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ. Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум бояд, қабули чорабиниҳоро дар самти боз ҳам баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат, паст намудани дараҷаи камбизоатӣ, васеъ гардонидани таркиби сабади истеъмолии аҳолии ниёзманд дар бар гирад.

5. Дар диссертатсия механизми ташкили иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод гардидааст. Дар механизми пешниҳодшуда раванди идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пайдарҳамии амалисозии чораҳои идоракунӣ нишон дода шуд, ки он маҷмуи чорабиниҳоро оид ба муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазир, вобастакунии онҳо ба сохтори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва натиҷагирӣ аз амалҳои анҷомдодашударо фаро мегирад.

6. Тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат метавонад ба воситаи се нишондиҳанда ба рушди иқтисодӣ таъсиррасон бошад: Соддагардонии низоми қарздиҳӣ ба табақаҳои камбизоат ва ниёзманде, ки қобилияти хуби фаъолияти пешбурди соҳибкориро доранд, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии табақаҳои гуногуни ҷомеа ба дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ, беҳтаргардонии низоми тақсимоти оптималии захираҳои аҳолӣ ва шахсони эҳтиёҷманд.

## ХУЛОСАҲО

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавзӯи таҳқиқшаванда хулоса ва пешниҳодҳои зерин бармеоянд:

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Низоми муосири ҳифзи иҷтимоӣ зери таъсири маҷмӯи омилҳо ва принсипҳое ташакул ёфтааст, ки барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ равона карда шуда, идоракунии самараноки он яке аз самтҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Дараҷаи рушди беҳдошти иҷтимоӣ имрӯз яке аз омилҳои муҳими ислоҳоти сифатии хоҷагидорӣ дар самти табдил додани иқтисоди мамлакат ба давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад [2-М; 11-М].

2. Идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - таъсири мақсадноки аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлат ташкилшударо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба иҷрои ин вазифаи иҷтимоии давлат ифода менамояд, ки аз якчанд зернизомҳо ташаккул ёфта, ҳомоҳангсозии мустақими идоракунии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва маҳаллиро таҷассум менамояд. Идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун шохаи васеи идоракунии давлатӣ, ки аз воҳидҳои ба ҳам алоқаманд ва тобеи давлат иборат аст, бо объекти ягонаи идоракунӣ муттаҳид гардида, вазифаҳо ва мақсадҳои махсусро иҷро мекунанд, ки ба дастгирӣ ва таъмини сатҳи мӯътадили зиндагонии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашуда мусоидат мекунанд [ 1-М; 12-М ].

3. Дар диссертатсия усулҳои идоракунии бахши иҷтимоӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф карда шуда, хусусиятҳои усулҳои идоракуниии иқтисодӣ, маъмурӣ, ташкилӣ ҷудо карда шудаанд. Гурӯҳбандии мамлакатҳои хориҷӣ вобаста ба татбиқи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ, хавфҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст. Муайян карда шудааст, ки асоси низомҳои муосири давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, асоси сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар давлатҳои хориҷӣ ба ҳисоб рафта, ду институти асосиро

ташкил медиҳанд: суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоии давлатӣ[ 4-М; 9-М ].

4. Дар кори таҳқиқот вобаста ба воситаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ тамсилаҳои муваффақи он гурӯҳбандӣ карда шудаанд ( тамсилаи иҷтимоӣ-демократӣ; тамсилаи неолибералӣ; тамсилаи ғайриконсервативӣ; тамсилаи нави бевериҷӣ). Собит карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои алоҳидаи ҳар як модели зикргардидаро истифода бурдан мумкин аст, он метавонад аз моделҳои ҷойдошта ба куллӣ фарқ намояд. Собит карда шудааст, ки идоракунии самараноки ҳифзи иҷтимоӣ истифодаи муносибати маҷмӯиро ба интихоби усулҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад[ 5-М; 12-М ] .

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми махсусии идоракунии институсионалии ҳифзи иҷтимоӣ ташакул ёфтааст, ки ба модели иҷтимоии давалтҳои шарқ аз як тараф ва давлатҳои давраи гузариш аз тарафи дигар хос аст. Низоми муосири ватании ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ ва таъмини ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва хушбахтонаи инсон асос ёфтааст [ 1-М; 12-М ] .

6. Дар диссертатсия асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ ошкор карда шуда, меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи он дақиқ карда шуданд. Новобаста аз оне, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ниҳоят васеи имтиёзҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамояд, андозаи нисбатан паст ва нокифоя будани нафақа, пардохту ёрдампулӣ, нақши он дар баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии табақаҳои осебпазири аҳолӣ назаррас нест. Новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ сиёсати иҷтимоӣ ба манфиати тамоми шаҳрвандон, бо назардошти принсипи баробарии ҳуқуқи зану мард ба назар гирифта шудааает, низоми мураккаби таъминоти нафақа ҷой дорад, ки зарурати соддагардонии он ҷой дорад [ 2-М; 12-М ] .

7. Дар диссертатсия хулосабарорӣ карда шудааст, ки мавҷудияти тафриқаи назаррас аз тақсимоти нобаробари даромадҳо ба рушди иқтисодӣ таъсири муайян мерасонад, ки он ба рушди сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ монеъ мешавад. Аз ин нуқтаи назар мукаммалгардонии низоми ҳифзи иҷтимоӣ то андозае метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунанд. Таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоиро ба вазъи бозори меҳнат тариқи чораҳои бавосита ва бевосита зиёд намудан мумкин аст. Агар аз як тараф пешниҳоди шароитҳои хуби корӣ ба шуғл таъсири мусбӣ расонад аз тарафи дигар ҷудо намудани кумакпулиҳо ба шахсони эҳтиёҷманд баръакс вобастагии онҳоро ба чунин маблағҳо метавонад зиёд гардонад [ 4-М; 10-М ] .

8. Самти муҳими мукаммалгардонии идоракунии иҷтимоӣ муқаррарсозии қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва рушди идоракунии иҷтимоӣ, омилҳои ба он таъсиррасон, принсипҳои ташаккулёбӣ ва усулҳои идоракунӣ ба шумор мераванд. Дар таъминоти иҷтимоии аҳолӣ нақши махсусро дастрасии иттилоот ба тамоми қишрҳои аҳолӣ аз тарафи мақомоти танзимкунандаи соҳа ва ё сохторҳои таъминкунандаи аҳолӣ бо воситаҳои иҷтимоӣ мебозад. Бахши иҷтимоӣ мушкилтарин объекти идоракунӣ ба ҳисоб меравад ва ҳолати он ба як қатор омилҳо аз қабили ҷойгиршавии ҷуғрофии мамлакат, хусусияти миллӣ ва фарҳангӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра вобаста аст [ 11-М ] .

9. Таҳлили сохтори ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна ва истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ нишод медиҳад, ки новобаста аз он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст, ҳиссаи нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона дар сохтори даромади аҳолӣ ночиз буда, асосан онҳо барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешаванду халос. Аз ин рӯ зарур шуморида мешавад, сиёсати маблағгузорӣ дар беҳдошти иҷтимоӣ дар шакле таҳияи карда шавад, ки маблағгузории давлатӣ фаъолиятҳои хоҷагидориро дар байни аҳолӣ ҳавасманд гардона[ 1-М ; 5-М] .

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар таҳқиқоти гузаронида ошкор карда шуд, ки новобаста аз он, ки дар ҳар як кишвар таъминоти иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ҳифзи иҷтимоӣ дар аксари ҳолатҳо ба принсипҳои дастрасӣ, умумият, мутобиқшавӣ, адолатнокӣ ва масъулиятнокӣ асос мегирад. Нишондиҳандаи муҳиме, ки дар давлатҳои хориҷӣ самти ҳифзи иҷтимоиро муқаррар месозад, ин сатҳи имкониятҳои буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Зарур шумоида шудааст дар Тоҷикистон унсурҳои алоҳидаи давлатҳои мутараққии саноатии қитъаи Амрико ва Осиё татбиқ карда шаванд. Махсусан ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили курсҳои омӯзишӣ ва ташкили фондҳои нафақавии хусусӣ низ аз манфиат берун нахоҳад буд[ 9-М] .

